МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ба 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли 2019-2021 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», бахшида мешавад**

БОБОКАЛОНОВ Ғ. М., МАҲМАДШОЗОДА Ф.А.

# ТАФСИРИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲУНАРМАНДӢ»

Душанбе – 2021

УДК 340:334.712
ББК 67.405 (2тоҷик)-2+44.00+25.32
Б-72

**Бобокалонов Ғ. М., Маҳмадшозода Ф. А. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ». / Зери назари Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Иззатулло Ҳабибулло. – Душанбе: «00000», 2021. – 159 саҳ.**

**Муқарризон:**

**Сангинов Д. Ш.** - мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Шарифов И. М.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

**Муҳаррир:** Самандари Искандар

Дар китоби мазкур меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ» аз 20 июни соли 2019, №1619 модда ба модда тафсир шуда, дар асоси адабиётҳои ҳуқуқии соҳавӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, инчунин санадҳои зерқонуние, ки бо қонуни мазкур алоқамандӣ доранд, омода гардидааст.

Тафсири мазкур барои доираи васеи олимон, эҷодкорон, ҳунармандон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кормандони мақомоти соҳавӣ, ҳуқуқшиносон, донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва ҳамаи онҳое, ки ба масъалаҳои ҳунармандӣ таваҷҷӯҳ доранд, тавсия мешавад.

**© Бобокалонов Ғ.М., Маҳмадшозода Ф.А. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.**

**Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад.**

*Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶумҳурииТоҷикистон аз 22 декабри соли 2017*

# П Е Ш Г У Ф Т О Р

Ҳунарҳои мардумӣ аз ҷумлаи муҳимтарин падидаҳои ҳаёти инсонӣ маҳсуб ёфта, ҳазорсолаҳо дар маркази таваҷҷуҳи олимон ва муҳаққиқони бахшҳои гуногун аз ҷумла, ҳуқуқ, иҷтимоиёт, иқтисодиёт фарҳанг ва таърих ва ғайра қарор дорад. Ҳунармандӣ ҳамчун фаъолияти меҳнати фоидаовари ҳар як инсон, ки баҳри ба вуҷуд овардани арзишҳои моддӣ, маънавӣ ва дигар неъматҳои моддию зеҳнии миллӣ равона гардида, барои ҳаёт ва қонеъ намудани талаботи инсон ва ҷомеа, нақши муҳимро ишғол менамояд[1].

---

[1]Бобокалонов Ғ.М. Баъзе масоили қонунгузорӣ оид ба ҳунарҳои мардумӣ дар Тоҷикистон. //Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140 солагии зодрӯзи қаҳрамониТоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». МДМТ. – Душанбе: 2018. -С.417-418.

Асоси вожаи ҳунарҳои мардумӣ ин ҳунармандӣ маҳсуб мешавад, ки бахши муҳими фаъолияти инсонро дар ҳаёт ифода мекунад.

Дар маҷмӯъ имрӯзҳо ба ҳар як шакли ҳунармандӣ диққати махсус дода шуда, фаъолияти мазкур аз нуқтаи назари мухталиф баҳогузорӣ мешавад. Маҳз касбу ҳунар боиси пайдоиши фаъолиятҳои гуногуни иқтисодӣ гардид. Ҳунарҳои мардумӣ, барои мисол, ҳамчун фаъолияти меҳнати фоидаовари ҳар як инсон, ки баҳри ба вуҷуд овардани арзишҳои моддӣ, маънавӣ ва дигар неъматҳои моддию зеҳнии миллӣ равона гардида, барои ҳаёт ва қонеъ намудани талаботи инсон ва ҷомеа зарур аст, фаҳмида мешавад.

Таваҷҷӯҳи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози сиёсӣ ба рушди ҳунармандӣ ниҳоят зиёд аст. Дар робита ба нақши касбу ҳунар, ҳунармандӣ Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки “Мо аз таърихи пурифтихори халқамон хуб медонем, ки амалҳои созандаву бунёдкорона ва эҷодкориву офарандагӣ фазилати муҳимтарину хосаи тоҷик буда, ҳунару санъати шаҳрсозиву шаҳрдории тоҷикон аз умқи асрҳо сарчашма мегирад.”[1]

Боиси зикр аст, ки оид ба ташаккул ва инкишофи қонунгузорӣ дар бораи ҳунармандӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихии рушди давлатҳои ҷаҳон мунтазам таҳқиқотҳои илмӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода мешаванд. Имрӯз қонунгузорӣ дар бораи ҳунармандӣ ба ҳайси объекти

---

[1]Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. – С.324-325.

таҳлили илмӣ баромад намуда, бар замми ин, таваҷҷӯҳи мутахассону олимон, муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба ин падидаи ҳаётан муҳим, афзуда истодааст. Сабаби таваҷҷӯҳи бепоён ба қонунгузорӣ дар бораи ҳунармандӣ дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихии он ва имрӯзҳо дар он аст, ки ҳунарҳо ҷузъи ҳаёти иқтисодӣ-фарҳангии инсонӣ буда, ҳаёти ҳамаррӯзаи ҷомеаи муосирро бе он тасвир намудан номумкин гардидааст. Агар ба таърихи тоинқилобии қонунгузорӣ дар бораи ҳунармандӣ назар намоем, бо баробари инкишофи ҷомеаи инсонӣ ва мураккаб гаштани муносибатҳои ҷамъиятии ҷомеа, нуфуз ва саҳми қонунгузор дар ин самт давра ба давра зиёд мегардид. Ҳануз давраҳои ташаккули аввалин давлатҳои соҳибтамаддуни қадим муносибатҳои ҳунармандӣ дар доираи меъёрҳои муайян ба танзим дароварда мешуд. Ҳунармандӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ҳамчун соҳаи анъанавии хизматрасонӣ дар оилаҳои ҳуқуқии романӣ-олмонӣ, англо-саксонӣ ва минбаъд бо меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ба танзим дароварда мешуд.

Ҳамин тавр, дар ҳудуди Тоҷикистони тоинқилобӣ низ муносибатҳои ҳунармандӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ва анъанаҳои одии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шуда, аммо танзими мушаххаси муносибатҳои мазкурро дар бар намегирифт. Муносибатҳои ҷамъиятии мазкур он замон дар доираи «Рисола»-ҳо амалӣ ва танзим мешуданд. «Рисола»-ҳо маҷмуи меъёрҳое, ба ҳисоб мерафтанд, ки муносибати меҳнатиро дар соҳаҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ ба танзим медароварданд. Дар муқарраротҳои бештари «Рисола» хусусияти ин ва ё он касб дарҷ гардида буданд. Аз ҷумлаи онҳо, Рисолаҳои «Оҳангарӣ», «Заргарӣ», «Музадӯзӣ ва кафшдузӣ», «Бо-

фандагӣ» мебошанд, ки дар онҳо қоидаҳои касбҳои зикргардида, пешбинӣ шуда буданд[1].

Дар ҳаёти имрӯза нақши давлат дар танзими ҳуқуқӣ ва идораи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа (иқтисод, ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва диг.), ҳалли умдатарин муҳкилоти ҳаёти инсонӣ ва хусусан, таъмини қонуният дар муносибатҳои ҷамъиятӣ баланд аст.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба рушди ҳунармандӣ дар сатҳи давлатӣ ва раванди ҳуқуқэҷодкунӣ эътибори ҷиддӣ дода шуда, бо ин роҳ соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт рушд ва фарҳанги миллии тоҷикон, ҳифз мегардад.

Ҳунармандӣ дар қонунгузорӣ бахусус моддаи 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои худро дорад. Тибқи ин меъёри конститутсионӣ ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад. Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад. Моликияти зеҳнӣ таҳти ҳимояи қонун аст. Аз мазмуни ин меъёрҳо бармеояд, ки давлат дар сатҳи олии қонунӣ ҳунармандиро ҳифз менамояд, ки ба мардум имконият медиҳад, ки тавассути ҳунарҳои дорои хусусияти зеҳнидошта дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа фаъолона иштирок намоянд.

Қонунгузор ба ҳар як шахс ҳуқуқ додааст, ки тавассути ҳунари худ дар ҳаёти фарҳангӣ ширкат варзад ва аз он фоида ба даст орад. Дар моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки “Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва

---

[1] Ниг.: Бобокалонов Г.М. Становление и развитие трудового законодательства в Республики Таджикистан (1917-1940 годы) – Душанбе: «Сино», 2004. –С. 14-15.

ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад”. Маҳз ҳуқуқ ба шаклҳои гуногуни моликият имкон медиҳад, ки тавассути ҳунари худ ҳар шахс ҳуқуқи молумулкӣ пайдо намояд.

Қабули қонунҳои марбут ба ҳунармандӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ” аз 1 августи соли 2003, №43 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ» аз 20 июни соли 2019, №1619 қадами хеле устувор дар рушду нумӯи он ва самараи муносибати ҷиддӣ дар ин самт мебошад.

Инчунин таъкид намудан зарур аст, ки бо мақсади тавсеаи рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудаи солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз 2 январи соли 2019, №1170 яке аз қадамҳои боэътимод дар самти ҳифзи ҳунармандӣ мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ»[1] дар асоси дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҳунармандӣ, барқарорсозӣ, ҳифз ва рушди мероси фарҳангӣ, қонеъ гардонидани талабот ба маҳсулоти ҳунармандӣ ва ба бозорҳои ҷаҳонӣ баровардани онҳо, фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи ҳунармандӣ ва беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии мардум таҳия карда шуда, аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ-аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷонибдорӣ шуд.

[1] Минбаъд Қонуни тафсиршаванда

Ҳангоми таҳияи Қонуни тафсиршаванда таҷрибаи байналмилалии дастгирӣ ва рушди ҳунарҳо, муайянсозии самтҳои ҳунармандӣ, омодасозии мутахассисони касбӣ, ташаккули шуғли аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ба инобат гирифта шуд. Татбиқи самараноки он барои рушди фарҳанг, тамаддун ва эҷодиёти пурғановати мардумии Тоҷикистон ва фаъолият дар ин самт заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард.

Бо мақсади ба роҳ мондани чораҳои зарурӣ, пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ, инчунин баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон муаллифони китоб тасмим гирифтанд, ки Қонуни тафсиршавандаро таҳия ва интишор намоянд.

Муаллифон кушиш намудаанд, ки дар тафсири мазкур, ки маротибаи аввал ба нашр мерасад шарҳи ҳар як моддаи Қонунро ба таври оммафаҳм, васеъ ва бо риояи усули соддабаёнӣ ба хонандаи гиромӣ пешниҳод намоянд.

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ ҲУНАРМАНДӢ

**Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, вазифаҳо ва принсипҳои асосии дастгирии давлатии соҳаи ҳунармандиро муқаррар менамояд.**

Мутобиқи қисми якуми моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 таркиби санади қонунгузорӣ метавонад аз муқаддима иборат бошад. Зикр намудан зарур аст, ки мафҳуми «муқаддима» аз лиҳози этимологӣ ба маъноҳои сарсухан, оғози сухан, даромади гап ва сӯҳбат, дебочаи китоб, пешгуфтори асар, ибтидои кор ва оғози амал омадааст.[1]

Дар робита ба муқаддима ва моҳияти он дар адабиёти ҳуқуқӣ фикру мулоҳизоти алоҳида мавҷуд аст. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки «Муқаддима ҳамчун қисми таркибии санади қонунгузорӣ барои муайян намудани мақсади қабули ин санад, мавзӯъ ва танзими ҳуқуқии он ба матни санади қонунгзорӣ дохил карда мешавад».[2]

Таҷрибаи қонунгузорӣ нишон дод, ки дар ҷумҳурӣ аксари қонунҳо, аз ҷумла Қонуни тафсиршаванда аз муқаддима иборат аст, ки дар он мақсади қабул, мавзӯъ ва тартиби танзимнамоии ҳуқуқӣ дарҷ гардидааст.

Мақсади асосии Қонуни тафсиршаванда қабл аз ҳама муқаррар намудани асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ, инчунин вазифаҳо ва принсипҳои асосии дастгирии давлатии соҳаи ҳунармандӣ мебошад.

---

[1] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, Душанбе, 2008. - С.830.
[2]Холиқода А.Ғ., Ҳоҷиев М. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», -Душанбе: 2017. -С. 220.

Мавзӯъи танзими ҳуқуқии Қонуни тафсиршаванда ҳунармандӣ ҳамчун фаъолияти мушаххаси иқтисодӣ мебошад, ки аз ҷониби як ё якчанд шахси воқеӣ ба амал бароварда мешавад.

Фаъолияти мазкур ҳамчун мавзӯи танзими ҳуқуқӣ барои истеҳсолоти дастӣ, ки ҳунарманд дар хона ё корхонаи хурд барои тайёркунӣ, коркард ва истеҳсоли молу маҳсулоти истифодаи маишӣ ва армуғон амалӣ менамояд, равона гардидааст.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

**Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:**

**- ҳунармандӣ - истеҳсолоти дастӣ, ки ҳунарманд дар хона ё корхонаи хурд барои тайёркунӣ, коркард ва истеҳсоли молу маҳсулоти истифодаи маишӣ ва армуғон амалӣ менамояд;**

**- ҳунарманд - шахси воқеии соҳиби малака, маҳорат, дониш ва ё тахассуси касбӣ, ки ба ҳунармандӣ машғул мебошад;**

**- шогирд-омӯзишгиранда - шахси воқеие, ки дар назди ҳунарманд ва ё дар муассисаи таълимӣ касби ҳунармандиро меомӯзад;**

**- феҳристи ҳунармандӣ - маҷмӯи иттилоот, ки дорои маълумот дар бораи субъектҳои ҳунармандӣ мебошад.**

Сархати якуми моддаи тафсиршаванда мафҳуми «ҳунармандӣ» - ро дарбар гирифтааст. Ҳунармандӣ одатан ҳамчун истеҳсоли ягон маҳсулот, ки тавассути меҳнати дастии ҳунарманд амалӣ мешавад, фаҳмида

мешавад. Ҳунарманд метавонад чунин амалро дар хонаи истиқоматии худ ё корхонаи хурде, тибқи қонунгузорӣ барои тайёркунӣ, коркард ва истеҳсоли молу маҳсулоти истифодаи маишӣ ва армуғон мувофиқ аст, амалӣ менамояд.

То як лаҳзаи муайяни таърихӣ ҳунармандӣ ва ҳунарманд ҳамчун фаъолияти умумиэътирофшудаи иқтисодӣ ва шахси муътабар дар ҷомеа ба шумор мерафт (то инқилоби соли 1917). Вале бинобар сабаби тағйири ҳаёти сиёсӣ-иқтисодӣ ҳунарманд ба қавле ҳаммаънои мутхассисе гашт, ки тахассуси паст, дараҷаи фарҳанги поён дошта, дар фаҳмиши ҷамъиятӣ гуё беобрӯ мебошад. Вақт нишон дод, ки ҳунармандӣ ва ҳунармандон асолати худро дошта дар таърихи давлатдорӣ нақши таъсирбахш гузоштаанд. Онҳо имрӯзҳо дар баробари соҳибкорон ва дигар қишрҳои ҷомеа дорои обрӯ ва эътибори хос мебошанд.

Мафҳумҳои "ҳунарманд", "ҳунармандӣ" аз лиҳози этимологӣ дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба маънои косиб, пешавар, боистедод, моҳир санъаткор, косибӣ, пешаварӣ, кордонӣ, маҳорат ва дар коре ҳунармандӣ нишон додан оварда шудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба моҳияти мафҳум ва мазмуни ҳунармандӣ, фаъолияти ҳунармандӣ фикрҳои мухталиф вуҷуд доранд. Тавре маълум аст мафҳуми мазкур дар фарқият аз мафҳуми соҳибкорӣ барвақт маълум буд. Асосан ҳунармандӣ ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ нисбат дода мешуд. Баҳси асосӣ дар мушаххас намудани мафҳуми "ҳунармандӣ" дар он аст, ки имрӯзҳо ҳунармандиро ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ эътироф менамоянд ё не?

Маҳакҳои эътироф намудани ин ё он фаъолият ба ҳайси ҳунармандӣ низ дар адабиёти ҳуқуқӣ гуногун нишон дода шудаанд. Аз ҷумла, ҳамчун маҳакҳои эътирофи ҳунармандӣ ҳаҷми камаҳамияти истеҳсолот, дараҷаи мустақилияти истеҳсолкунанда, принсипҳои ташкили истеҳсолот, набудани фарқияти аниқ байни соҳибкор ва корманд (иштироки шахсии ҳунарманд дар ҷараёни истеҳсолот) ва робитаи ҳунармандӣ бо заминдорӣ қайд гардидааст.[1]

Ба ақидаи бархе аз олимони ватанӣ мафҳуми "ҳунармандӣ", ки дар Қонуни тафсиршаванда пешбинӣ гардидааст номукаммал буда, моҳияти ҳунармандиро ҳамчун категорияи ҳуқуқию иқтисодӣ ифода наменамояд. Аз ҷумла, ба андешаи Шарифов И.М. ҳунармандӣ ҳамчун навъи соҳибкории хурд пеш аз ҳама ба фаъолияти ҳунарманд амалӣ карда мешавад, ки аз маҷмӯи амалҳои ӯ иборат буда қонун онҳоро зери танзими ҳуқуқӣ қарор медиҳад. Моҳияти ҳуқуқии он маҳз дар ҳамин ифода меёбад.

Ба андешаи муаллифи мазкур, агар хоҳем, ки соҳаи мазкур рушд ёбад, бояд, истифодаи воситаҳои механиконии хурдро дар ҳунармандӣ имконият диҳем. Дигар ин, ки дар тақвияти фикри худ муаллиф иброз менамояд, ки ҳунармандӣ ба малакаи касбии эҷодӣ ва маҳорати касбии ҳунарманд вобаста мебошад. Илова бар ин хусусият дар мафҳуми "ҳунарманд" (сархати дуюм моддаи 1 Қонуни тафсиршаванда), ки онро ҳамчун шахси воқеии соҳиби малака, маҳорат, дониш ва ё тахассуси касбӣ эътироф кардааст, ифода ёфтааст. Баъдан

[1]Ниг.:Пахолкова, А. Ю. Правовое регулирование малого предпринимательства в Российской Федерации: дис. …канд. юрид. наук. –М.: 2004. -С.40.

ҳунарманд шахсан ё дар корхонаи косибии чун қоида, ҳаҷман на он қадар калон фаъолият менамояд. Аз ин ҷо субъекти фаъолияти ҳунурмандӣ на танҳо шахси воқеӣ, балки корхонаи хурд, яъне ташкилоти соҳибкории хурд низ бояд бошад.

Бо дарназардошти таҳлили кардашуда муаллифи мазкур мафҳуми «ҳунармандӣ»-ро чунин пешниҳод менамояд: «Фаъолияти ҳунармандӣ – як навъи мустақили фаъолияти соҳибкории хурд оид бо тарзи дастии истеҳсолот ё ин, ки бо истифодаи воситаҳои механиконии хурд дар асоси истифодаи малакаи касбии эҷодӣ ва маҳоратнокии касбии истеҳсолӣ ё таъиноти ороишотии дорои хусусияти муқарраршудаи инфиродии муайян мебошад»[1]

Ба андешаи мо мафҳуми пешниҳодшуда тavри умум ба фаъолияти ҳунармандӣ наздиктар баён шуда, аҳамияти амалӣ дорад.

Дар сархати дуюми моддаи 1 Қонуни тафсиршаванда сухан дар бораи истилоҳи «ҳунарманд» меравад. Қонунгузор ҳунармандро ҳамчун субъекти ҳуқуқ-шахси воқеии соҳиби малака, маҳорат, дониш ва ё тахассуси касбӣ, ки ба ҳунармандӣ машғул аст, меҳисобад.

Гуфтан мумкин аст, ки ин сифатҳои шахсии мансуб ба шахси воқеӣ мебошанд, ки дар натиҷаи доштани онҳо ӯро метавон ҳамчун ҳунарманд эътироф намуд. Бояд тазаккур дод, ки яке аз ин сифатҳо-мустаҳкам намудани дониши ҳунарманд, басо муҳим аст, зеро ки маҳз тавассути

---

[1] Ниг.: Шарифов И. М. Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ). –Душанбе: 2019. –С.14-15.

самаранок ташкил намудани ҳунармандӣ дар шароити рақобати шадид, дониши дар раванди ҳунармандӣ, пайдо намудани маҳорату малакаи касбии гирифтаи ӯ тадриҷан мустаҳкам гардида, оқибат аз маҳорати муқаррарӣ ба малака табдил меёбад.

Сархати сеюми моддаи тафсиршаванда ба истилоҳи «шогирд-омӯзишгиранда» бахшида шудааст. Шогирд-омӯзишгирандаро метавон ба ду намуд ҷудо намуд. Якум, шогирд-омӯзишгиранда–шахси синну соли гуногун, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷӣ, ки дар назди устои бахши ҳунармандӣ ва ё, ташкилоти ҳунармандӣ ва ё муассисаҳои омӯзишии ҳунармандӣ касби ҳунармандиро меомӯзад ва фаъолияти меҳнатӣ менамояд. Дуюм, шогирд-омӯзишгиранда шахси воқеии дорои касбу кори асосӣ ё ҳар шахс бидуни доштани ҷойи кори асосӣ, ки бо касби ҳунармандӣ ба ҳайси шогирд дар назди яке аз субъектҳои ҳунармандӣ фаъолият менамояд ё мавриди омӯзиш қарор дошта, фаъолият ва омузишгирии касби ҳунармандиро дар як вақт дар назди ҳунарманд ва ё дар муассисаи таълимӣ касби ҳунармандиро меомӯзад ва амалӣ менамояд.

Истилоҳи дигаре, ки дар моддаи тафсиршаванда пешбинӣ гардидааст «феҳристи ҳунармандӣ» аст. Тибқи мафҳуми мазкур феҳристи ҳунармандӣ ин маҷмӯи иттилоот, ки дорои маълумот дар бораи субъектҳои ҳунармандӣ мебошад.

Мутобиқи сархати ҳафтуми моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ» тасдиқи тартиби пешбурди феҳристи ҳунармандӣ ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст (нигаред ба Замимаи №6). Тартиби пешбурди феҳристи мазкур инчунин тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷики-

стон «Дар бораи Феҳристи давлатӣ» аз 11 марти соли 1992, №564 мушаххас ва муайян карда шудааст.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳунармандӣ**

**Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳунармандӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.**

Моддаи тафсиршаванда дар маҷмӯъ мазмуни қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҳунармандӣ пешбинӣ намудааст, ки хусусияти ҳаволакунанда дорад.

Қонунгузорӣ дар бораи ҳунармандӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни тафсиршаванда, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли қонунҳо, кодекс, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Дар низоми қонунгузорӣ нақши баръалои меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими муносибатҳои марбут ба ҳунармандӣ ба назар мерасад. Дар моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳо оид ба озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва шаклҳои гуногуни моликият пешбинӣ гардидаанд.

Маҳз ҳуқуқи озодона амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳуқуқ ба шаклҳои гуногуни моликият ба шаҳрвандон имконият дод, ки тавассути ҳунарҳои мар-

думӣ низ ҳуқуқи молумулкӣ пайдо намоянд. Ҷиҳати ташаккули ҳунармандӣ инчунин моддаи 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ дорад. Тибқи ин меъёри конститутсионӣ ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад.

Дар силсилаи низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳунармандӣ албатта мавқеи марказиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ», ки аз 20 июни соли 2019, №1619 мавриди амал қарор дода шудааст, ишғол менамояд. Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, вазифаҳо ва принсипҳои асосии дастгирии давлатии соҳаи ҳунармандиро муқаррар намуда, 7 боб ва 15 моддаро дарбар мегирад.

Пас аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ» ҳалқаи навбатӣ дар силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳунармандиро қонунҳое ташкил медиҳанд, ки бахри танзими ҳуқуқии ҷанбаҳои алоҳида ва мушаххаси ҳунармандӣ пешбинӣ шудаанд. Ба ин гурӯҳ Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ»,[1] «Дар бораи фарҳанг»[2], «Дар бораи маориф»[3], "Дар бораи таҳсилоти калонсолон"[1] ва ғайраро шомил намудан мумкин аст.

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 466; с. 2013, №7, мод. 534; Қонуни ҶТ аз 22.07.2013, №1006, аз 2.01.2019, №1570.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.05.2001, №4, аз 8.12.2003, №63, аз 6.10.2008, №438, аз 5.08.2009 № 544, аз 28.06.2011 № 734.

[3] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 532; с. 2014, №3, мод. 156, №7, қ. 2, мод. 422; с. 2016, № 3, мод. 1148, № 7, мод. 624; с. 2017, № 7 - 9, мод. 581; Қонуни ҶТ аз 14.03.2014 №1081, аз

Дар байни силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳунармандӣ Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 23 июли соли 2016 қабул ва аз 30 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст, қисмҳои 1,2 ва 3 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон[2], Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,[3] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии

---

26.07.2014 №1125, аз 15.03.2016 № 1295, аз 23.07.2016 № 1346, аз 28.08.2017 № 1462, аз 17.05.2018, №1527)

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 1-2, мод. 17; Қонуни ҶТ аз 2.01.2018 №1486.

[2]Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚИСМИ I) Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, № 7, мод. 508; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, № 3, мод. 125; с. 2006, № 4, мод. 193; с. 2007, № 5, мод. 356; с. 2010, № 3, мод. 156, № 12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700, № 12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, № 7, мод. 504; с. 2015, № 3, мод. 200; с. 2016, № 7, мод. 612; Қонуни ҶТ аз 6.08.2001 № 41, аз 3.05.2002 № 5, аз 1.03.2005, №85, аз 29.04.2006, №180, аз 12.05.2007, № 247, аз 11.03.2010, №601, аз 29.12.2010, №640, аз 03.07.2012 № 850, аз 28.12.2012 №928, аз 22.07.2013, №976, аз 18.03.2015, №1178, аз 23.07.2016, №1334, аз 2.01.2019, №1557, аз 2.01.2020, №1656, аз 2.01.2020, №1657; ҚИСМИ II Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 12, мод. 323; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2006, № 4, мод. 194; с. 2009, № 12, мод. 821; с. 2010, № 7, мод. 540; с. 2012, № 7, мод. 699; с. 2013, № 7, мод. 505; Қонуни ҶТ аз 3.05.2002, №5, аз 29.04.2006, №181, аз 3.12.2009, №569, аз 21.07.2010, №607, аз 03.07.2012, №849, аз 22.07.2013, №977, аз 2.01.2019, №1558; ҚИСМИ III Қонуни ҶТ аз 03.07.2012, №840.

[3] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №9, мод. 838; с. 2013, №12, мод. 889, мод. 890; с. 2015, №3, мод. 210, №11, мод. 965, мод. 966; с. 2016, №3, мод. 150, №11, мод. 883; с. 2017, №1-2, мод. 21, №5, s.1, мод. 280; с. 2018, №2, мод. 66, мод. 67, №7-8, мод. 529; с. 2019, №4-5, мод. 227, №6, мод. 322, №7, мод. 473; с. 2020, №1, мод. 21, мод. 22; Қонуни ҶТ аз 28.12.2013, №1045, №1046, аз 18.03.2015, №1188, аз 23.11.2015, №1244, №1245, аз 15.03.2016, №1297, аз 14.11.2016, №1367, аз 24.02.2017, №1398, аз 30.05.2017, №1423, аз 21.02.2018, № 1510, №1511, аз 3.08.2018, №1546, аз 4.04.2019, №1599, аз 20.06.2019, №1620, аз 19.07.2019, №1644, аз 2.01.2020, №1675, №1676, аз 04.07.2020, №1708.

Тоҷикистон ва Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши худро доранд.

Инчунин дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳунармандӣ нақши санадҳои зерқонунӣ низ назаррас аст. Аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон намудани солҳои 2019-2021 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз 2 январи соли 2019, №1170; Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» аз 28 октябри соли 2020, №570; «Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсози оид ба ҳунармандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 сентябри соли 2020, №502; Номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона, ки фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ вобаста ба онҳо аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод мебошанд аз 13 феврали соли 2018, №60[1]; «Дар бораи тасдиқи Тартиби бастани шартномаи шогирдӣ» аз 30 декабри соли 1998, №528, №134); «Дар бораи Тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия" аз 5 декабри соли 2017, №568.

Дар ҳамин замина қабули «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва монанди инҳоро номбар намудан мумкин аст, ки дар онҳо масъалаҳои мубрами рушди ҳунармандӣ дарҷ гардидаанд..

Тибқи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки

---

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2019, №605, аз 29.02.2020, №163.

Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966, Конвенцияи СММ зидди табъиз дар соҳаи маориф аз 14 декабри соли 1960, Аҳдномаи Созмони байналмилалии моликияти зеҳнӣ оид ба хуқуқи муаллиф аз 20 декабри соли 1996, Созишномаи ИДМ дар бораи ҳамкорӣ оиди ташкили мубодилаи байнидавлатии иттилооот ва ташаккули махзанҳои иттилоотии миллии ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он аз 20 ноябри соли 2009 аз зумраи санадҳои байналмилалии ягона ва минтақавие мебошанд, ки ҳамчун сарчашмаҳои муҳими танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳо вобаста ба ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, ки ба онҳо ҳунармандон низ шомил буда метавонанд, хизмат менамоянд.

Дар танзими муносибатҳои ҳунармандӣ мавқеъ ва нақши Конвенсия ва Тавсияномаҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат бағоят назаррас аст. Айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо Конвенсия ва Тавсияномаҳои СБМ эътироф намудааст. Ба мисли, Конвенсияи №111 соли 1958 оид ба маҳдудсозии ҳуқуқ дар соҳаи меҳнат ва касб; Конвенсияи №122 соли 1964 оид ба сиёсат дар соҳаи шуғлмандӣ; Конвенсияи №87 соли оид ба озодии иттиҳодияҳо ва ҳимояи ҳуқуқ ба ташкилот; Конвенсияи СБМ «Дар бораи барҳам додани меҳнати маҷбурӣ» №105 (санаи қабул 25 июни соли 1957 ва санаи оғози амал 17 январи соли 1959); Конвенсияи №173 «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи меҳнаткашон дар мавриди нотавонии соҳибкор», инчунин якчанд Барномаҳои ҳамкорӣ байни

шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Байналмилалии Меҳнат оид ба меҳнати шоиста барои солҳои гуногун аз ҷумла, 2011-2013 аз 10. 02. 2011 ва ғайра.

Дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дуҷониба низ мавҷуданд, ки муносибатҳои марбут ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунарро бо давлатҳои алоҳида ба танзим медароранд. Мисоли равшани санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии дуҷониба дар робита ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар» аз 17 январи соли 2008, №9, «Дар хусуси тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар» аз 17 январи соли 2008, №10 ва ғайра мебошанд.

**Моддаи 3. Вазифаҳои асосии Қонуни мазкур**

**Вазифаҳои асосии Қонуни мазкур инҳоянд:**

**- эҳё, ҳифз, рушд ва тарғиби анъанаҳои таърихӣ ва бостонии санъати ҳунармандӣ, тамаддун ва мероси миллии ҳунармандӣ;**

**- фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди ҳунармандӣ;**

**- рушди имкониятҳои истеҳсолии ҳунармандӣ;**

**- тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи ҳунармандӣ;**

**- дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҳунармандон оид ба рушди соҳаи ҳунармандӣ;**

**- мусоидат барои ташкили ҷойҳои кории нав дар соҳаи ҳунармандӣ.**

Моддаи мазкур вазифаҳои асосии Қонуни тафсиршавандаро муқаррар намудааст. Якум вазифае, ки қонунгузор дар ин замина муайян намудааст-эҳё, ҳифз, рушд ва тарғиби анъанаҳои таърихӣ ва бостонии санъати ҳунармандӣ, тамаддун ва мероси миллии ҳунармандӣ аст. Албатта вазифаҳои гузошташуда дар доираи сиёсати имрӯзаи пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Аз ҷумла, эҳёи анъанаҳои таърихӣ ва бостонии санъати ҳунармандӣ, тамаддун ва мероси миллии ҳунармандӣ ба таърихи бостонии мардуми тоҷик, санъати нотакрор, тамаддуни ориёӣ ва мероси миллии ҳунармандии мо алоқамандии зич дорад. Боиси хушнудист, ки тоҷикон ба гурӯҳи миллатҳои дохил мешаванд, ки соҳибтамаддун[1] буда, дар ташаккули инсоният нақши назаррас доранд. Вазифаи мазкур тавассути амалисозии чораҳои мушаххас (додани имтиёзҳои андозбандӣ нисбати намудҳои алоҳидаи он) ё, ин, ки муаррифии ҳамаҷониба дар хориҷи ҷумҳурӣ (ба рӯйхати ЮНЕСКО ворид намудани ин ё он предмет, фаъолият) амалӣ карда мешавад.

Дуюм, фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди ҳунармандӣ. Шароити мазкур метавонад хусусияти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ дошта бошад. Барои мисол, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарор аз 13 феврали соли 2018, №60 «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451» ҳамагӣ 104 номгӯйи

[1] Эзоҳ: Ба як ҳисоб дар ҷаҳони имрӯза зиёда аз 32 тамаддун мавҷуд аст.

намудҳои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона, ки фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ вобаста ба онҳо аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод мебошанд, муқаррар намуд.

Сеюм, рушди имкониятҳои истеҳсолии ҳунармандӣ. Имкониятҳои истеҳсолии ҳунармандӣ то андозае дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти истеҳсолиро фароҳам меоранд, ба вуҷуд меоянд. Барои рушди истеҳсолоти ҳунармандӣ аз усулҳои гуногун, аз ҷумла элони мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ истифода шуданаша мумкин аст. Айни замон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» аз 21 феврали соли 2018, №1505 қабул гардидааст, ки метавонад ба масъалаи мазкур низ дахл намояд.

Чорум, тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи ҳунармандӣ. Боиси зикр аст, ки омодасозии мутахассисон дар соҳаи ҳунармандӣ шарти муҳими пешрафти соҳа аст.

Панҷум, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҳунармандон оид ба рушди соҳаи ҳунармандӣ. Дастгирии мазкур дар шакли моддӣ ва маънавӣ амалӣ гардонда мешавад.

Шашум, мусоидат барои ташкили ҷойҳои кории нав дар соҳаи ҳунармандӣ, вазифаи муҳимест, ки дар умум метавонад барои таъмини шаҳрвандон бо шуғли доимӣ шароит фароҳам оварад.

Вазифаҳои дар моддаи тафсиршаванда пешбинишуда инчунин дар дигар моддаҳои Қонуни тафсиршаванда тавсеа ёфтаанд.

**Моддаи 4. Принсипҳои асосии соҳаи ҳунармандӣ**

**Принсипҳои асосии соҳаи ҳунармандӣ инҳоянд:**

**- қонуният;**

**- шаффофият;**

**- баробарҳуқуқии субъектҳои ҳунармандӣ;**

**- кафолати ҳимояи ҳуқуқи ҳунармандон;**

**- афзалияти рушди ҳунармандӣ;**

**- таъмини кафолатҳои давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ;**

**-тарғиботи васеи ҳунармандӣ ба сифати муаррификунанда ва посдорандаи фарҳанг, анъана, таърих ва тамаддуни миллӣ.**

Моддаи тафсиршаванда принсипҳои асосии соҳаи ҳунармандиро пешбинӣ намудааст. Истилоҳи принсип аз ибораи лотинӣ «principum» гирифта шуда, маънояш «асос» ё «ибтидо» фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми принсипҳои асосии соҳаи ҳунармандӣ ғояҳои роҳбарикунанда, асос, ибтидоро мефаҳманд, ки моҳият, хусусиятҳои асосӣ ва самти умумии такмили меъёрҳои ҳуқуқиро дар низоми ҳуқуқии ҳунармандӣ ифода менамояд.

Сархати якуми моддаи тафсиршаванда принсипи қонуниятро яке аз принсипҳои асосии соҳаи ҳунармандӣ муқаррар кардааст. Боиси зикр аст, ки принсипи қонуният ҳамчун принсипи асосии фаъолияти ҳар як инсон ва шаҳрванд маҳсуб ёфта, кафолати волоияти қонунро нисбати онҳо тақозо менамояд.Ҳамчунин, принсипи мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ дар иртибот ба тартиботи ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи риояи он донистa шуда моҳиятан ҷанбаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ-давлатӣ, усули рафтори иштирокчиёни муносибатҳои танзимшаванда ва реҷаи махсуси ҳаёти ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад.[1]

[1] Червонюк В.И. Теория государства и права, М.: ИНФРА-М, 2007.- С.578-579.; Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дар-

Принсипи қонуният дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф гардидаанд ифода мегардад. Аз ҷумла, мафҳуми қонуният дар қисми 2 моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли зайл ифода мегардад: «Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд».

Сархати дуюми моддаи тафсиршаванда принсипи шаффофиятро ҳамчун яке аз принсипҳои асосии соҳаи ҳунармандӣ муқаррар намудааст. Воқеан зарур аст, ки фаъолияти ҳунармандӣ баробари дигар фаъолиятҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ бояд ба таври ошкоро, озод бо иштироки фаъолонаи шаҳрвандон ва давлат амалӣ гардад. Инчунин, мувофиқи принсипи шаффофият дар соҳаи ҳунармандӣ иттилооти зарурӣ доир ба барномаҳои соҳа, ҳамчунин пешниҳодот оид ба стандарт, дастур, тавсия ва натиҷаҳои ниҳоӣ барои шахсони манфиатдори машғули ҳунармандӣ бояд ба осонӣ дастрас бошанд. Тартиботи ҳуқуқӣ дар ин самт бояд тавре ҷорӣ карда шавад, ки барои фаъолияти ҳунармандӣ озодона дастрас ва муҳайё бошад.

Дар сархати сеюми моддаи тафсиршаванда қонунгузор принсипи баробарҳуқуқии субъектҳои ҳунармандиро пешбинӣ намудааст. Тавре дар моддаи 9 Қонуни тафсиршаванда пешбинӣ гардидааст, ба сифати

---

сӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Душанбе: «Сино», 2018. - С. 384 ва ғайра.

субъекти ҳунармандӣ шахсони воқеӣ дохиланд, ки бидуни қайди давлатӣ ба хизматрасонӣ, истеҳсоли мол, иҷрои кор машғуланд, ё бо дигар тарз молу мулки худро мустақилона ва дар асосҳои доимӣ ба мақсади ба даст овардани фоида истифода менамоянд. Албатта, ба маънои васеъ ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар бахши муносибатҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳунармандӣ ҳуқуқҳои баробар доранд, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигаре муқаррар нисбати ду категорияи охирин тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад. Ҳама гуна фарқиятгузорӣ, иҷозат надодан, манъ намудан, омодасозӣ ва бозомодагии касбӣ ва ё такмили ихтисос, таъмини имконоти баробар аз рӯи аломатҳои мансубияти миллӣ, нажодӣ, ранги пӯст, ҷинсият, синну сол, дин, ақидаи сиёсӣ, маҳалли таваллуд, баромади хориҷӣ ё иҷтимоӣ, ки баробарии имкониятро дар соҳаи ҳунармандӣ барҳам мезананд, манъ аст. Шахсе, ки дар соҳаи муносибатҳои фаъолияти ҳунармандӣ ҳуқуқи худро поймолшуда меҳисобад, метавонанд бо аризаи дахлдор ба суд муроҷиат намояд.

Сархати чоруми моддаи тафсиршаванда принсипи кафолати ҳимояи ҳуқуқи ҳунармандонро пешбинӣ намудааст. Принсипи мазкур дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф гардидаанд ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикоси худро ёфтаанд. Масалан, дар қисми сеюми моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистондарҷ шудааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Ҳамин тавр, принсипи зикршуда

маъноионро дорад, ки давлат ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар раванди фаъолиятҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла ҳунармандӣ кафолат медиҳад.

Дар тақвияти принсип мазкур моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Дигар ин, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон б таври умумӣ ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ ҳифзи он таъмин мегардад. Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад[1].

Сархати панҷуми моддаи тафсиршаванда афзалияти рушди ҳунармандиро ҳамчун принсип пешбинӣ намудааст. Яке аз ҳадафҳои давлат ташаккули рушди ҳунармандӣ маҳсуб меёбад. Дар раванди татбиқи ин ҳадаф тавассути муайянсозии принсипҳои ҳуқукӣ, аз ҷумла додани афзалият ба гурӯҳҳои муайяни шахсон дар муносибатҳои ҷамъиятӣ дилхоҳ натиҷаҳои мусбӣ ба даст

---

[1]Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: “Нашриёти Ганҷ” 2016. С. 11.

меоянд. Бинобар сабаби он, ки намудҳои алоҳидаи ҳунармандӣ дар шароити зудтағйирёбандаи рушди саноатӣ ва таҳаввулоти иқтисодӣ аз байн меравандд дар Тоҷикистон мисли аксари кишварҳои ҷаҳон ҷиҳати рушди ҳунармандӣ диққати махсус ва афзалият-ҳои аввалиндараҷа дода мешавад,

Афзалиятҳои рушди ҳунармандӣ асосан дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассум меёбанд. Аз ҷумла, бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ мондани ҳунарҳои мардумӣ муҳим арзёбӣ гардида, ҷиҳати тақвият бахшидани рушди ҳунарҳои мардумӣ 104 намуди фаъолият оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона, фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ аз пардохти ҳама намудҳои андоз озод карда шуданд.[1] Ин ҳолати боси рушди ҳунармандӣ ҳавасмандии ҳунармандон мегардад.

Дар доираи татбиқи икдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати милли, Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эҳё ва рушди ҳунарҳои мардуми то имрӯз даҳҳо мактабҳои хунармандон дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон ташкил шуда, ба фаъолият огоз намуданд, ки дар ин мактабҳо аз рӯи усули анъанавии миллии «Устод-шогирд» шогирдон тарбия меёбанд.

Таваҷҷуҳи Пешвои муаззами миллат, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси он гашт, ки дар даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ садҳо шоҳкориҳои

[1] Эзоҳ: тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2018, №60 «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451».

меъморӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омаданд,ки маҳз бо иштироки бевоситаи ҳунармандони ҷумҳурӣ бунёд гардиданд.

Сархати шашуми моддаи тафсиршаванда принсипи таъмини кафолатҳои давлатиро дар соҳаи ҳунармандӣ пешбинӣ менамояд. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва роҳбарони ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият вазифадоранд дастрасии баробари захираҳои иқтисодии ҷамъиятро барои субъектҳои ҳунармандӣ, аз ҷумла дастрасӣ ба молу мулки манқул ва ғайриманқул, замин, дороии молиявӣ, кредитҳо, ҳамчунин фаъолияти соҳибкории озод, дигар фаъолияти бо санадҳои қонунгузорӣ манъношудаpo таъмин намоянд.

Дар сархати ҳафтуми моддаи тафсиршаванда оид ба тарғиботи васеи ҳунармандӣ ба сифати муаррификунанда ва посдорандаи фарҳанг, анъана, таърих ва тамаддуни миллӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст. Тарғиботи васеи ҳунармандӣ ба сифати муаррификунанда ва посдорандаи фарҳанг, анъана, таърих ва тамаддуни миллӣ гуфтан мумкин аст, ки вазифаи ҳар як шахсе башумор меравад, ки бо Ватан ва фарҳанги оламшумули тоҷикон ва тоҷикистониён алоқамандии зич дорад.

Роҳи нахуст ва муосири ин тарғибот мунтазам ҷалб намудани диққати истеъмолкунандагон эҳтимолӣ ба воситаи васоити ахбори омма, сомонаҳо мебошад. Ҳамин тавр, барои тарғиботи ҳунармандӣ дар ҷаҳон ва Тоҷикистон аз телевизион, синамо, радио, матбуоти даврӣ, шабакаҳои интернетӣ, лавҳаҳои тарғиботӣ,

муносибатҳои ҷамъиятӣ (PR[1]), руйдодҳо ва дигар воситаҳои алоқа истифода мебаранд.

Вобаста ба ғояи (ё паёми) тарғибот дар ду самт бояд қарор қабул карда шавад: тамғагузорӣ (брендинг) ва сабади (портфели) маҳсулот. Бренд дар асоси сабади маҳсулоти ҷумҳурӣ дар шакли кӯтоҳ ва ҷалбкунада таҳия карда мешавад. Бренди ҷумҳурӣ бояд аз бренди дигар давлатҳо фарқ намуда, афзалиятҳои миллии ҳунармандиро дарбар гирад. Ҳамасола маблағҳои калон барои таҳия ва тарғиби брендҳо, қабл аз ҳама, бо мақсади пешбурди босуръати молҳои истеъмоли мардум сарф карда мешаванд. Аксарияти мамлакатҳои пешбарандаи ҳунарҳои мардумӣ маблағҳои зиёдро барои бренд-маркетинг сарф менамоянд.

Тоҷикистон соҳиби навгонӣ ва арзишҳои аслии зиёд буда, шабакаи Интернет имкониятҳои васеи баробарро барои ҳама ҳатто бо захираҳои маҳдуд фароҳам меорад. Истифодаи таҷрибаи пешқадами тахассусии маркетингӣ, ҳангоми таҳияи бренд ниҳоят муҳим мебошад. Бренди хуби миллӣ ҳамаи он маълумотҳоеро, ки кас мехоҳад оид ба молҳои истеъмоли мардум пешниҳод намояд, дар шакли кӯтоҳ ва ҷолиби диққат фаро мегирад.

Ташкил намудани сомонаи миллӣ, ки маълумоти пурра ва мунтазам такмилшаванда бо иттилооти нав оид ба маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ ва пайвандҳоро (линк) бо ҳар як ширкати соҳибтахассуси маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ таъмин мекунадниз муҳим арзёбӣ мегардад.

Муносибатҳои ҷамъиятӣ (PR) воситаи муҳими тарғибот ба ҳисоб мераванд. Аз рӯи моҳияти худ ин усули ройгон паҳн намудани маълумот дар воситаҳои ахбори

[1] Эзоҳ: ихтисороти англисии Public Relations дар тарҷумаи забони тоҷикӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ.

омма, хусусан, аз тарафи рузноманигорон дар маҷаллаҳо, телевизион ва интернет мебошад. Имрӯзҳо ҳамчунин фикру ақидаҳои шахсиятҳои машҳур ва сарварон дар шабакаҳои иҷтимоӣ аҳамияти калон пайдо намудаанд. Одатан ин усули тамоман ройгон нест, зеро барои ҷалби диққати шахсиятҳои машҳур бояд корҳои муайян анҷом дода шаванд, аммо чун қоида, роҳи хеле арзон ва нисбатан боэътимод назар ба пардохти таблиғот мебошад. Дар баробари ин хавф низ зиѐд аст, чунки идоракунии ҷараёни иттилоот имконнопазир аст. Инчунин қабл аз гирифтани фикру ақидаи шахсиятҳои машҳур дар бораи маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, масалан тавассути амалигардонии «ташрифоти шиносоӣ»-и пардохтшаванда, ҳамаи унсурҳои дигари таркибии чорабинии таблиғотӣ, дастрасӣ, таҳияи маҳсулот ва сифати он бояд дар ҳолати хеле хуб қарор дошта бошанд. Муносибатҳои ҷамъиятӣ (PR)-ро дар сатҳи миллӣ тавассути мақомоти салоҳиятдор, ассотсиатсия (иттифоқҳои) миллии муаррификунандаи маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ бо ҷалби мутахассисони соҳа баррасӣ ва таҳия намудан мувофиқи мақсад аст.

Кӯшишҳои ибтидоии маркетингӣ, аз ҷумла тарғиботи онлайн ва муносибатҳои ҷамъиятӣ (PR) атрофи намунаи хурди маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ бояд ба як ва ѐ ду бозори давлатҳои ҷаҳон бо дастрасии осон ба Тоҷикистон равона карда шаванд.

Мусоидати мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бахши муаррифии маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон, сафоратҳои Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ ҷиҳати иштироки ширкатҳои ватанӣ дар намоишгоҳҳо, васеъ намудани ҳамкориҳои ширкатҳои ҷумҳурӣ бо ширкатҳои давлатҳои

аз ҷиҳати маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ пешрафта шарти дигари муҳими тарғиби ҳунармандӣ аст.

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки бо мақсади инъикоси захираҳои сайёҳии мамлакат дар хориҷи кишвар, пресс-тур барои намояндагони воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои хориҷӣ, инчунин, барои роҳбарон ва намояндагони агентиҳои иттилотии давлатии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил роҳандозӣ намудан мумкин аст.

Барои мисол, ташкили пресс-тур барои ВАО аз 11 кишвари Аврупою Осиё дар доираи лоиҳаи «Digital Silk Road» барои намояндагони ВАО-и Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия, таҳияи барномаҳои сайёҳӣ аз ҷониби шабакаҳои телевизионии KBS Кореяи ҷанубӣ, «НТВ»-и Россия натиҷабахш мебошанд.

Ба ғайр аз ин, дар сомонаҳои интернетии агентиҳои иттилоотии кишварҳои ИДМ, аз ҷумла, ТАСС, УзА, «Кабар» ва дигар кишварҳои ИДМ матолиби таваҷҷуҳбарангез оид ба имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон нашр ва пахш мешаванд. Сомонаи (портали) миллии сайёҳӣ бо 7 забон - тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, олмонӣ, испанӣ, японӣ ва фаронсавӣ мавриди истифода қарор дошта, дар шабакаи интернет фаъол шуда, дар шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, Ютуб, Фейсбук, Инстаграм саҳифаи Кумитаи рушди сайёҳӣ фаъол аст, ки имкониятҳои васеъро ҷиҳати маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ фароҳам меорад ва воситаи муҳими тарғиботу ташвиқот ба ҳисоб мераванд.

**Моддаи 5. Самтҳои ҳунармандӣ**

**Самтҳои ҳунармандӣ инҳоянд:**

**- кандакорӣ ва дуредгарӣ дар (бо) чӯб;**

**- коркарди метал, коғаз;**

**- дӯзандагӣ;**

**- коркарди матоъ, пӯст ва пашм;**
**- пазандагӣ;**
**- наққошӣ, рассомӣ;**
**- ҳайкалтарошӣ (пайкарасозӣ), сангтарошӣ;**
**- кулолгарӣ;**
**- шишакорӣ, гачкорӣ;**
**- заргарӣ;**
**- бофандагӣ, ресандагӣ;**
**- эҳёгарӣ (реставратсия);**
**- дигар самтҳои ҳунармандӣ.**

Моддаи 5 Қонуни тафсиршаванда самтҳои асосии соҳаи ҳунармандиро ба маънои васеъ пешбинӣ менамояд.

Дар сархати якуми моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи ҳунари кандакорӣ ва дуредгарӣ дар (бо) чӯб меравад.

***Кандакорӣ*** аз ҳунарҳои қадимии Шарқ аст, ки дар Тоҷикистон зиёд рушд карда - усули коркарди бадеии чӯб, санг, устухон, гач, гил ва ғайра мебошад, ки бо роҳи кандану бурида гирифтан иҷро карда мешавад. Яке аз бостонтарин ва маълумтарин намуди санъати амалист. Кандакорӣ дар меъморӣ (ороиши биноҳо), истеҳсоли ашёву анҷоми рӯзгор ва ғайра истифода мешавад. Устоҳои тоҷик, асосан чубро (арча, чанор, тут, чормағз) ба кор бурда аз онҳо ашёҳои рӯзгор (коса, табақ, кавш, ва ғайра) қолибҳои махсус барои нусхапартоиву нақшунигори матоъҳои пахтагӣ ва ғайра месохтаанд.

Кандакорӣ усули коркарди бадеии чӯб, санг, устухон, гил ва гач буда, аз маъмултарин намуди санъати миллии тоҷикон маҳсуб меёбад. Кандакорӣ таърихи ҳазорсола дошта, намунаҳое, ки аз ноҳияҳои Ишкошиму Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳру

ноҳияҳои Истаравшан, Исфара, Панҷакент, Айнӣ, Вахш дарёфт шудаанд, ба асрҳои VIII - X, XV - XIX мутааллиқанд.

Санъати муосири кандакории чӯбии тоҷикон, дар ду самт инкишоф меёбад: мардумӣ ва касбӣ. Вале, дар ҳар ду ҳам анъанаҳои асримиёнагии санъати ороишӣ нигоҳ дошта шудаанд. Услуби мардумӣ идомаи анъанаҳои пешин буда, дар деҳот бисёр вомехӯрад. Имрӯзҳо дар Тоҷикистон маҳсули дасти кандакоронро дар сутуну болор, дару тирезаҳои чойхонаҳо, масҷидҳо, осорхонаҳо, қасрҳои фарҳанг, биноҳои маъмурӣ дидан мумкин аст.

Дар осорхонаҳои ҷумҳурӣ намунаҳои олии кандакорӣ ҳифз шудаанд.

Сутунҳои кандакоришуда аз деҳаҳои Рарз, Фатмев шуда аз деҳаҳои Рарз, Фатмев, Куруди ноҳияи Айнӣ, Оббурдони Мастчоҳ, сарсутунҳои масҷидҳои Ҳавз Сангин, Далёни Болои шаҳри Истаравшан, Ҷомӣ дар Хуҷанд, Сурх дар Исфара бо анъанаҳои қадимаи кандакорӣ ороиш ёфтаанд. Инчунин дар зиндагии рӯзмарраи тоҷикони Помир кандакории чӯб барои ороиши хонаҳо истифода мешуд[1].

***Дуредгарӣ*** (порсӣ: دریدگری) – (наҷҷорӣ, чӯбтарошӣ) яке аз касбҳои маъруфи суннатии тоҷикон мебошад, ки ба коркард ва сохтани маҳсулоти чӯбӣ марбут аст.

Дуредгарӣ ба ҳунарҳои дару тирезасозӣ, сандуқсозӣ, кандакорӣ, табақтарошӣ, гаҳворасозӣ, созтарошӣ, шонагарӣ, кафшсозӣ ва чанде дигар, ки бо чӯб бевосита сару кор доранд, иртибот дорад. Шахсе, ки ба ин касб шуғл дорад, ӯро дуредгар, наҷҷор, устои чӯбкор ё чӯбтарош меноманд.

---

[1] Ниг.: https://tg.wikipedia.org/wiki/Кандакорї

Аз замонҳои қадим қариб дар ҳар як деҳа устоҳои чӯбкор зиндагӣ ва ба мардум хидмат мекарданд.

Асбобҳои дуредгарӣ табар, арра, теша, пойтеша, тешаи новак, тешаи чапновак, леса, ранда, искана, хоиск, парма ва чанде дигар мебошанд. Пойтеша дорои дастаи дароз буда, барои тарошидани тахтаву сутунҳои айвон, болор ва монанди инҳо ба кор мерафт. Тешаҳои хурд новак ва чапновак барои тарошидани табақу қошуқ, кафш, асбоби рӯзгор, созҳои мусиқӣ ва ғайра мувофиқ буд. Барои тарошидани чӯбу тахтаҳо аз ранда, досранда ва леса асбобои дудастаи миёнаш теғи оҳаниндор истифода мебурданд. Бо парма (обпарма) ва камончаи он чӯбҳоро сӯрох мекарданд. Барои корҳои хурди дуредгарӣ ҳатман кундаи дуктарошӣ, ки ба болои он чӯбро монда метарошиданд, лозим мешуд.

Дуредгарон, асосан аз чӯби дарахтони маҳаллӣ: бед, сафедор, чинор, тут, чормағз, зардолу ва ғайра ҳамчун ашёи хом ба кор мебурданд.

Устоҳои хонасоз аз маҳсулоти сохтаи дуредгарон: вассаву болор, дастак, сутун, дару тиреза, тахтаҳои фаршу сақф, пешайвон ва болохонаро истифода мекарданд. Олоти кишоварзию корҳои рӯзгор: чигина, юғу сипор, занбар, шоха, курчаки гандумбоддиҳӣ, чархчӯб ва чахники дӯғкашӣ, куппӣ, табақу қошуқи чӯбӣ, оштахта бо тиракаш, ҷува (чӯбак), нонпар, сандалӣ, мизу курсӣ, ҷевон, ҳаллоҷӣ, дӯк ва чархаи ресмонресӣ, дастгоҳи бофандагӣ, қисмҳои гуногуни дастгоҳи осиёб, ҷувози равғанкашӣ ва чандин олоти дигар ҳама ба заҳмати дуредгар тааллуқ доштанд[1].

---

[1] Ниг.: Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон. – Душанбе, 2014. – С. 29 - 31. https://tg.wikipedia.org/wiki/Дуредгарї.

Сархати дуюми моддаи тафсиршаванда ду навъи коркарди маҳсулоти ҳунарҳои мардумиро пешбинӣ намудааст, ки яке метал ва дигар коғаз мебошад.

Металлҳо ва хӯлаҳои онҳоро инсон аз қадимулайём барои сохтани асбобҳо ва аслиҳа, ҷавоҳирот ва ашёҳои маросимӣ, асбобҳои рӯзгор ва қисмҳои механизмҳо истифода мебурд. Барои ба қисм ё маҳсулот табдил додани рехтаҳои металлӣ онҳоро коркард кардан лозим аст, ё шакл, андоза ва хусусиятҳои физикӣ-химиявии онҳоро тағйир додан лозим аст. Дар тӯли якчанд ҳазорсолаҳо бисёр усулҳои коркарди металл таҳия ва ислоҳ карда шуданд.

Қисмати дуюми сархати дуюми моддаи тафсиршаванда коркарди коғазро пешбинӣ намудааст. Коркарди коғаз низ яке аз самтҳои ҳунарҳои мардумӣ маҳсуб ёфта, аз он ҳаргуна маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ тайёр ва сохта мешавад.

Дар сархати сеюми моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи яке аз самтҳои ҳунарҳои мардумӣ дӯзандагӣ меравад.

***Дӯзандагӣ***– ҳунарест, ки аз матоъ либос, чизҳои рузгорро ва дигар маснуоти заруририро вобаста ба таъиноти он дар шаклаш барои истифода медӯзанд.

Асоси дӯзандагиро дарз ва кӯк ташкил медиҳанд. Намудҳои асосии кӯки дастӣ инҳоянд: кӯки калон, кӯки нусхагирӣ, дарзи печон, дарзи қаткунӣ, ҳалқагӣ, лагандагии уреб, дарзи лаб-лаби канор, дарзи мошинӣ, дарзи паси сӯзан, яккакӯк, дарзи харак, дарзи арча", дарзи секунҷа ва ғайра. Аввал ин хунар танҳо бо даст иҷро мешуд.

Дар садсолаҳои охир инчунин бо мошини дарддузӣ ин ҳунарро иҷро мекунанд. Намудҳои асосии дарзҳои мошинӣ: оддӣ, дукарата, изофадӯхт, домандӯхт, дарзи

ҷудо-ҷудо, дарзи болоиҳам, дарзи бахиядӯзӣ, канорӣ, барҷаста, борик, инчунин ангула (ангулаи бахияшуда, ангулаи дарзӣ (кӯкзада), аз таноби дӯхта)[1].

Сархати чоруми моддаи тафсиршаванда коркарди матоъ, пӯст ва пашмро самтҳои волои ҳунарҳои мардумӣ пешбинӣ намудааст.

Коркарди матоъ дар соҳаи ҳунармандӣ доираи васеъро дарбар мегирад, аз ҷумла, адрасбофӣ, алочабофӣ, атласбофӣ ва ғайраҳо.

***Адрасбофӣ.*** Адрас матои дастибофи тораш абрешиму пудаш аз ресмони пахтагин. Алобуло ва баъзан якранг мешавад. Асосан, адрас матои мунаққаш аст, ки онро подшоҳӣ мегӯянд. Адрасро аз абрешими дуруштранг мебофтанд. Пуди адрас аз 3 ресмони борики сафед ё рангин иборат буд. Андозаи бари адрас се хел аст: одмиёна 40 см, сербар -70 см, камбар, якбара - 26 см. Адрас дар ноҳияҳои алоҳида фақат бо нақшу нигор фарқ дошт, вале усули бофтани он як хел буд. Аз адрас курта, ҷомаҳои мардона ва занона, кӯрпаю кӯрпачаҳо медӯзанд.

***Алочабофӣ-*** матои ресмонӣ ва нимабрешимӣ. Анвои алоча бо унвони зебак, фарангӣ, абрешимӣ маълуманд. Алочаи тору пудаш аз ресмони ҷойдорӣ - зебак, аз ресмони европоӣ бошад - фарангӣ ва аз абрешиму ресмон - абрешимӣ номида мешуд. Инчунин, навъҳои сурхалоча, сиёҳалоча маълуманд. Алоча матоест рахдори рангоранг, ки дорои нақшу нигори мураккаб ва реза мебошад. Нақши алоча аз раҳҳои ҳаррангаи кабуд, сабз, сиёҳ, сурх, зард таркиб меёбад. Нақшҳо миттӣ, мушку заъфар, байрақ ном доранд. Аз алоча ҷомаҳои занонаю мардона медӯзанд.

[1] Ниг.: https://www.unesco-ichcap.org/eng/ek/sub2017_5/pdf_file/ Tajikistan/ 3.%20a, %20b, %20v,%20g,%20gh.pdf

Алочабофӣ дар маконҳои гуногун ба таври ҳархела номгузорӣ мешавад, масалан, дар Кулоб - алочаи жандагии кӯлобӣ (Кулоб), дар Нурато - алочаи ресмони нуратоӣ ва ғайра[1].

***Коркарди пӯст*** яке аз самтҳои ҳунарҳои мардумӣ маҳсуб ёфта, асосан бо номи чармгарӣ машҳур аст.

***Чармгарӣ*** - ҳунари аз чарм тайёр кардани попӯшӣ (мӯзаҳои чармӣ, пойафзолҳо, чоруқу маҳсиҳои мардонаю занона), либос (камзӯлу пӯстинҳо), кулоҳ (кулоҳҳои мардона, телпаку сарпӯшҳои зимистона), дастпӯшакҳо, лаҷоми асп, қамчини асп, борхалтаҳо, халтачаҳои гуногун ва монанди инҳоро меноманд.

Яке аз марказхои истеҳсоли маҳсулоти чармӣ аз қадимулайём шаҳри Кӯлоб ба ҳисоб мерафт. Дар авали асри XX танҳо дар ду гузари он - Чармгари Боло ва Чармгари Поён 70 устохонаи чармгарӣ вуҷуд доштааст, ки аз пусти гов, гӯсфанд, асп, буз, шутур барои талаботи мардум чармҳои ҳарранга тайёр мекарданд.

Яке аз ҳунарҳои маъмули мардумӣ, ки ба чармгарӣ алоқаи зич дошт, мӯзадузӣ мебошад. Устоёни гулдасти Кӯлобӣ дар ибтидои асри XX дар 8 устохонаи мӯзадӯзӣ аҳолиро бо маҳсӣ, кафш, мӯза таъмин менамуданд. Афсус ки ҳоло ин ҳунари дастӣ камтар истифода мешавад.

Тибқи иттилои мутахассисон мӯза, чорук ном пойафзолро дар замонҳои пеш бештар аз пӯсти гардани ҳайвони калони шохдор месохтанд. Яъне пӯстро бо андозаи пой бо намаки ошӣ мепазониданд, сипас баъди пӯшидан боз дар намак мехобониданд. Ҳоло ин ҳунари заҳматталаб ба мисли солҳои пешин ривоҷ надорад. Вале он зи-

[1] Ниг.: https://www.unesco-ichcap.org/eng/ek/sub2017_5/pdf_file/ Tajikistan/ 3.%20a, %20b, %20v,%20g,%20gh.pdf

ну афзоре, ки барои аспон имрӯз сохта мешавад, асосан аз чарми маҳаллӣ буда, давоми анъанаи ниёгон аст.

Коркарди пашм дигар самти ҳунарҳои мардумӣ маҳсуб ёфта, асосан бо номи намадбофӣ, ресмонбофӣ ва ғайра машҳур аст.

***Намадбофӣ***, аз ҳунарҳои қадимаи мардуми тоҷик буда, он дар қисмати деҳоти Тоҷикистон рушд ёфтааст ва онро намадмолӣ низ мегӯянд. Намад як навъи гилем ё палоси хона буда, барои истифода дар рӯи фарш тайёр карда мешавад. Намад хеле палоси гарм ва мулоим буда, ба болои он кӯрпача партофтан ҳоҷат надорад. Намад ғафс, сабук ва бисёр гарм аст, ки дар фасли сармои куҳистон истифодаи он хеле роҳат дорад. Намадро дар минтақаҳое, ки чорвои хурд парвариш мекунанд, мемонанд. Намадро аз пашми чорвои хурд (буз, гӯсфанд, бузи ангорӣ ва ғайра) мемонанд. Пашми аз чорвои хурд тарошидаро мешӯянд, баъди хушк шудан онро ғоз медиҳанд. Сипас, қисми барои гулпартоӣ заруриро ранг мекунанд. Дар болои қанор ё чодар пашмро паҳн карда, вобаста ба тахайюлот бо пашмҳои рангшуда оро медиҳанд. Баъди óродиҳӣ ба болои пашм оби ҷӯш рехта, чодар ё қанорро эҳтиёткорона тоб дода ҷамъ мекунанд. Ҷамъ кардани қанор кори душвор буда, онро асосан мардҳо ба анҷом мерасонанд. Баъди ҳар дафъа тоб додан бо оринҷ онро зер ва ҳамвор мекунанд. Ҳангоми тоб додани қанори пашмдор ҳар дафъа ба болои он оби ҷӯш мерезанд. Дар охир намади ҷамъшударо бо пой зер карда, обашро меравонанд. Рӯзи дигар қанори ҷамъкардашударо ҳамвор мекунанд ва намад тайёр мешавад.

Намад бо дастгоҳ низ бофта мешавад. Дар ин ҳолат аз ин матоъ чакман, ҷелак, беостин ва дигар намудҳои либос дӯхта мешавад. Ин навъи намадбофӣ дар Бадахшон ва

деҳоти Айнӣ (Фалғар) хеле маъмул буд. Бисёр сокинони он афсӯс мехӯранд, ки ин намуди ҳунари мардумӣ қариб ба фаромӯшӣ рафтааст. Новобаста аз ин оилаҳои намадбофе ҳастанд, ки то ҳол ин намуди ҳунармандии гузаштагонро пос медоранд, бинобар бо шуғли намадбофӣ машғуланд.

Дар баъзе минтақаҳои Бадахшон оилаҳое мавҷуданд, ки асбоби намадбофии онҳо таърихи зиёда аз 300-сола дорад. Намадбофии бадахшонӣ асосан дар фасли зимистон амалӣ мегардад. Зеро мардум аз кори саҳро фориғ мешаванд. Пашми гӯсфанд ресида шуда, ба дукҳои майда ҷудо гардида, барои матоъбофӣ омода мегардад. Дар бофтану ранг кардани матоъ ягон маводи кимиёвӣ ва сунъӣ истифода намешавад. Аз матои намад дар арафаи тӯй ба домод либосҳои шаҳмард тайёр карда мешавад. Дар замони ҳозира талабот ба либосҳои намадин афзуда истодааст.

Сархати панҷуми моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи пазандагӣ меравад. Маъмултарин ҳунари мардумӣ чи дар байни занон ва мардон ин ҳунари пазандагӣ маҳсуб меёбад. Пазандаи оши палов, ки пайрави пири пазандаҳо асту оши дилнишин мепазад, ширбиринҷ низ миёни мардуми тоҷик ҳамчун хуроки миллӣ ва дигар, аз ҷумла, пазандаи шириниҳо, ҳалво, мурабо, нишоло, нашоиста, маҳсулотҳои нонӣ, гардсуз, оши туппа, маҳсулоти гуштӣ, маҳсулоти лубиёгӣ ва ҳазорҳои дигар.

Дар сархати шашуми моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи самтҳои дигари ҳунарҳои мардумӣ наққошӣ ва рассомӣ меравад.

***Наққош / наққошӣ*** нақшофарӣ - санъати бадеии касбӣ. Зимни ҳунарҳои бадеии мардуми касбӣ маънои нақшкашии рӯи матоъ ва аз рӯи он кашидадӯзӣ (гулдӯзӣ) карданро пайдо карда аст. яъне наққошӣ - як

навъи санъати ороиши амалии халқӣ аст, ки бо қалам кашидашуда, бо сузан ва ресмонҳои гуногун рӯи матоъ зебу ороиш дода мешавад. Масалан, ***Кундал***, яке аз усулҳои санъати наққошӣ аст, ки мояи ифтихори мардуми тоҷик аст. Намунаҳои кундал дар лавҳаҳои кошикории биноҳои асри 14 ба назар мерасад. Кундал ҳамчун усули наққошӣ аввалин бор асри XV маълум гардида, асрҳои XV-XVI ба пояи баланди инкишоф расидааст. Асоси ин навъи наққоширо тасвироти наботӣ ташкил медиҳанд. Масалан, дар деворҳои Оқсарой (Шаҳрисабз, аввали асри XV) зиёда аз 70 навъи гулу гулбаргҳо нақш ёфтааст.

Инчунин ёдгориҳои меъмории Самарқанд ва Бухоро бо ин навъи нақш оро дода шудаанд. Усули наққошии барҷаста дар лавҳи кундалкории Мақбараи Муҳаммади Башоро вомехӯрад, ки хоси амали ҳунармандони точик мебошад. Замини кундал асосан кабуд ё осмонӣ, баъзан зарандуд мешавад. Тарзи наққошӣ ба услуби кундал чунин аст: ба тахта ё девори суфта ширеш молида, ба болояш матоъ мекашанд ва аз рӯи он боз як қабат ширеш мемоланд. Баъди хушк шудан ба рӯяш ба воситаи гарда нақш мепартоянд. Пас гаҷ ва ширешро дар об меҷӯшонанд ва ин гаҷобаро бо мӯқалами махсус болои нақши гарда эҳтиёткорона мемоланд. Ҳамин ки тарҳи аввалаи гаҷоба хушк шуд, ба рӯи он дубора гаҷоба медавонанд ва дар натиҷа нақшҳои барҷаста ҳосил мегарданд.

***Санъати рассомӣ***, суратгарӣ, як навъи санъати тасвирист, ки ҳамчун асари бадеӣ тавассути рангҳо дар рӯи ягон чиз офарида мешавад. Санъати рассомӣ воситаи муҳими инъикос ва тафсири бадеии воқеият буда, ба афкору эҳсоси бинанда таъсир мерасонад, дорои мундариҷаи хоси иҷтимоӣ ва вазифаҳои гуногуни ғоявӣ мебошад. Дар асари санъати рассомӣ рассом барои ифодаи ғояи муа-

йяни мавзӯю сюжет интихоб мекунад, композитсия меофарад, аз рӯи масдар (натура) этюд ва эскизҳо эҷод менамояд. Дар Санъати рассомӣ усули истифодаи як ранг бо тобишҳояш (монохромӣ) ва силсилаи рангҳои устувору ноустувор истифода мешавад, ки бо ёрии он тафовути рӯшноию тирагии предметҳо, мавқеи фазоии онҳоро дарк кардан мумкин аст. Дар санъати рассомӣ ифодаи устокоронаи шакл, ҳаҷм, фазо, ранг, тобишҳои рӯшноию тирагӣ, истифодаи раххо ва ғайра аҳамияти калон дорад. Санъати рассомӣ аз рӯи таъинот ва вазифааш якчанд хел мешавад: монументалии ороишӣ (расмҳои рӯидеворӣ, панно, фреска), дастгоҳӣ (мусавварахо), ороишӣ (ороишт саҳнаи театр, кино), минётур (мусавварахи китобу дастхатҳо, портрет ва ғайра), диорама, панорама ва ғайра[1].

Дигар самти ҳунарҳои мардумӣ ҳайкалтарошӣ (пайкарасозӣ), сангтарошӣ ба ҳисоб меравaнд.

***Ҳайкалтарошӣ*** яке аз самтҳои ҳунарҳои мардумӣ маҳсуб меёбад. Аз қадимулаём ҳайкалтарошон образҳои одамон ё ягон ҳайвони афсонавиро аз сангҳо, танаи дарахтҳо, устухонҳо ва дигар ашёҳо тасвир менамуданд. Инчунин, ҳайкалтарошон, образҳои одамон, ҳайвонот, ашёҳои ҳаёти рузгорро аз омехтаҳои махсус таҳияшуда, хусусан аз гил месохтанд, аз санг метарошиданд ва маводҳои дигарро мебуриданд. Ҳамин тариқ аз ибтидо ҳайкалтарошӣ рушд карда ва то имрӯз давом дорад.

Ҳайкалтароширо ба се намуди асосӣ ҷудо намудан мумкин аст:

Бузург (монументалӣ).

Дастгоҳӣ.

Ҳайкалтарошии шаклҳои хурд.

[1]Ниг.: http://kitobam.com/cr/sanati-rassom/

Асарҳои бузурги ҳайкалтарошӣ дар кучаҳо, майдонҳо, боғҳо, намои берунии хонаҳо ва дар толорҳои азим гузошта мешаванд. Ҳайкале, ки ба яке аз инсонҳои машҳур ё ҳодисаи муҳим бахшида шудааст, асари ҳайкалтарошӣ номида мешавад. Муҷассама ҳайкали азимҷусса буда, ҳодисаи бузургеро инъикос менамояд, маҳз бо ҳамин хусусият аз намудҳои дигари ҳайкалтарошӣ тафовут дорад.

Санъати ҳайкалтарошӣ, ки дорои мазмун ва муҳтавои хос буда, ифодагари шахсиятҳои обруманд, абармардони сиёсати давлатии халқи тоҷик, арбобони намоёни илму фарҳанг ва ҳодисаҳои таърихӣ (ҳайкали Исмоили Сомонӣ, Абуабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Восеъ, Садриддин Айнӣ, ва ғайра) мебошанд.

Соли 1999 дар шаҳри Душанбе, ба муносибати таҷлили 1100 - солагии ҷашни давлати Сомониён - аввалин давлати тоҷикон, «Муҷтамаи ёдгории оштии миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» ва муҷассамаи амири аввалини давлати тоҷикон (Давлати Сомониён) — Исмоили Сомонӣ сохта шуд. Майдон соҳиби номи нав - майдони «Дӯстӣ» гардид. Баландии муҷассамаи Исмоили Сомонӣ - 13 метр аст ва он аз фулузоти биринҷӣ сохта шудааст. Муҷтамаи бошукуҳро Арки бузург аз сталактит, дар болои он тоҷи тиллоӣ (диаметраш 5 метр) оро медиҳад. Баландии иншоот аз сатҳи майдон 43 м аст. Дар дохили он осорхона ва нусхаи мақбараи Сомониён (асри IX-X ш. Бухоро) низ сохта шудааст. Аз ду ҷониби муҷассамаи Исмоили Сомонӣ тасвири шерҳои биринҷӣ, рамзи устувории

давлат ва кафили сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар гузошта шудаанд.[1].

20 марти соли 2019 Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Норак пардаро аз руи муҷассамаи навбунёди асосгузори аввалин давлати тоҷикон - шоҳ Исмоили Сомонӣ бардошта, онро ифтитоҳ намуд, ки баландии пояи муҷассама 7,5 ва худи муҷассама 7 метрро ташкил медиҳад.

Муаллифони муҷассамаи барқади шоҳ Исмоили Сомонӣ ҳайкалтарошон, аъзоёни Иттифоқи рассомони Тоҷикистон Мансур Маҷидов ва Рустам Ҳоҷибоев мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳайкалтарошӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифӣ маҳсуб ёфта, таърихи бою рангин ва пурғановатеро соҳиб аст, ки бевосита аз фардияти муаллифони онҳо гувоҳӣ медиҳанд. Худи ҳайкал бошад, тавре дар адабиётҳои ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифӣ, барои мисол дар шакли тасвироти сегона, ҳаҷмӣ омода гардида, образҳои қаҳрамонони онро, ки ба ягон ғоя, фикру ақида робита доранд нишон медиҳад.[2]

Қисми 7 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» санъати

---

[1] Ниг.: https://tg.wikipedia.org/wiki/Муҷассамаи_Исмоили_Сомонї #Эзоҳ

[2] Ниг.: Кириллова М.Я. Объекты авторских прав. //Вестник Уральского института экономики, управления и права. -С.41.

ҳайкалтароширо ба объектҳои ҳуқуқи муаллиф дохил намудааст.[1]

***Сангкорӣ*** (*сангнигорӣ, сангчинӣ*) навъи ҳунарест, ки дар соҳаи бинокорӣ истифода мешавад. Сангкорӣ аз чидани хишт ё санг, соруҷрезӣ ва ғайра, инчунин аз сохтани чӯбдасту хавозаҳои бинокорӣ, ба ҷои кор кашонда тайёр кардани масолеҳ иборат аст[2].

Дар сархати ҳаштуми моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи маъмултарин соҳаи ҳунармадии кулолгарӣ меравад.

***Кулолгарӣ*** - ҳунарест, ки аз лойи махсус зарфҳову лавозимоти дигар месозанд. Ин соҳаи ҳунармандӣ дар байни тоҷикон аз давраҳои қадим маъруфу маъмул аст. Натиҷаи кофтуковҳои археологӣ низ аз қадимӣ будани он шаҳодат медиҳанд.

Аз хоки махсус тайёр кардани зарфро одамон ҳанӯз аз ибтидои давраи неолит (ҳазораи 5 то милод) омӯхта буданд. Барои паҳншавии кулолгарӣ мавҷуд будани хоки мувофиқ мусоидат намуд. Кулолӣ - гили кулолӣ аз давраҳои қадим маҳсулоти аз ҳама наздик ва аз ҳама дастрас ба шумор мерафт. Дар асрҳои қадим баъд аз гулханҳои калоне, ки онҳо истифода мебурданд, дарёфтанд, ки гили дар он ҷои гулхан афрӯхта ва алов сӯхташуда нисбатан сахт ва боқувват мешавад. Аз ҳамон замонҳо сар карда одамон ба сохтани чизу чораҳои гилин сар карданд ва он чизҳоеро, ки месохтанд дар оташҳои

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №23-24, мод. 348; с. 2003, №8, мод. 450; с. 2006, №3, мод. 153; с. 2009, №12, мод. 825; с. 2014, №12, мод. 826; Қонуни ҶТ аз 1.08.2003, № 27, аз 3.03.2006, №162, аз 3.12.2009, №573, аз 31.12.2014, №1172, аз 2.01.2018, №1488)

[2]Ниг.: Тешаев А. Сангкорї // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. Ҷ. 6., Душанбе, 1986, -С. 537-538.

калон мепухтанд. Оҳиста-оҳиста онҳо ба сохтани ашёҳои рӯзгоре, ки ба онҳо лозим буд, гузаштанд: косаю табақ, дегу кӯзаҳо ва дигар олотҳои рӯзгор ва бозичаҳоро тадриҷан дар тафдонҳои махсус мепухтанд.

Бо пайдо шудани маҳсулоти дигар, ба монанди оҳан, шиша, тилло, нуқра, мис ва кашф шудани гили сафед - чинӣ (фарфор) гили кулолӣ қиммати худро гум накард. Дар ибтидо кулолгарӣ пешаи занон буда, пас аз ихтирои чархи кулолӣ мардҳо ҳам ба кулолгарӣ машғул шуданд[1].

Дар сархати нуҳуми моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи дигар навъҳои коркарди маҳсулоти ҳунарҳои мардуми шишакорӣ ва гаҷкорӣ меравад.

***Шишакорӣ*** *(шишасозӣ)* яке аз технологияҳои қадимтарин дар фарҳанги моддӣ мебошад, аммо соҳаи нисбатан ҷавон мебошад. Ашёи хоми асосӣ барои истеҳсоли намудҳои маъмултарини шиша кремний мебошад. Гудозиши шиша дар ҳоли ҳозир бо истифода аз якчанд усул сурат мегирад, аммо онҳо параметрҳои нисбатан сахти технологӣ доранд, ки асосиашон шароити тозагии баланди истеҳсолот ва шароити ҳарорати баланд мебошанд, ки мавҷудияти таҷҳизот ва асбобҳои мувофиқро дар назар доранд. Маҳсулоти шишагӣ ҳамеша дар ҳама самтҳои фаъолияти инсон татбиқ мешуд ва идома дорад.

***Гаҷкорӣ,*** навъи маъмули санъати ороишиву амалӣ мебошад, ки ба ҳунари кандакорӣ вобаста аст. Гаҷ як намуди санги сафеди мулоим аст. Гаҷ санги маъдании махсус аст, ки онро дар кӯраҳо пухта, дар бинокорӣ ба кор мебаранд. Хокаи гаҷ низ истифода бурда мешавад, ки он хеле маҳин аст. Онро гулкаҷ меноманд.

---

[1] Ниг.:https://www.unesco-ichcap.org/eng/ek/sub2017_5/pdf_file/Tajikistan /3. %20a,%20b,% 20v,% 20g,%20gh.pdf

Ҳунари гаҷкори дар қиёс бо кандакории рӯи чуб сода ва сабуктар аст. Вале истифодаи он риояи қоидаҳои хосаро талаб мекунад.

Номҳои нақшҳо: рута, мадохил, якрафтор, серафтор, ислимии баргӣ, нақши мунаббат, даврагул, турунҷ, китоба, таблу, гули гиреҳ, намоён ва ғайра.

Асбобҳои корӣ: қалам, пилтақалам, минқор, шутургардан, патакбиннӣ, пухқалам, наво, қалами шукуфта, морпеч, инчунин, исканаи нова, исканаи кунҷак, исканаи рост, корди пардозӣ/гулқалам, дарафш, элак, сатил, андовачӯб, чӯби рост, ахта ва ғайра.[1]

Сархати даҳуми моддаи тафсиршаванда яке аз навъҳои коркарди маҳсулоти ҳунарҳои мардумиро пешбинӣ намудааст, ки заргарӣ мебошад.

***Заргарӣ,*** ҳунари истеҳсоли маснуоти бадеӣ (зеварот, асбобу ашёи рӯзгор, либосу аслиҳаи ҷангӣ) аз филизот (тилло, нуқра, мис, биринҷӣ, оҳан ва ғайра), сангҳои қимматбаҳову арзон (алмос, лаъл, ёқут, фирӯза, зумуррад, лоҷвард, ҷазъ, булӯри кӯҳӣ, ҷамаст, яшм, қаҳрабо, ақиқ ва ғайра) ва моддаҳои органикӣ (устухони фил, садаф, марворид, чӯб) сохта мешавад. Заргарӣ қадимтарин ва машҳуртарин навъи санъати ороиши амалист.

Дар Кӯлоб заргарон ҳоло ҳам навъҳои маснуоти заргарӣ - дастпона, қулфи гиребон, гӯшвора, холчӯб, чолбанд, зира, нуқрапӯшак ва ғайраро хеле моҳирона месозанд ва аз рӯи ҳунарашон зиндагияшонро пеш мебаранд. Гарчанде, заргарӣ таърихан касби занона ва мардона буд, дар асрҳои миёна ва гузашта одатан ба мардҳо мансуб гашт. Аммо дар давраи соҳибистиклолии Тоҷикистон аз

---

[1]Ниг.:https://www.unesco-ichcap.org/eng/ek/sub2017_5/pdf_file/Tajikistan/3.%20a,%20b,%20v,%20g,%20gh.pdf

ибтидои асри XXI духтарони тоҷик ба ин касб зеле майл ва таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Мисоли ин дар фаъолияти коргоҳи “Зари Кӯлоб” дида мешавад, ки иҷроиши кор сирф дастӣ аст[1].

Дар сархати ёздаҳуми моддаи тафсиршаванда сухан мавриди ду навъи ҳунармандӣ бофандагӣ ва ресандагӣ меравад.

***Бофандагӣ*** - навъи мероси фарҳангии ғайримоддии тоҷикон, ҳунари бадеӣ, ҷараени технологии аз ресмон бофтани матоъ мебошад. Абрешим, пашм, зағирпоя, канаб, пахта, ҷут ва ғайра ашёи хоми бофандагианд. Бофандагӣ аз касбҳои қадима буда, дар давоми асрҳо аҳолии маҳаллӣ аз алоча, қаламӣ, суф, чит, карбос, матои хоса, дока, гилем ва ғайра истифода мебурданд. Бофандагӣ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ хусусияти майдакосибӣ дошт. Ҷиҳози бофандагӣ - асосан ҳаллоҷӣ, чарх, дукон ва ғайра буд. Ҳаллоҷӣ, чириқ, асбобест, ки бо он пахтаро аз чигит тоза мекарданд.

*Дукон* - дастгоҳи бофандагиест, ки дар он матоъҳои пахтагин, абрешимин ё пашмин мебофанд. Масалан гилембофӣ аз намуди қадимтарини ҳунарҳои мардуми тоҷик мебошад. Дар байни мардуми тоҷик он имрӯз ҳам хеле маъруф аст. Натиҷаи кофтуковҳои бостоншиносӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки мардуми тоҷик аз қадимулайём ба ин ҳунар рағбати зиёд доштааст.

*Гилем* маснуоти бофандагии бадеӣ мебошад, ки одатан нақшу нигори гуногунранг дорад. Онро барои гарм кардан, оро додан ва фурӯ нишондани садо ба фарши хона меандозанд ё ба девор меовезанд. Гилемро бисёрқабата

[1]Ниг.:https://www.unesco-ichcap.org/eng/ek/sub2017_5/pdf_file/ Tajikistan/3.%20a,%20b, %20v,%20g,%20gh.pdf

ва яккабата, патдор ва бепат мебофанд. Гилеми патдорро қолин мегӯянд. Қолин матои бисёрқабатаест, ки ба торҳои асос дастаҳои алоҳидаи ришта ба якдигар зич (гиреҳҳои патдор) баста шудаанд; нӯги ришта (дастаҳо)-ро аз тарафи рости қолин як хел карда мебуранд, ки дар натиҷа пати зичи махмалин ҳосил мешавад ва асосу пудро мепӯшонад. Баландии пат аз 3 мм то 18 мм мешавад. Пат қолинро ғафс намуда, онро бадошт ва мулоим мекунад. Қимати қолин аз хел, сифат (бофта, дӯхта, гулдор), масолеҳ (пашмӣ, патдор, патагин), рангу бор, андоза ва нақшу нигори он вобаста аст. Инчунин, қолинҳои паташон нобурида (ҳалқагӣ)-и муштарак (паташон бурида ва нобурида) истеҳсол карда мешавад.

Гилеми бепат (палос, гилемҳои қоқма ва ғайра) матои яккабатаи дутарафа буда, аз асос ва пуд иборат аст. Ғайр аз гилемҳои бофта, намудҳои ҷулоҳӣ, нобофта (паташ дӯхта, сӯзанзада, ширешӣ ва ғ.), намадӣ, мӯинагии дорои нақшҳои аппликатсионӣ, гулдӯзӣ ва дастибофти он (бурёи гулдор аз матои ранга) мавҷуданд. Қаблан ҳамаи корҳои омодагӣ ва ҷараёни гилембофӣ ба таври дастӣ ба анҷом расонида мешуд. Гилемро аз риштаҳои пахтагин ва пашмин мебофтанд. Айни замон, гилемҳо вобаста ба усули тайёркунӣ дастӣ ва мошинӣ мешаванд.

Гилемҳои дастибофро дар дастгоҳҳои бофандагӣ истеҳсол мекунанд. Онҳо хеле бадошт буда, дар шароити мусоид зиёда аз даҳҳо ва ҳатто садҳо сол хизмат мекунанд. Масолеҳи гилемҳои дастибофт риштаҳои пашмин (пашми гӯсфанд, буз, уштур), пахтагин, абрешимин, зағирпоя ва канабанд мебошанд. Дар ибтидо пашм ва ё пахтаро тоза ва мулоим карда, аз он ришта тайёр мекунанд. Сипас, риштаҳоро калоба карда, вобаста ба эҳтиёҷот рангҳои гуногун мезананд. Пас аз он риштаро ба дӯкони гилембофӣ

чун асос печонида, ришта ё калобаи дигарро ба сифати пуд кор фармуда, порчаҳои алоҳидаи гилемро вабаста ба маҳорати ҳунармандӣ бо истифода аз нақшу нигори гуногун мебофанд.

Порчаҳои дар дӯкон бофташударо гирифта, онҳоро то ҳаҷми зарурӣ ба ҳам мепайванданд ва гилеми дилхоҳро ҳосил мекунанд. Гилембофии дастӣ ҳунари бадеии халқӣ мебошад. Намуди гилемҳо (ранг, нақш) низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Гилемҳо вобаста ба анъанаҳои хос ва маҳал тайёр карда мешаванд. Ба гилемҳо вобаста ба маҳалли истеҳсол ва ё аз номи қавму авлоди истеҳсолкунанда номгузорӣ мешаванд. Гилемҳо бо нақшҳои геометрӣ ва манзараҳои гуногун ва бо рангубори сурх, кабуд, нилобӣ, гулобӣ, зарди тамокуранг, зарди лимӯӣ, кабуд, сабз ва ғайра фарқ карда меистанд. Гилемҳои бо риштаҳои пашмин ва абрешимин бофташуда қиммати баланд доранд.

Солиёни охир бинобар истеҳсоли қолинҳои зебои замонавӣ истеҳсоли гилемҳои дастӣ хеле кам шудааст. Гилемҳои дастиро дар манзилҳои деҳотиён дидан мумкин аст.

Дар гилембофии Бадахшон, хусусан Ишкошим, Роштқалъа, Мурғоб гилеми дастбофи пашми қутоси дорои сифати хеле олӣ аст. Аз он лиҳоз, ки чунин қолинро куя намезанад ва он садҳо сол хизмат мекунад.

Айни замон, гилембофии дастӣ дар қисмати шимоли Тоҷикистон фаъол буда, занони вилояти Суғд, хусусан ноҳияи Бобоҷон Ғафуров гилемҳои хурду калони дастии пашмиро бо маҳорати хосаи бадеӣ дар манзилҳои худ мебофанд.

Барои аз байн нарафтани ин ҳунари куҳани аҷдодӣ дар як қатор ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла Варзоб, Аб-

дураҳмони Ҷомӣ, Данғара, Балҷувон, Ховалинг ва ғайра марказҳои таълимию истеҳсолӣ таъсис дода шуда, омӯзиш ва истеҳсоли гилемҳои дастӣ ба роҳ монда шудааст[1].

Сархати чордаҳуми моддаи тафсиршаванда ба яке аз ҳунарҳои мардумӣ эҳёгарӣ (реставратсия) бахшида шудааст.

*Эҳёгарӣ* (дар забони лотинӣ restauratio барқарорсозӣ) маҷмӯи чорабинии-ҳосест, ки ба пешгирии нобудшавии минбаъда ва ба даст овардани шароити оптималӣ барои ҳифзи дарозмуддати ёдгориҳои фарҳанги моддӣ, таъмин намудани имконияти боз ҳам кашф кардани хосиятҳои нави қаблан номаълуми он нигаронида шудаанд.

Сархати понздаҳуми моддаи тафсиршаванда хусусияти ҳаволакунанда дошта дигар самтҳои ҳунармандиро пешбинӣ менамояд.

Бояд зикр намуд, ки оид ба дигар самтҳои ҳунармандӣ етавон аз адабиётҳо ва сарчашмаҳои зиёди нашршуда иттилоот пайдо намуд. Масалан, Феҳристи миллии меросифарҳангии ғайримоддӣ.[2]

Ба ҳамин монанд асари библиографии ҷадид, ки феҳристи адабиёт доир ба ҳунарҳои мардумиро дарбар мегирад ва зери унвони «ҳунарҳои мардумӣ – шаҳодатномаи миллат»дар матбааи «паёми ошно» ба

---

[1] Ниг.: Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷилди 1, Сарредакцияи илмии Энциклопедияи советии тоҷик, Душанбе-1988 саҳ. 350-351; фикру андешаи муаллиф. Б.Сайфиддинов.

[2]Ниг.:Феҳристи миллии меросифарҳангии ғайримоддї. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Пажӯҳишгоҳи илмї-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот. Мураттибон: Раҳимов Д., Қличева Н., Зубайдов А. Муҳаммадиев Ҳ., Муродов М., Обидпур Ҷ. Қодиров Ф., Аминов А., Холмуродов З., Бердиева Ш., Ниёзова М.,Носирова Л. Зери назари Комилзода Ш. Муҳаррири масъул Раҳимов Д. Муқарриз Бӯриев Қ. Душанбе: «Аржанг» 2016. 354 саҳ.

тозагӣ рӯйи чоп омадааст. Китоб дар таҳияи муҳаққиқ ва омӯзгори ҷавону умедбахши соҳаи китобдорӣ ситора абдумуминзода ба нашр расидааст.

Дастури библиографии «Ҳунарҳои мардумӣ -шаҳодатномаи миллат» дар асоси захираи маводҳои илмию оммавии Китобхонаи илмии Донишкадаи давалатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, ҳамчунин сомонаҳои Интернетӣ таҳия шудааст. Мураттиби он Ситора Абдумуминзода, муаллифи лоиҳа «Барномаи бунёди бойгонии захираҳои иттилоотӣ – электронӣ дар Китобхонаи илмии ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода барои солҳои 2017-2019» буда, дастури мазкур низ дар доираи ин лоиҳа нашр гардида, муаррификунандаи ҳунарҳои мардумӣ дар асоси захираҳои мақолаҳои матбуоти даврӣ ва асарҳои илмӣ ҷамъовардашуда мебошад.

Бояд қайд кард, ки ин дастури библиографӣ аз ду қисми асосӣ ва дастгоҳи маълумотдиҳии нашр иборат аст. Дар қисми якуми дастур доир ба ҳар як ҳунарҳои мардумӣ аз қабилӣ: адрас ва атласбофӣ, рағзабофӣ, қолинбофӣ, намадмолӣ, зардӯзӣ, гулдӯзӣ, чакан, қуроқдӯзӣ, тоқидӯзӣ, муҳрабофӣ, шерозбофӣ, ҷуроббофӣ, пойафзолдӯзӣ, читгарӣ, заргарӣ, мисгарӣ, кулолӣ, кандакорӣ ва ғайра, ки дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон рушд намудаанд, маълумотҳои мушаххас оварда мешавад. Ҳамчунин дар ин бахш вобаста ба мавзӯҳои матраҳшаванда барои аёнияти андешаҳо расмҳои ранга оварда шудааст[1].

Ҳамзамон ҳаминро бояд тазаккур дод, ки зимни таҳлили сархатҳои моддаи тафсиршаванда истилоҳоте, ки

[1] Ниг.: http://kmt.tj/khunarkhoi-mardumi-shakhodatnomai-millat

ба ҳунарҳои мардумӣ алоқамандӣ доранд, истифода шудаанд[1].

## БОБИ 2. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ

**Моддаи 6. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳунармандӣ**

**Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳунармандӣ дохил мешаванд:**

**- таъмини пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ;**

**- муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ;**

**- муайян намудани имтиёзҳо барои соҳаи ҳунармандӣ;**

**- тасдиқи низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандӣ;**

**- тасдиқи барномаҳои давлатӣ оид ба рушди ҳунармандӣ;**

**- таъсиси ҷоизаҳо дар соҳаи ҳунармандӣ;**

**- тасдиқи тартиби пешбурди феҳристи ҳунармандӣ;**

**- тасдиқи номгӯи касбҳои ҳунармандӣ;**

**- амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.**

Моддаи 6 Қонуни тафсиршаванда салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври васеъ дар соҳаи ҳунармандӣ муқаррар намудааст.

---

[1]Ниг.:https://www.unesco-ichcap.org/eng/ek/sub2017_5/pdf_file/Tajikistan/3.%20a,%20b,%20v,%20g,%20gh.pdf

Мутобиқи сархати якуми моддаи тафсиршаванда ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳунармандӣ таъмини пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ вогузор гардидааст.

Бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин самт мунтазам ислоҳоти соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёту фарҳанг, ҷиҳати таъмини рушди иқтисодиёт ва танзими самараноки муносибатҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоӣ, сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон ва инчунин, рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶумҳурииТоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, занон ва оила, рушди сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро вазифадор намуданд, ки масъалаи шуғли аъзои ҳар як оилаи кишварро таҳлил карда, ҷалби онҳоро ба соҳаи кишоварзӣ, корҳои хонагӣ, косибӣ, ҳунарҳои мардумӣ, инчунин, корҳои мавсимӣ ва хизматрасонӣ, таъмин созанд[1].

Инчунин, бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод карда шуданд. Барои рушди ин соҳа бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 69

[1] Ниг.:Паёми Президенти ҶумҳурииТоҷикистон, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017.www.Prezident.ru.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ, эҳё ва дастгирии ҳунарҳои мардумӣ соли 2019-2021 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид, ки ин иқдом барои ташаккул ёфтани он мусоидат намуд.

Сархати дуюми моддаи тафсиршаванда салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ пешбинӣ намудааст. Тавре дар сархати якуми моддаи 7 Қонуни тафсиршаванда зикр гардид, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ» аз 29 феврали соли 2020, №132 Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ муайян карда шудааст (нигаред ба тафсири моддаи 7).

Сархати сеюми моддаи тафсиршаванда салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои муайян намудани имтиёзҳо барои соҳаи ҳунармандӣ пешбинӣ намудааст. Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалисозии пурраи имтиёзҳои андозӣ ва гумрукии соҳаи ҳунармандӣ ва васеъ намудани дастрасӣ ба маблағҳои молиявии камарзиш (қарзҳои имтиёзнок) барои ҳунармандонро амалӣ менамояд.

Масалан, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2018, №60 «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451» 104 намуди фаъолият оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона, фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ аз пардохти ҳама намудҳои андоз озод карда шудаст (нигаред ба

замимаи №2). Инчунин, мусоидат намудан ба ҳунармандон тавассути дарёфти сарчашмаҳои гуногуни молиявӣ, аз ҷумла, қарзҳои имтиёзнок ва грантҳои созмонҳои байналмилалӣ барои пайвастшавӣ ба шабакаҳои коммуникатсионӣ муҳандисӣ, таъмини таҷҳизот, ашё ва маҳсулоти лозимӣ, дар мавридҳои зарурӣ ҷудо намудани иншоот амалӣ карда мешавад.

Дар сархати чоруми моддаи тафсиршаванда бошад, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқи низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандӣ пешбинӣ шудааст. Боиси зикр аст, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 26 сентябри соли 2020, №502 Низомнома ва ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст (нигаред ба Замимаи №1).

Дар сархати панҷуми моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тасдиқи барномаҳои давлатӣ оид ба рушди ҳунармандӣ меравад. Барномаҳоидавлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ бо риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоіои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 августи соли 2018, №1544 қабул карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020, №570 «Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қабул ва тасдиқ гардид (нигаред ба Замимаи №5).

Сархати шашуми моддаи тафсиршаванда салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таъсиси ҷоизаҳо

дар соҳаи ҳунармандӣ пешбинӣ намудааст. Тартиби мазкур тибқи муқаррароти сархати панҷуми моддаи 7 Қонуни тафсиршаванда пешбинӣ мегардад. Пешниҳоди таклифҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси ҷоизаҳо дар соҳаи ҳунармандӣ ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ мебошад.

Тибқи банди 15 «Нақшаи дуҷонибаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки қабули онҳоро санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ менамояд, инчунин қабул, бақайдгирии давлатӣ ва иҷрои онҳо», ки аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи 2021 мувофиқа шудааст, дар назар аст, ки лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи ҷоизаи «Ҳунарманди беҳтарини сол» дар соҳаи ҳунармандӣ ва Кумитаи ҷоизаи «Ҳунарманди беҳтарини сол» дар соҳаи ҳунармандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шавад.

Тасдиқи тартиби пешбурди феҳристи ҳунармандӣ салоҳияти дигари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки дар Қонуни тафсиршаванда муқаррар гардидааст. Корбарии феҳристи мазкур тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Феҳристҳои давлатӣ» аз 11 марти соли 1992 №564 ба роҳ монда мешавад. Чӣ тавре зикр гардид, феҳристи ҳунармандӣ ин маҷмӯи иттилоотеро дарбар мегирад, ки дорои маълумот дар бораи субъектҳои ҳунармандӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, то 26 июни соли 2021 тартиби пешбурди феҳристи ҳунармандӣ тасдиқи худро наёфта буд. Тибқи бандҳои 13 ва 14 «Нақшаи дуҷонибаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки қабули онҳоро

санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ менамояд, инчунин қабул, бақайдгирии давлатӣ ва иҷрои онҳо», ки аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи 2021 мувофиқа шуда буд, таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи тартиби пешбурди Феҳристи касбу ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ шуда буд. Ва хушбахтона Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2021, №253 «Дар бораи Номгӯи касбҳои ҳунармандӣ» тасдиқ карда шуд (нигаред ба замимаи №6).

Дигар салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар сархати ҳаштуми моддаи тафсиршаванда муқаррар шудааст, ки амалӣ намудани он дар тасдиқи номгӯи касбҳои ҳунармандӣ ифода мегардад (нигаред ба замимаи №6).

Сархати нуҳуми моддаи тафсиршаванда хусусияти ҳаволакунанда дошта, ба амалӣ намудани салоҳиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ишора мекунад.

**Моддаи 7. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ**

**Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ дохил мешаванд:**

**- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ;**

**- ҳамоҳанг сохтани фаъолияти субъектҳои ҳунармандӣ;**

**- ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва шарикӣ бо субъектҳои дахлдори дохилӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳунармандӣ;**

**- таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи барномаҳои давлатӣ оид ба рушди ҳунармандӣ;**

**- пешниҳоди таклифҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикис-тон оид ба таъсиси ҷоизаҳо дар соҳаи ҳунармандӣ;**

**- гузаронидани конференсияҳо, намоишҳо - ярмаркаҳо ва озмунҳо вобаста ба ҳунармандӣ;**

**- амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.**

Моддаи 7 Қонуни тафсиршаванда ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандиро муқаррар намудааст.

Сархати якуми моддаи тафсиршаванда амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандиро ҳамчун яке аз ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ пешбинӣ менамояд. Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ» аз 29 феврали соли 2020, №132 Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ муайян карда шудааст.

Тибқи банди 1 боби 1 Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №146 Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ буда, таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи меҳнат, сатҳи зиндагии аҳолӣ, муҳоҷират, бозо-

ри меҳнат, шуғли аҳолӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таълими калонсолон ва ҳунармандӣ анҷом медиҳад.[1]

Ваколати дигари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ дар сархати дуюми моддаи тафсиршаванда ҷой дода шудааст, ки дар он сухан дар бораи ҳамоҳанг сохтани фаъолияти субъектҳои ҳунармандӣ меравад. Азбаски ваколати мазкур дар моддаи 8 Қонуни тафсиршаванда тақвият дода шудааст шарҳу тавзеҳи онро мувофиқи мақсад дар моддаи зикргардида донистем (муфассал нигаред ба тафсири моддаи 8 ва Замимаи № 1).

Сархати сеюми моддаи тафсиршаванда ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ оиди ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва шарикӣ бо субъектҳои дахлдори дохилӣ ва хориҷиро дар соҳаи ҳунармандӣ пешбинӣ менамояд.

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ мутобиқи банди 1 боби 1 Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №146 мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ буда, таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи меҳнат, сатҳи зиндагии аҳолӣ, муҳоҷират, бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таълими калонсолон ва ҳунармандӣ анҷом медиҳад.

Инчунин, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва шарикӣ бо субъектҳои дахлдори дохилӣ аз ҷумла, доир ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таълими калонсолон бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ

[1]Қарори Ҳукумати ҶТ аз 4.11.2016 №471, аз 9.07.2018, №348, аз 26.08.2019, №418, аз 24.07.2020, №418.

дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор оид ба масъалаҳои ҳунармандӣ таҳлил ва тадқиқоти мақсаднокро анҷом медиҳад.

Вобаста ба робитаҳо бо хориҷи кишвар бошад, мақоми ваколатдори давлатӣ тибқи салоҳияти худ дар тамоми муассисаҳо ва ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ аз рӯи масъалаҳои марбут ба салоҳияти он намояндагӣ мекунад ва бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаю созишномаҳои байналмилалиро имзо менамояд.

Одатан, ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва шарикӣ бо субъектҳои дахлдори дохилӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳунармандӣ қабл аз ҳама дар доираи созишномаю шартномаҳои дохилӣ ва хориҷи амалӣ мешаванд. Масалан дар доираи Созишномаи Генералӣ, «Созишномаи Генералии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва Иттиҳодияҳои корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 амалӣ мешавад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №77 тасдиқ шудааст. Созишномаи мазкур аз 8 фасл иборат буда, 24 моддаро дарбар мегирад, чунончӣ: дар соҳаи муътадилгардонӣ ва рушди иқтисодиёт; таъмини рушди бозори меҳнат ва истифодаи самараноки шуғли аҳолӣ; дар соҳаи сатҳи зиндагӣ ва кафолатҳои иҷтимоӣ; суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва бехатарии муҳити зист; рушди ҳамкории иҷтимоӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти тарафҳои ҳамкории иҷтимоӣ.

Дар самти ҳамкориҳои хориҷӣ, мавқеи асосиро созишномаҳо байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои хориҷи ишғол менамоянд. Аз ҷумла, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар

соҳаи фарҳанг ва ҳунар аз 17 январи соли 2008, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар аз 17 январи соли 2008 ва ғайра.

Ваколати дигари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ дар сархати чоруми моддаи тафсиршаванда пешбинӣ шуда, дар он сухан оид ба таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи барномаҳои давлатӣ оид ба рушди ҳунармандӣ баён шудааст.

Тибқи банди 5 боби 2 низомномаи вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон он лоиҳаҳои қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таълими калонсолон ва ҳунармандӣ, инчунин нақшаи корӣ ва нишондиҳандаҳои дурнаморо оид ба фаъолияти вазорати мазкур таҳия намуда, ба баррасии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Вобаста ба ин аз ҷониби вазорати мазкур «Барномаи рушди ҳунармандӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва «Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»[1] пешниҳод ва тасдиқ карда шудааст (нигаред ба замимаи №5).

Сархати панҷуми моддаи тафсиршаванда ваколати дигари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ пешниҳоди таклифҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси ҷоизаҳо дар соҳаи ҳунармандӣ маҳсуб меёбад, ки дар моддаи 6 Қонуни тафсиршаванда шарҳу тавзеҳ дода шуд.

[1] Минбаъд Нақшаи Барнома

Сархати шашуми моддаи тафсиршаванда ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандиро дар гузаронидани конференсияҳо, намоишҳо - ярмаркаҳо ва озмунҳо вобаста ба ҳунармандӣ муқаррар намудааст. Мувофиқи банди 24 Нақшаи Барнома баргузор намудани чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии соҳаи ҳунармандӣ ба нақша гирифта шудааст. Тибқи муқаррароти барномаи мазкур ҳамасола сар карда аз соли 2021 то 2025 на камтар аз як чорабинии ҷумҳуриявӣ дар соҳаи ҳунармандӣ гузаронида шуда, конференсия, семинар ва чорабиниҳои дигари байналмилалӣ баргузор мегардад.

Доир ба ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои зикршуда Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумрурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон дар ҳамдастӣ бо шарикон оид ба рушд муваззаф карда шудаанд.

Аз ҷумла, тибқи Барномаи мазкур аз ҷониби шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон семинари ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши Пешвои миллат дар ҳифзи арзишҳои ҳунармандӣ» дар соли 2021 гузаронида шуд. Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ олимони

соҳа баромадҳо намуда, натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ дар шакли мақолаҳо ба нашр расонда мешавад[1].

Дар банди 32 Нақшаи Барнома сухан дар бораи ташкил ва баргузор намудани намоишҳои маҳсулоти истеҳсолнамудаи ҳунармандон (ҳунарҳои авлодӣ ва аз байнрафта) меравад. Дар ин самт мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон муваззаф шудаанд, ки ҳамасола на камтар аз ду маротиба дар маркази вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дар бораи ташкил ва баргузор намудани намоишҳои маҳсулоти истеҳсолнамудаи ҳунармандон чораҳои зарурӣ андешанд.

Инчунин, тибқи банди 21 Нақшаи Барнома ташкили намоишгоҳи ҳармоҳаи фурӯши молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи ҳунармандон пешбинӣ шудааст, ки Мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатӣ, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон масъули гузаронидани он

---

[1]Ниг.: Бобокалонов Ғ. М. Баъзе масоили қонунгузорӣ оид ба ҳунарҳои мардумӣ дар Тоҷикистон/Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». МДМТ. – Душанбе: 2018. – С. 417-418.

мебошанд. Дар вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои алоҳидае, ки иқтидори рушди сайёҳӣ доранд, намоишгоҳи ҳармоҳа бояд ташкил карда шавад.

Сархати ҳафтуми моддаи тафсиршаванда хусусияти ҳаволакунанда дошта, дигар ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандиро даро робита ба ииииисанадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ишора мекунад.

**Моддаи 8. Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандӣ**

**1. Бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги раванди амалисозии сиёсати давлатӣ оид ба ҳунармандӣ Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.**

**2. Ҳайат ва низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.**

Таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандӣ ба кадом хотир ба инобат гирифта шудааст? Масъалаи мазкур дар моддаи 8 Қонуни тафсиршаванда муқаррар шуда, бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги раванди амалисозии сиёсати давлатӣ оид ба ҳунармандӣ роҳандозӣ мешавад. Зеро таъмини рушди бемайлони соҳаи ҳунармандӣ аз якчанд мақомот вобаста мебошад, аз ин лиҳоз, таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсозӣ муҳим ва ногузир аст.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ» бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги раванди амалисозии сиёсати давлатӣ оид ба ҳунармандӣ Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи тафсиршаванда ҳайат ва низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. (нигаред ба Замимаи №1)

## БОБИ 3. СУБЪЕКТИ ҲУНАРМАНДӢ

### Моддаи 9. Субъекти ҳунармандӣ

**Субъекти ҳунармандӣ шахси воқеие мебошад, ки дар як ва ё якчанд самтҳои ҳунармандӣ фаъолият менамояд.**

Тибқи моддаи 9 Қонуни тафсиршаванда субъекти ҳунармандӣ муайян шудааст. Ба сифати субъекти ҳунармандӣ шахсони воқеиеро дохил намудан мумкин аст, ки бидуни қайди давлатӣ ба хизматрасонӣ, истеҳсоли мол, иҷрои кор машғуланд, ё бо дигар тарз молу мулки худро мустақилона ва дар асосҳои доимӣ ба мақсади ба даст овардани фоида истифода менамоянд.

Субъектҳои ҳунармандӣ гуфта шахсони воқеиеро (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд) меноманд, ки мақсади фаъолияти онҳо ба даст овардани фоида буда, ҳолати ҳуқуқиашон бо қонунгузорӣ муайян карда мешавад.

Субъектҳои ҳунармандиро ба якчанд аломатҳо ҷудо намудан мумкин аст:

Якум, ба тарзи дахлдор аз қайди давлатӣ ё дигар тарзи расмикунонӣ гузаштаанд.

Дуюм, дорои ваколатҳои хоҷагӣ мебошанд.

Сеюм, аз ҷониби ҳунарманд ҳамчун иштирокчии муносибатҳои меҳнатӣ иҷро намудани кори муайян бо истифода аз меҳнати шахсӣ.

Чорум, бардавом будани муносибатҳои ҷамъиятии меҳнатӣ дар соҳаи ҳунарманмандӣ.

Панҷум, дорои молу маҳсулот барои фаъолияти ҳунармандӣ зарур мебошанд;

Шашум, дорои масъулияти мустақилонаи молумулкӣ мебошанд.

Дорои масъулияти мустақилонаи молумулкӣ будани шахсони воқеиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меъёрҳои алоҳида пешбинӣ намудааст. Тибқи моддаи 32 ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад. Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.

Ҳуқуқҳои молумулкӣ ва масъулияту уҳдадориҳои ҳунармандон дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо таҷассум ёфтаанд.

Хусусияти молумумлкӣ доштани муносибатҳои ҳунармандиро, яъне дорои ҳуқуқи гирифтани фоида будани ҳунарманд ҳамчун иштирокчии ин муносибатҳо омили дигари муайянкунанда ҳисобидан мумкин аст.

Ҳамин тавр, субъектҳои ҳунармандӣ захираҳои иқтисодиашонро барои ба даст овардани фоида истифода мебаранд ва бинобар ин бевосита иштирокчии муносибатҳои молу мулкӣ мебошанд. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо дар дои-

раи муносибатҳои молу мулкӣ бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим карда мешаванд ва онҳо дорои масъулияти мустақилонаи молумулкӣ мебошанд.

**Моддаи 10. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои ҳунармандӣ**

**1. Субъектҳои ҳунармандӣ ҳуқуқ доранд:**

**- молу маҳсулоти ҳунармандӣ истеҳсол намоянд, онҳоро ихтиёрдорӣ кунанд;**

**- мустақилона дар раванди истеҳсоли молу маҳсулоти ҳунармандӣ ва иҷрои корҳои дигари дахлдор шогирд-омӯзишгирандагонро ҷалб намоянд;**

**- касбу ҳунари худро ба шогирд-омӯзишгиранда ба таври инфиродӣ ё гурӯҳӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзонанд;**

**- арзиши молу маҳсулоти тайёршуда, истеҳсолшуда ё эҷодшударо мустақилона муайян намоянд;**

**- аз имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд;**

**- дар чорабиниҳои сатҳи гуногун оид ба масъалаҳои ҳунармандӣ иштирок намоянд;**

**- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияҳо ташкил намоянд;**

**- ҷиҳати рушди соҳаи ҳунармандӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ пешниҳод манзур намоянд.**

**2. Субъектҳои ҳунармандӣ уҳдадоранд:**

**- сифатнокии молу маҳсулотро дар доираи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд;**

**- раванди фаъолияти шогирд-омӯзишгирандаро назорат намоянд;**

**- дигар уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намоянд.**

Моддаи 10 Қонуни тафсиршаванда ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои ҳунармандиро муқаррар намудааст. Ҳуқуқдории субъектҳои ҳунармандӣ инчунин дар қисми 1 моддаи тафсиршаванда низ ифодаи худро ёфтааст.

Сархати якуми қисми 1 моддаи тафсиршаванда ҳуқуқи ихтиёрдории субъектҳои ҳунармандиро ба молу маҳсулоти истеҳсолнамудаашон пешбинӣ менамояд.

Ҳуқуқи ихтиёрдории субъектҳои ҳунармандӣ ин имконияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ таъминшудаи муайян намудани тақдири ҳуқуқии молу мулки онҳо мебошад. Масалан, субъектҳои ҳунармандӣ метавонанд молу маҳсулоти истеҳсолнамудаашонро фурӯшанд, тӯҳфа кунад ё бо дигар роҳ онро бегона намоянд. Ваколати ихтиёрдорӣ намудан, субъектҳои ҳунармандиро аз дигар дорандаҳо ва истифодабарандагони молу мулк ҷудо менамояд. Ҳамзамон, дар асоси шартнома баъзе имкониятҳои ихтиёрдорӣ намудани молу маҳсулоти истеҳсолшуда ба шахсони дигар дода мешаванд.

Қонунгузории амалкунанда шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро эътироф намудааст. Молу мулк шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ дар моликияти хусусӣ қарор дошта метавонанд. Дар ҳуқуқи моликияти шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқи ҳамаи намудҳои молу мулк, ба ғайр аз ашёҳое, ки мутобиқи қонун наметавонанд ба онҳо тааллуқ дошта бошанд, ҷой дошта метавонанд. Барои қонунгузории ҷорӣ миқдор ва арзиши молу мулке, ки дар ҳуқуқи моликияти шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ҷой дорад аҳамият надорад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки чунин маҳдудиятҳоро қонунгузор ба мақсади ҳифзи саломатии шаҳрвандон, ҳуқуқ

ва манфиати шахсони дигар ва муҳофизати олами набототу ҳайвонот татбиқ менамояд.

Хусусияти ҳуқуқи моликият аз он иборат аст, ки молик истифодаи молу мулкро «бо ҳокимияти худ ва ба манфиати худ» ба амал бароварда, дигар шахсонро аз мудохилаи беасос ба ҳуқуқи молу мулкии ба ӯ тааллуқдошта дур менамояд, яъне мувофиқи хоҳиши худ баромад мекунад. Ҳамаи дигар шахсон, яъне субъектҳои ҳуқуқе, ки молу мулкро дар ин ё он асоси ҳуқуқӣ тасарруф, истифода ва ихтиёрдорӣ менамоянд, ваколатҳои худро на танҳо бо риояи қонун, балки инчунин бо нишондодҳои молик ба амал мебароранд.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 242 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои умумии ба даст овардани ҳуқуқи моликият пешбинӣ шудааст. Тавре мувофиқи мақсад қайд мегардад, асосҳои ҳуқуқии ба даст овардани моликият ба чор гурӯҳ ҷудо карда мешавад:

-ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликият ба моли нав;

-ба даст овардани ҳуқуқи моликият тавассути анҷом додани аҳдҳои мухталиф, оид ба бегона кардани молу мулк;

-ба даст овардани ҳуқуқи моликият нисбати категорияи моликияти «бесоҳиб»;

-ба даст овардани ҳуқуқи моликият аз ҷониби кооперативҳои истеъмолӣ ва дигар шахсон.[1]

Аз ҷумла, ҳунармандон метавонанд ҳуқуқи моликият ба самара, маҳсулот, даромадеро, ки аз истифодаи молу мулк ба даст омадааст, дар асоси моддаи 149 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиб шуданро дошта бошанд.

---

[1] Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К., Душанбе, 2010.С.568.

Тибқи қисми 2 моддаи 242 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ҳуқуқи соҳибӣ ба амволеро, ки молик дорад, шахси дигар дар асоси шартномаи хариду фурӯш, иваз, тӯҳфа кардан ё дигар аҳдҳои аз ихтиёрдорӣ баровардани молу мулк ба даст оварданаш мумкин аст.

Дар сурати фавти шаҳрванд ҳуқуқи моликият ба молу мулки ӯ тибқи васиятнома ё қонун чун мерос ба дигар шахсон мегузарад.

Бидуни ихтиёри молик таҳти ихтиёрдории дигар шахс қарор додани молу мулки ӯ ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст.

Ҳуқуқи моликият ба молу мулке, ки ихтиёран (бо созиш) ё маҷбурӣ нисбати он рӯёниш татбиқ шудааст, бо риояи талаботи қонун ба даст оварда мешавад.

Мутобиқи сархати дуюми моддаи тафсиршаванда ба субъекти ҳунармандӣ ҳуқуқ дода шудааст, ки мустақилона дар раванди истеҳсоли молу маҳсулоти ҳунармандӣ ва иҷрои корҳои дигари дахлдор шогирд-омӯзишгирандагонро ҷалб намоянд. Тавзеҳоти меъёри мазкур дар тафсири сархати сеюми қисми 1 моддаи 10 низ баён шудааст (нигаред муфассал ба тафсири сархати мазкур).

Вале бояд зикр намуд, ки тибқи сархати сеюми қисми 1 моддаи 10 тафсиршаванда субъекти ҳунармандӣ ҳуқуқ доранд касбу ҳунари худро ба шогирд-омӯзишгиранда ба таври инфиродӣ ё гурӯҳӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзонанд. Аз меъёри мазкур ду намуди шогирд-омӯзишгирандаро ҷудо намудан мумкин аст:

Якум, инфиродӣ;

Дуюм, гурӯҳӣ.

Намуди якуми шогирд-омӯзишгиранда ба таври инфиродӣ, ки байни субъекти ҳунармандӣ ва хоҳишманди дарёфти касб (тахассус) амалӣ мегардад ва мақсади он омодасозии ҳунармандии барои шахс зарурӣ мебошад. Бояд тазаккур дод, ки асосан шогирд-омӯзишгиранда ба таври инфиродӣ, бо тарзи омӯзиши амалии «Устод-шогирд» аз ҳисоби аъзои оила ва хонадон, хешовандон, шиносон-наздикон ба роҳ монда шудааст. Шогирд-омӯзишгиранда ба таври инфиродӣ, аксар, ки ҳунармандони ҷавонро дарбар меирад доир ба касбу ҳунари омӯхтаашон ҳуҷҷати тасдиққунанда надоранд.
Ҳангоми қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 декабри соли 2017, №568 «Дар бораи Тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия» на танҳо ҳунармандон, балки ҳамаи онҳое, ки малакаву маҳорати касбӣ доранд, метавонанд дар сурати гузаштан аз имтиҳон соҳиби ҳуҷҷати намунаи давлатӣ гарданд. (нигаред ба Замимаи №4).

Дуюми намуди шартномаи шогирд-омӯзишгиранда гурӯҳӣ маҳсуб меёбад, ки тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад. Масалан, бо тариқи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбии самти ҳунармандӣ, таҳсилоти иловагӣ, баъдидипломӣ ва калонсолон, такмили дониш ва дараҷаи тахассус.

Азбаски ҳар яке аз намудҳои номбаршуда, аз ҷумла, бо тариқи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбии самти ҳунармандӣ, таҳсилоти иловагӣ, баъдидипломӣ ва калонсолон, такмили дониш ва дараҷаи тахассус дар қисми 3 моддаи 11 Қонуни тафсиршаванда, ба таври возеҳ ифода ёфтаанд, дар доираи ин модда шарҳу

тавзеҳи онҳоро зарур надонистем (нигаред муфассал ба тафсири моддаи 11).

Мутобиқи сархати чоруми қисми 1 моддаи тафсиршаванда субъекти ҳунармандӣ ҳуқуқ дорад ба молу маҳсулоти тайёрнамуда, истеҳсолнамуда ё эҷоднамудаи худ арзиши озодона ва мустақилонаро муайян намоянд. Озодона муайян намудани арзиши молу маҳсулоти тайёрнамуда, истеҳсолнамуда ё эҷоднамудаи ҳунарманд яке аз рукнҳои асосии иқтисодиёти бозорӣ аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ татбиқ мегардад.

Тибқи сархати панҷуми қисми 1 моддаи тафсиршаванда субъекти ҳунармандӣ ҳуқуқ дорад аз имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд.

Ҳолати мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути амалисозии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукии соҳаи ҳунармандӣ ва васеъ намудани дастрасӣ ба маблағҳои молиявӣ (қарзҳои имтиёзнок) барои ҳунармандон амалӣ мегардад.

Мутобиқи сархати шашуми қисми 1 моддаи тафсиршаванда субъекти ҳунармандӣ ҳуқуқ дорад дар чорабиниҳои сатҳи гуногун оид ба масъалаҳои ҳунармандӣ иштирок намоянд. Аз ҷумла, дар конференсияҳо, намоишҳо – ярмаркаҳо, озмунҳо ва ғайра вобаста ба ҳунармандӣ.

Дар сархати ҳафтуми қисми 1 моддаи тафсиршаванда муқаррар шудааст, ки субъекти ҳунармандӣ ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияҳо ташкил намоянд. Фаъолияти ҳунармандонро дар шакли иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

Зимни ташкили иттиҳодияҳои ҳунармандӣ дар шакли иттифоқ (ассотсиатсияҳо), палатаҳо, марказҳо, иттифоқи ҳунармандон, ташкилотҳои ҷамъиятии ҳунармандӣ қабл аз ҳама Низомномаҳои иттиҳодияҳои ҳунармандии ҷумҳуриявӣ ё маҳаллӣ қабул карда мешавад. Низомномаҳои иттиҳодияҳои ҳунармандии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мутаносибан дар анҷуманҳои умумиҷумҳуриявӣ ва ҷамъомадҳои маҳаллии ҳунармандӣ қабул карда мешавад. Дар Низомномаҳои иттиҳодияҳои ҳунармандӣ иттилооти зерин муайян карда мешавад:

- тартиби таъсис додани ташкилотҳои ҳунармандӣ;
- ҳайат, ваколатҳо ва вазифаҳои мақомоти идоракунии онҳо;
- шартҳои иштирок намудан дар фаъолияти ташкилоти ҳунармандӣ;
- дигар талаботҳое, ки барои амалӣ намудани фаъолияти касбии онҳо.

Раёсат, роҳбарияти иттиҳодияҳои ҷумҳуриявии ҳунармандӣ аз ҳисоби устодони хизматнишондодаи бахши ҳунармандӣ ва устодони бахши ҳунармандӣ ва дар сатҳи маҳаллӣ аз ҳисоби -ҳунармандони маҳаллӣ таъсис дода мешавад.

Иттиҳодияҳо субъектҳои фаъолияти ҳунармандиро дар асоси ризоият ва ихтиёрӣ муттаҳид ва дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи Низомнома аз номи онҳо намояндагӣ менамояд.

Иттиҳодияҳо метавонад мақоми маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта бошад.

Дар маҷмӯъ иттиҳодияҳои ҳунармандӣ созмони махсуси фаъолияти касбӣ ва ғайритиҷоратӣ аст, ки аз ҷониби субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятию соҳибкорӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ

ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятию иқтисодӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

Муассисони иттиҳодияҳо ҳамчун қоидаи умум субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ мебошанд. Иттиҳодияҳои ҳунармандӣ уҳдадориҳои худро нисбат ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ новобаста аз узвияти онҳо дар иттиҳодияҳо амалӣ менамояд.

Ҳуқуқу уҳдадориҳои иттиҳодияҳои ҳунармандӣ асосан иборатанд аз:

- амалисозии сиёсати давлатӣ вобаста ба фаъолияти ҳунармандӣ, раванди рушди ҳамаҷонибаи бахшҳои ҳунармандӣ ва муттаҳидсозии ҳунармандон, ташкилотҳои ҳунармандӣ масъул мебошанд;

- ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ёрии ҳуқуқӣ, хизматҳои иттилоотӣ, дигар кӯмакҳо ва хизматрасониҳоро анҷом дода, манфиатҳои онҳоро ҳимоя менамоянд;

- дар доираи ваколатҳояшон бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллӣ оид ба ташкили фаъолияти ҳунармандӣ шартномаҳо ба имзо мерасонанд;

- ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба таҳсили касбӣ ва тайёрии касбии ҳунармандон мусоидат менамоянд;

- дар таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти ҳунармандӣ иштирок менамоянд;

-дар гузаронидани намоишҳо, семинарҳо, ҷаласаҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти ҳунармандӣ иштирок менамоянд;

-дар асоси муроҷиати субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дар баррасӣ, ташхис, пешниҳод ва ҳалли масъалаҳои ҳунармандон иштирок менамоянд;

- иттилои заруриро, мисли қабули қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда, натиҷаҳои чорабиниҳои баргузоргардида, омӯзишҳо барои ҳунармандон ва ҷалби онҳо ба ин гуна чорабиниҳоро ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дастрас менамоянд;

- бо мақсади ҳамчун маҳсули эҷоди худ ба фурӯш гузоштани молу маҳсулот, донишу малакаҳои дар раванди фаъолияти ҳунармандӣ истеҳсол ва ё ҳосилгардида аз Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон гузаронидани ташхиси онҳоро дархост ва хулосаи онро дастрас менамоянд;

- дигар ваколатҳоеро, ки Қонуни тафсиршаванда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, амалӣ менамоянд.

Мутобиқи меъёри муқаррарнамудаи сархати ҳаштуми қисми 1 моддаи тафсиршаванда субъектҳои ҳунармандӣ ҳуқуқ доранд ҷиҳати рушди соҳаи ҳунармандӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ пешниҳод манзур намоянд. Ҳамагуна пешниҳодҳои ҳунармандон бо тартиб ва муҳлати муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” аз 23 июли соли 2016, №1339 мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Дар қисми 2 моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи уҳдадориҳои субъектҳои ҳунармандӣ меравад. Мутобиқи сархати якуми қисми 2 моддаи тафсиршаванда субъектҳои ҳунармандӣ сифатнокии молу маҳсулотро дар доираи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд. Ҳуқуқи моликият на танҳо ба субъектҳои ҳунармандӣ ҳуқуқҳои мутлақро медиҳад,

балки уҳдадориро низ дар назар дорад. Аз субъектҳои ҳунармандӣ инчунин сифатнокии молу маҳсулот низ тақозо мегардад, яъне ҳунарманд барои сифатнокии молу маҳсулот уҳдадор мебошад.

Тазаккур бояд дод, ки дар ҳолати пешниҳоди молу маҳсулоти бесифат истеъмолкунанда метавонад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, аз ҷумла талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, №72 ҳуқуқҳои худро ҳимоя намояд.

Сархати дуюми қисми 2 моддаи тафсиршаванда субъектҳои ҳунармандиро уҳдадор менамояд, ки раванди фаъолияти шогирд-омӯзишгирандаро назорат намоянд. Субъектҳои ҳунармандӣ , ки ҳамчун корфармо баромад менамоянд уҳдадор мебошанд раванди фаъолияти шогирд-омӯзишгирандаро назорат намоянд.

Талаботи мазкур аз қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, моддаи 29 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Тартиби бастани шартномаи шогирдӣ» аз 30 декабри соли 1998, №528 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2017, №134 бармеояд (нигаред ба Замимаи №3).

Сархати сеюми қисми 2 моддаи тафсиршаванда хусусияти ҳаволакунанда дошта, уҳдадориҳои ҳунармандонро, ки бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд, муқаррар менамояд. Дар силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат мавқеи махсусан муҳимро Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 23 июли соли 2016 қабул ва аз 30 июли

соли 2016[1] мавриди амал қарор дода шудааст, ишғол менамояд. Масалан, муносибатҳои меҳнатиро, аз ҷумла корҳое, ки хусусияти хонагиро доранд, муносибатҳои шартномавӣ ва ғайраро маҳз ҳамин кодекс танзим менамояд.

Хусусан, дар ин самт номбар намудани фасли III Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки ба «Хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон» бахшида шуда, аз бобҳои 15-28 иборат мебошад. Ба ҳамин монанд Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон,[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ» аз 1 августи соли 2003, №43[3] ва

---

[1] Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри якум. –Душанбе: 2017. –1120 саҳ.

[2]Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚИСМИ I) Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, № 7, мод. 508; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, № 3, мод. 125; с. 2006, № 4, мод. 193; с. 2007, № 5, мод. 356; с. 2010, № 3, мод. 156, № 12, s. 1, мод. 802; с. 2012, № 7, мод. 700, № 12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, № 7, мод. 504; с. 2015, № 3, мод. 200; с. 2016, № 7, мод. 612; Қонуни ҶТ аз 6.08.2001 № 41, аз 3.05.2002 № 5, аз 1.03.2005 № 85, аз 29.04.2006 № 180, аз 12.05.2007 № 247, аз 11.03.2010 № 601, аз 29.12.2010 №640, аз 03.07.2012 № 850, аз 28.12.2012 № 928, аз 22.07.2013 № 976, аз 18.03.2015 № 1178, аз 23.07.2016 № 1334, аз 2.01.2019 № 1557, аз 2.01.2020 № 1656, аз 2.01.2020 № 1657; ҚИСМИ II Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 12, мод. 323; с. 2002, № 4, қ. 1, мод. 170; с. 2006, № 4, мод. 194; с. 2009, № 12, мод. 821; с. 2010, № 7, мод. 540; с. 2012, № 7, мод. 699; с. 2013, № 7, мод. 505; Қонуни ҶТ аз 3.05.2002 № 5, аз 29.04.2006 № 181, аз 3.12.2009 № 569, аз 21.07.2010 № 607, аз 03.07.2012 № 849, аз 22.07.2013 № 977, аз 2.01.2019 № 1558; ҚИСМИ III Қонуни ҶТ аз 03.07.2012 № 840.

[3] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 466; с. 2013, №7, мод. 534; Қонуни ҶТ аз 22.07.2013, №1006, аз 2.01.2019, №1570.

ғайра ба мавзӯҳои алоҳидаи танзими фаъолияти ҳунармандӣ бахшида шудаанд.

## БОБИ 4. ОМӮЗИШИ КАСБҲОИ ҲУНАРМАНДӢ

### Моддаи 11. Омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ

**1. Бо мақсади ҳифз ва рушди ҳунармандӣ омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ ба роҳ монда мешавад.**

**2. Омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз синну сол, вақту замон, машғулияти асосии шогирд-омӯзишгиранда ба таври мунтазам ва ё муваққатӣ ба роҳ монда мешавад.**

**3. Омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ метавонад дар шаклҳои зерин амалӣ карда шавад:**

**- бо тартиби инфиродӣ ва гурӯҳӣ;**

**- бо тариқи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбии самти ҳунармандӣ;**

**- таҳсилоти иловагӣ, баъдидипломӣ ва калонсолон;**

**- такмили дониш ва дараҷаи тахассус.**

Мутобиқи қисми 1 моддаи 11 Қонуни тафсиршаванда омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ бо мақсади ҳифз ва рушди арзишҳои асили ҳунармандӣ омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар назар аст, ки дар робита ба масъала тибқи банди 3 «Нақшаи дуҷонибаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки қабули онҳоро санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ менамояд, инчунин қабул, бақайдгирии давлатӣ ва иҷрои онҳо», ки аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи 2021 мувофиқа

шудааст, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» таҳия ва қабул карда шавад.

Тибқи қисми 2 моддаи тафсиршаванда, омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз синну сол, вақту замон, машғулияти асосии шогирд-омӯзишгиранда ба таври мунтазам ва ё муваққатӣ ба роҳ монда мешавад.

Омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ - омӯзиши бевосита ва амалии худи касбҳо дар асоси Номгӯи намудҳои касбҳо ва фаъолиятҳои ҳунармандӣ бе назардошти омӯзиши фанҳои иловагӣ, ки дар дӯконҳо, маконҳои доимии фаъолияти ҳунармандӣ, биною иншооти дар ихтиёри субъектҳои омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ мавҷудбуда ва аз ҷониби онҳо амалӣ карда мешавад, фаҳмида мешавад.

Омӯзишҳои фаъолияти касбии ҳунармандӣ дар асоси Номгӯи намудҳои касбҳо ва фаъолиятҳои ҳунармандӣ, тибқи барномаҳои таълимӣ дар мувофиқа бо мақоми масъули бахши давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ, иттиҳодияҳои ҳунармандон ва мақомоти соҳаи маориф таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқ намуда дар биною иншоот ва дигар мавзеъҳои дар ҳисоби воситаҳои асосии субъектҳои омӯзиши фаъолияти касбии ҳунармандӣ карордошта, амалӣ карда мешавад.

Омӯзиши тамоюли касб ва фаъолияти касбии ҳунармандӣ - фаъолияти шогирд-омӯзишгиранда ва ё ҳунарманд-ҳаваскор, ки бо аз худ кардани касб дар назди ҳунарманд ва ё тибқи барномаҳои таълими касбии дар асоси қонунгузорӣ тасдиқ кардашуда дар муассисаҳои омӯзишии фаъолияти касбии ҳунармандӣ дар як вақт бо фаъолият ва ё касби асосӣ омӯхта мешавад.

Омӯзишҳои фаъолияти касбии ҳунарманд мумкин аст бо таври экстернат ба роҳ монда шавад. Омӯзиши экстернат ин омӯзиши мустақилона ва фосилавии касби ҳунармандӣ бо аз худ кардани барномаҳои фаъолияти касбии ҳунармандӣ бо гузаштан аз санҷиш (аттестатсия) дар муассисаҳои омӯзишии касби ҳунармандӣ тибқи муқаррароти муайяншуда амалӣ мешавад.

Мутобиқи қисми 3 моддаи тафсиршаванда омӯзиши касбҳои ҳунармандиро метавонад дар якчанд шакл амалӣ намуд. Якум, бо тартиби инфиродӣ ва гурӯҳӣ, ки омӯзиши тамоюли касб ва фаъолияти касбии ҳунармандиро ҳамчун шогирд-омӯзишгиранда ва ё ҳунарманд-ҳаваскор, ки бо аз худ кардани касб дар назди ҳунарманд омӯхта мешавад.

Дуюм, бо тариқи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбии самти ҳунармандӣ, ки тибқи барномаҳои таълими касбии дар асоси қонунгузорӣ тасдиқкарда шуда дар муассисаҳои омӯзишии фаъолияти касбии ҳунармандӣ дар як вақт бо фаъолият ва ё касби асосӣ омӯхта мешавад. Масалан, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 феврали соли 2009, №76 Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан» таъсис дода шудааст.

Сеюм, таҳсилоти иловагӣ, баъдидипломӣ ва калонсолон, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ»[1], «Дар бораи фарҳанг»[2], «Дар бораи мао-

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 466; с. 2013, №7, мод. 534;Қонуни ҶТ аз 22.07.2013, №1006, аз 2.01.2019, №1570.

[2] Дар таҳрири охирин аз 28 июни соли 2011

риф»[1], «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ»[2], «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»[3], «Дар бораи таҳсилоти калонсолон»[4], Қонуни тафсиршаванда ва ғайраамалӣ гардонда мешавад.

Ташкили раванди таълим барои калонсолон бошад тибқи талаботи қонунгузорӣ тавассути муассисаи давлатии «Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон», марказҳои касбомӯзии дар тобеияти вазорату идораҳо фаъолиятдошта, дигар марказҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ амалӣ карда мешавад.

Чорум, шахс метавонад омӯзиши касбҳои ҳунармандиро баҳри такмили дониш ва дараҷаи тахассуси хеш ба роҳ монад.

Таълимгиранда баъд аз анҷоми муҳлати бозомузӣ ва такмили ихтисос имтиҳон месупорад. Дар асоси натиҷаҳои имтиҳон ба онҳо тахассуси дахлдор (гурӯҳ, дараҷа, категория)-и касбӣ дода мешавад.

Тибқи қисми 2 моддаи тафсиршаванда, омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз синну сол, вақту замон, машғулияти асосии шогирд-

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод.532, таҳрири охирин аз 17 декабри соли 2020.

[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод.276, таҳрири охирин аз 29 январи соли 2021.

[3] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 338; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 423; с. 2016, №7, мод. 628; с. 2017, №7-9, мод. 584; Қонуни ҶТ аз 26.07.2014, №1126, аз 23.07.2016, №1350, аз 28.08.2017, №1465, аз 17.05.2018, №1529)

[4]

омӯзишгиранда ба таври мунтазам ва ё муваққатӣ ба роҳ монда мешавад.

## БОБИ 5. ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ

### Моддаи 12. Дастгирии давлатии соҳаи ҳунармандӣ

**1. Ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои афзалиятнок ҳисобида мешавад. Дастгирии соҳаи мазкур бо роҳи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташкил, мусоидат ва баргузор намудани чорабиниҳои миллию байналмилалии соҳаи ҳунармандӣ ва андешидани дигар тадбирҳо амалӣ карда мешавад.**

**2. Дастгирии давлатии соҳаи ҳунармандӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.**

**3. Мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои субъектҳои ҳунармандиро тавассути фароҳам овардани шароити мусоиди истеҳсолӣ, ташкили намоишгоҳҳои фурӯши молу маҳсулоти истеҳсолшуда, таъмин намудан бо ашёи хом ва амалӣ намудани дигар тадбирҳо дастгирӣ менамоянд.**

Дар моддаи 12 Қонуни тафсиршаванда сухан дар бораи дастгирии давлатии соҳаи ҳунармандӣ меравад.

Дастгирии давлатии фаъолияти ҳунармандӣ дар Тоҷикистон тавассути фаъолияти мақомоту ниҳодҳои давлатӣ ва машваратии сатҳи давлатӣ, қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташкил кардан, мусоидат ва баргузор намудан чорабиниҳои давлатию байналмила-

лии бахши ҳунармандӣ ва андешидани дигар тадбирҳо амалӣ карда мешавад.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам чорабиниҳои ташкил ва гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, конфронси байналмилалӣ бахшида ба ҳунармандӣ ва савдои маҳсулоти ҳунармандӣ, намоиш – ярмаркаҳои байналмилалӣ, озмунҳои ҷумҳуриявии «Ҳунарманди Тоҷикистон».

Тартиб ва шаклҳои ташкил ва гузаронидани конфронсҳо, намоишҳо –ярмаркаҳо ва озмунҳои вобаста ба фаъолияти ҳунармандиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти худидораи маҳалҳо дар доираи ваколатҳояшон шароитҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар шароитҳоро барои эҳё, ҳифз кардан ва рушди фаъолияти ҳунармандӣ таъмин менамоянд, аз ҷумла, тавсияҳоеро, ки барои такмили танзими ҳуқуқии дастгирии давлатии фаъолияти ҳунармандӣ равона шудаанд, таҳия намуда, бо тартиби муқарраршуда ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд. Мақомоти мазкур субъектҳои фаъолияти ҳунармандиро ба амалисозии барномаҳо ва чорабиниҳои давлатӣ, иҷрои корҳо хизматрасониҳо барои эҳтиёҷоти давлат ҷалб менамоянд, ҷиҳати татбиқи барномаҳои давлатии рушд ва дастгирии фаъолияти ҳунармандӣ тадбирҳо андешида, барномаҳои маҳаллии эҳё ва ҳифз намудани анъанаҳо, рушд ва дастгирии фаъолияти ҳунармандиро таҳия, тасдиқ ва амалӣ менамоянд, ҷиҳати таблиғи фаъолияти ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он, инчунин дар фурӯши маснуот, маҳсулот ва хизматрасонии ҳунармандӣ, аз ҷумла бо воситаи ташкил ва баргузории

намоишгоҳҳо, намоиш- ярмаркаҳо, озмунҳо, музоядаҳо, савдои махсуси маҳсулоти ҳунармандӣ мусоидат менамоянд, ҷиҳати пешгирӣ намудани муфлисшавии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ тадбирҳо меандешанд ва ғайра.

Қисми 2 моддаи тафсиршаванда тарзи амалӣ намудани дастгирии давлатии соҳаи ҳунармандиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.

Масъалаҳои асосии дастгирии давлатии фаъолияти ҳунармандӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути якчанд самтҳо амалӣ карда мешаванд.

Якум, бо тартиби муайян ва татбиқ кардани имтиёзҳои пардохтии маблағҳо.

Дуюм, бо тартиби иуқарранамудаи қонунгузорӣ ҳимоя намудани субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ, маснуот ва маҳсулоти ҳунармандони ҷумҳурӣ тавассути озод кардан аз боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ зимни:

-содир ва ворид намудани маҳсулоти худӣ, ки барои намоиш ва фурӯш дар хориҷа таъин шудаанд;

-ворид намудани асбобҳо ва таҷҳизот барои зиёд кардани сармояи оинномавии худ;

-ворид намудани ашё ва маводҳои барои истеҳсоли маснуот, маҳсулоти ҳунармандӣ зарурӣ.

Сеюм, ҳавасмандгардониҳои моддиву маънавӣ.

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон коллективҳои меҳнатӣ, иттиҳодияҳои ҳунармандӣ ҷиҳати бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ сарфароз гардонидани субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ барои хизматҳои шоён дар соҳаи ҳунармандӣ дархост пешниҳод менамоянд. Инчунин мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

дигар шаклҳои ҳавасмандгардонии субъектҳои ҳунармандиро амалӣ менамоянд.

Тибқи қисми 3 моддаи тафсиршаванда мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои субъектҳои ҳунармандиро тавассути фароҳам овардани шароити мусоиди истеҳсолӣ, ташкили намоишгоҳҳои фурӯши молу маҳсулоти истеҳсолшуда, таъмин намудан бо ашёи хом ва амалӣ намудани дигар тадбирҳо дастгирӣ менамоянд.

Дар ин самт ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ бахри фароҳам овардани шароити мусоиди истеҳсолӣ, ташкили намоишгоҳҳои фурӯши молу маҳсулоти истеҳсолшуда, таъмин намудан бо ашёи хом ва амалӣ намудани дигар тадбирҳо муқаррар намудани якчанд шаклҳои ҳуқуқи афзалиятнокро амалӣ намудан мумкин аст.

Якум, ёрии молиявӣ ва қарзҳои (кредитҳои) имтиёзнок аз ҳисоби маблағҳо барои рушди соҳибкории хурд ва миёна пешбинишуда ба ҳунармандоне, ки дар самтҳои барои давлат афзалиятнок фаъолият мекунанд.

Дуюм, бо шартҳои имтиёзнок ба иҷора додани биноҳо, иншоот ва объектҳо моликияти давлатӣ, аз ҷумла: барои ташкил ва гузаронидани намоишгоҳҳо, намоишгоҳ-ярмаркаҳо, озмунҳо, музоядаҳо ва дигар чорабиниҳои вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ; барои ташкил ва гузаронидани омӯзиши фаъолияти ҳунармандӣ; барои фаъолияти истеҳсолӣ ва таълимии устоҳо - ҳунармандон; тавассути шакли соддагардонидашуда ҷудо намудан ва додани қитъаи замин барои сохтмони объектҳои вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ; зимни тартиби

соддаи бақайдгирӣ ва барои амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст; зимни танзими тарифҳои гумрукӣ барои маҳсулоти ҳунармандии воридотӣ, бо мақсади ҳимояи маҳсулоти ҳаммонанди ҳунармандони ватанӣ.

Шахсони воқеии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ бошад, аз пардохти андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад ва дигар андозҳое, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, озод мебошанд; эъломияҳои андоз пешниҳод намекунанд; аз пеш бурдани маълумот оид ба даромадҳо ва хароҷот, инчунин пешниҳоди ҳисоботи муҳосибавӣ озод мебошанд.

Барои шахсони ҳуқуқии субъекти фаъолияти ҳунармандӣ вобаста ба масъалаҳои пардохти андоз аз даромад, пешниҳоди эъломияҳои андоз, пеш бурдани маълумот оид ба даромадҳо ва хароҷот, пешниҳоди ҳисоботи муҳосибавӣ, низоми махсуси соддакардашудаи имтиёзнок пешбинӣ карда мешавад.

Тартиби низоми махсуси соддакардашудаи имтиёзнокро барои шахсони ҳуқуқии субъекти фаъолияти ҳунармандӣ мақоми ваколатдори давлатии соҳаи ҳунармандӣ, иттиҳодияҳои ҳунармандӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва мақомоти андоз таҳия карда, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

## БОБИ 6. ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ

**Моддаи 13. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳунармандӣ**

**Мақомоти давлатӣ бо мақсади муаррифии маҳсулоти ҳунармандӣ ва васеъ намудани доираи робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳунармандӣ мусоидат намуда, иштироки бевоситаи ҳунармандон ва иттиҳодияҳои ҳунармандонро ҷиҳати мубодилаҳои фарҳангӣ бо сохторҳо ва созмонҳои дахлдори давлатҳои хориҷӣ танзим ва ҳавасманд мегардонанд.**

Моддаи 13 Қонуни тафсиршаванда ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳунармандиро пешбинӣ намудааст, ки мақомоти давлатӣ бо мақсади муаррифии маҳсулоти ҳунармандӣ ва васеъ намудани доираи робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳунармандӣ мусоидат намуда, иштироки бевоситаи ҳунармандон ва иттиҳодияҳои ҳунармандонро ҷиҳати мубодилаҳои фарҳангӣ бо сохторҳо ва созмонҳои дахлдори давлатҳои хориҷӣ танзим ва ҳавасманд мегардонанд.

Тавре зикр гардид, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ» Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бахши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон, сафоратхонаҳои Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ ҷиҳати иштироки ширкатҳои ватанӣ дар намоишгоҳҳо ва васеъ намудани ҳамкориҳо ширкатҳои ҷумҳурӣ бо ширкатҳои давлатҳои аз ҷиҳати маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ пешрафта мусоидат менамоянд.

Дар муносибатҳои байналмиллалӣ ҳамкориҳо дар соҳаи ҳунармандӣ тавассути бастани санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногунмазмун (шартнома, созишнома, ёддошти

тафоҳум, проткол ва монанди инҳо) амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, бо мақсади татбиқи меъёри мазкур Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар» аз 17 январи соли 2008, №9, «Дар хусуси тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва ҳунар» аз 17 январи соли 2008, №10 ва ғайра қабул гардиданд.

## БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 14. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

**Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқарраршудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.**

Риоя намудани Қонуни тафсиршаванда барои тамоми ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият ва шахсони воқеӣ, ки бо онҳо дар муносибатҳои ҳунармандӣ қарор доранд, ҳатмӣ мебошад.

Мутобиқи моддаи тафсиршаванда барои вайрон намудани меъёрҳои Қонуни тафсиршаванда, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ тибқи қонун ва бо тартиби муқарраршудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

### Моддаи 15. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

**Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.**

Мутобиқи моддаи тафсиршаванда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ» пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

Интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро (қонунҳоро), боби 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»[1], ба танзим медарорад.

Ҳангоми интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар воситаҳои ахбори омма, истинод ба манбаи нашри расмӣ ҳатмӣ мебошад.

Интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо ва ҳангоми зарурат, ба дигар забонҳо сурат мегирад.

Интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли нопурра ё иқтибос аз онҳо мумкин нест (Моддаи 65 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»).

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонанд дар нашриёҳои чопӣ ва электронии ғайрирасмӣ низ интишор гарданд.

Интишори ғайрирасмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, баъди интишори расмии он сурат мегирад. Дар ин маврид, манбаи нашри расмӣ ҳатман нишон дода мешавад (қ.2 моддаи 70 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»).

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расиданашон дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» ба тариқи расмӣ интишор мешаванд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) ба

---

1

мақомоти нашри расмӣ ворид шудаанд, бояд дар муҳлати на дертар аз 10 рӯз аз лаҳзаи воридшавӣ, интишор карда шаванд.

Манбаъҳои матни расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин ба ҳисоб меравад: Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 53).

Санаи интишори расмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, рӯзи аз чоп баромадани матни пурраи расмии он дар нашрияи расмӣ, ба ҳисоб меравад.

**ЗАМИМАИ №1**

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**«Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсози оид ба ҳунармандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳунармандӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

2. Низомнома ва ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

3. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо, бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои қарори мазкурро таъмин намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 26 сентябри соли 2020, №502 ш. Душанбе

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 26 сентябри соли 2020, №502

# НИЗОМНОМАИ ШӮРОИ ҲАМОҲАНГСОЗӢ ОИД БА ҲУНАРМАНДИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Шӯро) мақоми машваратии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги раванди амалисозии сиёсати давлатӣ оид ба ҳунармандӣ таъсис дода шудааст.

2. Ҳайати Шӯро аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳое, ки дар батанзимдарорӣ ва рушди соҳаи ҳунармандӣ иштирок мекунанд, инчунин ташкилотҳое, ки фаъолияти онҳо ба соҳаи ҳунармандӣ равона шудааст, ташкил карда мешавад.

3. Шӯро дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳунармандӣ", санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Низомнома)-ро ба роҳбарӣ мегирад.

## 2. ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ШӮРО

4. Вазифаҳои асосии Шӯро аз инҳо иборат аст:

- таъмини ҳамкории байниидоравии вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор оид ба масъалаҳои рушди соҳаи ҳунармандӣ;
- таҳияи пешниҳодҳои мувофиқашуда бо вазорату идораҳои дахлдор оид ба масъалаҳои рушди соҳаи ҳунармандӣ;

- таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҳунармандӣ ва ба вазорату идораҳо манзур намудани пешниҳодҳо оид ба масъалаҳои такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт;
- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудани пешниҳодҳо оид ба роҳҳои таҳкими фаъолияти мақомоту сохторҳое, ки дар соҳаи ҳунармандӣ ваколатдоранд;
- амалигардонии дигар вазифаҳо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 3. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ШӮРО

5. Шӯро барои иҷрои вазифаҳои худ ҳуқуқ дорад:
- фаъолияти вазорату идораҳо ва ташкилотҳоро оид ба масъалаҳои рушди соҳаи ҳунармандӣ- ҳамоҳанг созад;
- аз вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои дахлдор маводи зарурирo барои иҷрои вазифаҳои Шӯро дархост намояд;
- дар маҷлисҳо ҳисоботи роҳбарони вазорату идораҳои дахлдорро оид ба масъалаҳои рушди соҳаи ҳунармандӣ баррасӣ намояд;
- ҳангоми зарурат гурӯҳҳои кориро ҷиҳати омӯхтани масъалаҳои рушди соҳаи ҳунармандӣ таъсис диҳад;
- натиҷаҳои фаъолияти гурӯҳҳои кориро муҳокима ва баррасӣ намояд.

6. Ба ухдадориҳои Шӯро дохил мешавад:
- ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги раванди амалисозии сиёсати давлатӣ оид ба ҳунармандӣ;
- тасдиқи нақшаи чорабиниҳои дахлдор оид ба таъмини барномаҳои давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ;
- тасдиқи нақшаи кори ҳарсолаи Шӯро;

- пешниҳоди ҳисобот ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи натиҷаҳои баҳодиҳӣ ва мониторинг дар соҳаи ҳунармандӣ;

- дигар ухдадориҳое, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ухдадории Шӯро дохил мешаванд.

## 4. ҲАЙАТИ ШӮРОИ ҲАМОҲАНГСОЗӢ

7. Ба ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозӣ раис, муовини раис, котиб ва аъзои Шӯрои ҳамоҳангсозӣ дохил мешаванд.

8. Раиси Шӯро:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти Шӯроро амалӣ менамояд;

- маҷлисҳои Шӯроро даъват мекунад ва мегузаронад; нақшаи кори Шӯроро дар асоси нақшаҳои кории пешниҳоднамудаи вазорату идораҳо тасдиқ мекунад;

- протоколҳои маҷлисҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро барои иҷро имзо мекунад;

- вазифаҳои аъзои Шӯроро муайян мекунад;

- тибқи тартиби муқаррааргардида аз вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллиии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои дигар маълумот (мавод) оид ба масъалаҳое, ки ба ваколати Шӯро мансубанд, талаб мекунад;

- ҷиҳати иҷрои қарорҳои Шӯро ба вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо таклифу пешниҳодҳо манзур менамояд;

- ҳисоботи аъзои Шӯро, намояндагони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳоро мешунавад;

- дигар ваколатҳоеро, ки ба фаъолияти Шӯро дахл дошта, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, амалӣ менамояд.

9. Муовини раиси Шӯро:

- вазифаҳои раиси Шӯроро дар вақти набудани ӯ иҷро менамояд;
- дигар супоришҳои раиси Шӯроро иҷро мекунад.

10. Котиби Шӯро:

- коргузории Шӯроро таъмин менамояд;
- муроҷиатҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба Шӯро воридшударо омода ва ҷамъбаст намуда, ба раиси Шӯро пешниҳод менамояд;
- якҷо бо аъзои Шӯро ҳуҷҷатҳои заруриро оид ба масъалаҳои баррасишаванда таҳия намуда, лоиҳаи қарорҳоро ба раис ва аъзои Шӯро пешниҳод менамояд;
- протоколҳои маҷлисҳо ва қарорҳои Шӯроро тартиб дода, ҷиҳати амалишавии онҳо ба вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳо пешниҳод менамояд;
- супоришҳои раиси Шӯро ва дигар вазифаҳоро вобаста ба фаъолияти Шӯро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд.

11. Аъзои Шуро:

- дар маҷлисҳои Шӯро ширкат меварзанд;
- таклифҳои мушаххасро барои ворид намудан ба нақшаи корӣ ва рӯзномаи маҷлисҳои Шӯро манзур менамоянд;
- мавод ва лоиҳаҳои қарорҳоро ба маҷлисҳои Шӯро омода менамоянд;
- дар бораи кори анҷомдодаи вазорату идора ё ташкилоте, ки онро намояндагӣ мекунанд, ҳисобот пешниҳод менамоянд;
- ахбори заруриро бо дархости раиси Шӯро ё муовини ӯ пешниҳод мекунанд.

## 5. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРО

12. Шакли фаъолияти Шӯро маҷлисҳои он мебошад, ки дар як сол на камтар аз ду маротиба гузаронида мешавад. ғ

13. Маҷлисҳои ғайринавбатии Шӯро дар асоси супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо ташаббуси раиси Шӯро метавонад бо пешниҳоди аксари аъзои Шӯро гузаронида шаванд.

14. Рӯзномаи маҷлис ва маводи баррасишаванда ба аъзои Шӯро на дертар аз се рӯз пеш аз оғози маҷлис дастрас карда мешавад.

15. Раисӣ дар маҷлисҳои Шӯро аз ҷониби раиси Шӯро анҷом дода мешавад ва дар сурати ҳузур надоштани ӯ раисӣ аз ҷониби муовини раиси Шӯро анҷом дода мешавад.

16. Маҷлиси Шӯро ҳамон вақт салоҳиятнок ҳисобида мешавад, ки дар он аз нисф зиёди аъзои он иштирок дошта бошанд.

17. Қарорҳои Шӯро бо тариқи овоздиҳии кушод бо аксарияти овозҳои аъзое, ки дар маҷлиси Шӯро иштирок мекунанд, қабул карда мешаванд. Ҳангоми баробар будани овозҳо овози раис ҳалкунанда мебошад.

18. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳои дахлдор нақшаҳои корӣ ва ҳисоботҳои худро оид ба иҷрои барномаҳои давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ барои ҷамъбаст ва баррасӣ дар маҷлисҳои Шӯро ба котиби Шӯро ба таври расмӣ пешниҳод менамоянд.

19. Нақшаи кори Шӯро барои давраи муайян дар асоси нақшаҳои кори вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои дигари дахлдор бо дар назар доштани пешниҳоди мақоми

ваколатдор баъд аз баррасӣ дар маҷлисҳои Шӯро қабул ва тасдиқ карда мешавад.

20. Қарори Шӯро бо протокол ба расмият даровардa шуда, аз ҷониби раис ва котиби Шӯро ба имзо расонида мешавад.

21. Нусхаи протокол ва иттилооти дигари марбут ба фаъолияти Шӯро дар муддати даҳ рӯзи баъди гузаронидани маҷлис ба маълумоти ҳамаи аъзои Шӯро ва дигар шахсони манфиатдор расонида мешавад.

22. Шӯро барои шунидани ҳисобот метавонад ба маҷлисҳои худ роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо ва дигар шахсони мансабдорро даъват намояд.

23. Шӯро дар мавриди зарурӣ метавонад барои додани хулоса оид ба масъалаҳои дар маҷлисҳои худ баррасишаванда олимон, коршиносон ва мутахассисонро даъват намояд, вале шахсони мазкур дорои ҳуқуқи овоз намебошанд.

**6. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРО ДАР МАҲАЛҲО**

24. Шӯро оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди ҳунармандӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рушди ҳунармандиро дар маҳалҳо таъмин менамоянд.

25. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷики-

стон ва сохторҳои вилоятии он ба шӯроҳо оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди ҳунармандии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ кумаки машваратӣ ва амалӣ мерасонанд.

26. Ҳайати шӯрои маҳаллӣ аз ҳисоби намояндагони сохторҳои вазорату идораҳо, ташкилотҳои дигари дахлдор, ки дар рушди соҳаи ҳунармандӣ иштирок мекунанд, таъсис дода мешавад. Ҳайати Шӯроҳои маҳаллӣ ва низомномаҳои онҳо бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор дар мувофиқа бо Шӯро тасдиқ карда мешаванд.

27. Маҷлисҳои шӯроҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ на камтар аз як маротиба дар се моҳ гузаронида мешаванд.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №502

**Ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) - раиси Шӯро;

- вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини раиси Шӯро;

- сардори раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолони Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон - котиби Шӯро.

Аъзои Шӯро:

- мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;
- сардори раёсати рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон; раиси Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон.

**ЗАМИМАИ №2**

Замимаи 4
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 13 феврали соли 2018, № 60

**Номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона, ки фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ вобаста ба онҳо аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод мебошанд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2019, №605, аз 29.02.2020, №163)**

| | |
|---|---|
| 1. | Атласбофӣ |
| 2. | Адрасбофӣ |
| 3. | Қолинбофӣ |
| 4. | Бофандагӣ |
| 5. | Намадмолӣ |
| 6. | Бофтани маҳсулоти пашмин |
| 7. | Муҳрабофӣ |
| 8. | Кешбофӣ |
| 9. | Ҷӯроббофӣ |
| 10. | Гилембофӣ |
| 11. | Сабадбофӣ |
| 12. | Шерозбофӣ |
| 13. | Алочабофӣ |
| 14. | Бурёбофӣ |
| 15. | Тӯрбофӣ |

| | |
|---|---|
| 16. | Чолбандбофӣ |
| 17. | Беқасаббофӣ |
| 18. | Наддофӣ |
| 19. | Бофтани пӯпаки чодар |
| 20. | Кокулбофӣ |
| 21. | Дукресӣ |
| 22. | Гулбандӣ |
| 23. | Абрбандӣ |
| 24. | Гулдӯзӣ |
| 25. | Дӯзандагӣ |
| 26. | Тоқидӯзӣ |
| 27. | Шероздӯзӣ |
| 28. | Чакандӯзӣ |
| 29. | Зардӯзӣ |
| 30. | Кашидадӯзӣ |
| 31. | Сӯзанидӯзӣ |
| 32. | Ҷомадӯзӣ |
| 33. | Попурзанӣ |
| 34. | Гулбастзанӣ |
| 35. | Лӯхтаксозӣ |
| 36. | Пойафзолдӯзӣ |

| | |
|---|---|
| 37. | Пӯстиндӯзӣ |
| 38. | Чодардӯзӣ |
| 39. | Дарафшдӯзӣ |
| 40. | Камзулдӯзӣ |
| 41. | Мӯзадӯзӣ |
| 42. | Рӯймолдӯзӣ |
| 43. | Чоруқдӯзӣ |
| 44. | Кӯрпадӯзӣ |
| 45. | Чакмандӯзӣ |
| 46. | Лаҷомдӯзӣ ва нухтадӯзӣ |
| 47. | Калобаресӣ |
| 48. | Сиёҳқаламӣ |
| 49. | Қаламадӯзӣ |
| 50. | Заргарӣ |
| 51. | Читгарӣ |
| 52. | Мисгарӣ |
| 53. | Гаҷкорӣ |
| 54. | Сангиосиёбтарошӣ |
| 55. | Кулолгарӣ |
| 56. | Хурмасозӣ |
| 57. | Чармгарӣ |

| | |
|---|---|
| 58. | Шонатарошӣ |
| 59. | Табақтарошӣ |
| 60. | Гаҳворасозӣ |
| 61. | Кошинпазӣ |
| 62. | Наққошӣ |
| 63. | Дуредгарӣ, кандакорӣ |
| 64. | Кундалсозӣ |
| 65. | Қолабрезӣ |
| 66. | Ачубасозӣ |
| 61. | Хотамкорӣ |
| 68. | Қафассозӣ |
| 69. | Наългарӣ |
| 70. | Зину абзолсозӣ |
| 71. | Қаламтарошӣ (аз қамиш) |
| 72. | Мухпарсозӣ |
| 73. | Оштахтасозӣ, косатарошӣ, нонпарсозӣ, элаку |
| 74. | Кордсозӣ |
| 75. | Ҷувозсозӣ, осиёбсозӣ |
| 76. | Рассомӣ |
| 77. | Ҳайкалтарошӣ |
| 78. | Сангтарошӣ |
| 79. | Сандуқсозӣ (дастӣ, бе ҷалби коргари кироя) |
| 80. | Рафидадӯзӣ |
| 81. | Остинчадӯзӣ |

| | |
|---|---|
| 82. | Ҳалвопазӣ |
| 83. | Нишаллопазӣ |
| 84. | Сумалакпазӣ |
| 85. | Бичакпазӣ |
| 86. | Бурракпазӣ |
| 87. | Омочпазӣ |
| 88. | Лочирапазӣ |
| 89. | Кулчаикалонпазӣ (бе ҷалби коргари кироя) |
| 90. | Гирдачапазӣ (бе ҷалби коргари кироя) |
| 91. | Чаппотипазӣ (бе ҷалби коргари кироя) |
| 92. | Кулчаичойникпазӣ (бе ҷалби коргари кироя) |
| 93. | Тунукчапазӣ (бе ҷалби коргари кироя) |
| 94. | Фатирпазӣ (чормағзӣ, кадугӣ, ҷаззагӣ, пиёзӣ ва ғайра) |
| 95. | Таҳмолпазӣ |
| 96. | Қаламапазӣ |
| 97. | Чалпакпазӣ |
| 98. | Нони сатрипазӣ |
| 99. | Карнайсозӣ |
| 100. | Дуторсозӣ |
| 101. | Думбрасозӣ |
| 102. | Доирасозӣ |
| 103. | Найсозӣ |
| 104. | Рубобсозӣ |

| | |
|---|---|
| 105. | Пиллапарварӣ |
| 106. | Пиллакашӣ |
| 107. | Пиллапазӣ |
| 108. | Пилларесӣ (қарори Ҳукумати ҶТ аз 29.02.2020, |

***Эзоҳ:*** 1. Соҳибкорони аз рӯи номгӯи мазкур фаъолияткунанда уҳдадоранд оид ба истеҳсол, фурӯш ва хизматрасонӣ аз рӯи натиҷаи ҷамъбасти сол ба мақомоти омори маҳалли фаъолият тибқи талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи омор ҳисобот пешниҳод намоянд.

2. Фурӯш (иҷрои кор, хизматрасонӣ), аз ҷумла хизматрасониҳои таъмиру омӯзишӣ вобаста ба намудҳои фаъолияте, ки дар номгӯи мазкур пешбинӣ шудаанд, ба шарте аз пардохти ҳамаи намуди андозҳо озод карда мешаванд, ки агар ин фаъолият дар хона ё ҷойҳои ҷудокардашудаи махсус анҷом ёфта бошад.

3. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷойҳои махсусро барои фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ муайян намоянд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.11.2019 № 605).

**ЗАМИМАИ №3**

**Қарори**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Дар бораи тасдиқи Тартиби бастани шартномаи шогирдӣ аз 30 декабри соли 1998, №528 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 17. 03. 2017, №134)**

1. Мутобиқи моддаи 29 Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дарёфти ихтисоси ибтидоӣ доир ба соҳаи корхона корфармо ҳуқуқ дорад бо ашхоси ҷӯёни кор барои таълими касб шартномаи шогирдӣ (мннбаъд шартнома) бандад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 17.03.2017, №134)*.

2. Корфармое, ки шогирдонро қабул менамояд, барои таъмини омӯзиши мувофиқ бояд худаш боихтисос бошад, ё ин ки барои таъмини чунин омӯзиш шахсеро, ки дар хизмати ӯ мебошад ва ихтисоси лозимӣ дорад, ҷалб менамояд. Корхонае, ки дар он омӯзиш гузаронида мешавад бояд чунин бошад, ки таълими лозимии шогирдро ба ихтисоси омӯзанда таъмин намояд.

3. Барои омода кардани ҷавонон ба кори истеҳсолот хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсусро ҷиҳати иҷрои кори сабуке, ки ба саломатӣ зарар намерасонад ва ҷараёни таълимро халалдор намесозад, дар вақти холӣ пас аз расидан ба синни чордаҳсолагӣ бо мувофиқаи яке аз волидон ё шахси ивазкунандаи онҳо ба шогирдӣ қабул карда мешаванд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 17.03.2017, №134)*.

4. Тамоми ашхоси аз синни бисту яксола хурд ба кор танҳо баъди муоинаи пешакии тиббӣ ба мақсади муайян кардани мутобиқати кори иҷрошаванда ба саломатии онҳо ва пешгирии бемориҳои касбӣ ҳатман бояд аз муоинаи тиббӣ гузаранд.

5. Шартномаи шогирдӣ ба таври хаттӣ дар ду нусха тартиб дода шуда, ба он тарафҳо имзо менамоянд.

Дар матни шарнома бояд:

- ҷойи кор (номи корхона ва ё воҳидҳои муайян);
- вазифаи меҳнатии кормандон;

- рӯзи оғози кор (омӯзиш);
- мухлати амали шартномаи меҳнатӣ;
- ҳаҷми музди меҳнат, (он аз ҳаҷми маоши минималӣ бояд кам набошад);
- давомнокӣ ва низоми вақти кор;
- давомнокии рухсатии меҳнатӣ;
- касб ва ихтисосе, ки баъд аз тамом намудани омӯзиш, шогирд соҳиби он мешавад;
- шартҳои қатъ намудани шартномаи шогирдӣ *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 17.03.2017, №134)*.

6. Ашхоси таълимгирифта баъд аз анҷоми мухлати шогирдӣ имтиҳон месупорад. Дар асоси натиҷаҳои имтиҳон ба онҳо тахассуси дахлдор (гурӯҳ, дараҷа, категория)-и касбӣ дода, мувофиқи ихтисоси гирифтаашон кор пешниҳод карда шуда, қарордод баста мешавад.

**ЗАМИМАИ №4**

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 5 декабри соли 2017, 568
тасдиқ шудааст

## Тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия (минбаъд - Тартиб) дар асоси моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти калонсолон" таҳия шуда, тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия дар соҳаи таҳсилоти калонсолонро муайян менамояд.

2. Таҳсилоти калонсолон бо назардошти таҳсилоти касбӣ ва худомӯзӣ дар раванди таҳсилот барои гирифтани салоҳияти касбӣ ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи калонсолон аз ҷониби муассисаи таҳсилоти калонсолон (минбаъд - муассисаи таълимӣ) муайян ва муқаррар карда мешавад.

3. Таҳсилоти калонсолон бо мақсади мусоидат ба инкишофи шахсияти инсон, такмили муттасили салоҳияти касбӣ, таҳкими нерӯи эҷодӣ ва қонеъгардонии талаботи калонсолон ба дониш, малака ва маҳорат, мутобиқшавӣ ба талаботи бозори меҳнат, инкишофи маънавӣ ва такомули шахсӣ ташкил карда мешавад.

4. Эътирофи салоҳияти касбии бадастовардаи таълимгирандаи калонсол дар доираи таҳсилоти расмӣ тибқи тартиби муқарраргардида бо додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (шаҳодатнома) ва сертификат (барои курсҳои кӯтоҳмуддат) амалӣ карда мешавад.

5. Раванди таълими калонсолон дар асоси таснифоти давлатии касбҳои коргарӣ, вазифаҳои хизматчиён ва дараҷаҳои тарифӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои таълимӣ, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори

давлатӣ дар соҳаи маориф тасдиқ шудааст, ба роҳ монда мешавад.

6. Муассисаи таълимӣ танҳо баъд аз гирифтани иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти таълимӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ба фаъолияти таълимӣ машғул мешавад.

## 2.ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА ШАКЛҲОИ ОН ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

7. Ташкили раванди таълим барои калонсолон тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи давлатии "Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон", марказҳои касбомӯзии дар тобеияти вазорату идораҳо фаъолиятдошта, дигар марказҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ амалӣ карда мешавад.

8. Таҳсилоти калонсолон метавонад тавассути иштироки калонсолон дар семинарҳои омӯзишӣ, гирифтани таълим аз омӯзгорони алоҳида, шогирдӣ ва омӯзиш дар истеҳсолот ва худомӯзӣ амалӣ карда шавад.

9. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон фаъолияти худро метавонанд дар доираи фармоиши давлатӣ ройгон ва илова бар фармоиши давлатӣ мувофиқи шартнома пулакӣ амалӣ созанд.

10. Намудҳои муассисаҳои таълимӣ барои калонсолон мутобиқи сатҳ ва самти барномаҳои таьлимии тасдиқшуда муайян карда мешаванд.

11. Таҳсилоти калонсолон аз рӯи барномаҳои асосӣ ва иловагии таълимӣ, барномаҳои асосии таълимоти касбӣ амалӣ карда мешаванд.

12. Барои азхудкунии барномаҳои иловагии таълимӣ калонсолон бе пешниҳоди талабот ба сатҳи таҳсилот роҳ дода мешавад, агар барои амалисозии ин барномаҳои таълимӣ шартҳои дигар пешбинӣ нашуда бошад.

13. Таҳсилоти калонсолон дар доираи таҳсилоти касбӣ, бо додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (шаҳодатнома) ва сертификат ба анҷом расонида мешавад.

14. Таҳсилоти калонсолон таҳсилоти муттасил ва таҳсилоти расмии ба амалия ва назария асосёфтаро фаро мегирад.

15. Таҳсилоти калонсолон ба таври алоҳида, мувофиқи шавқу рағбат, майлу ҳавас, бо назардошти сатҳи таҳсилот, тахассус, собиқаи корӣ, синну сол, вазъи саломатӣ дар шаклҳои гуногуни ташкилӣ, аз қабили машғулият, дарс, лексия, машғулияти алоҳида, конфронс, семинар, хониш, саёҳат, корҳои амалӣ дар озмоишгоҳҳо ва устохонаҳо, дар корхонаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ ва дар шаклҳои гуногуни бо нақшаи таълимии муассисаи таҳсилоти калонсолон пешбинишуда ташкил карда мешавад.

16. Шумораи таълимгирандагон дар гурӯҳҳо вобаста ба самт ва имконияти раванди таълим, инчунин тартиби ташкили раванди таълими алоҳида ё гурӯҳӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон аз ҷониби муассисаи таҳсилоти калонсолон муайян карда мешаванд.

17. Муассисаҳои таҳсилоти расмии калонсолон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хатмкунандагони худ аз рӯи натиҷаи таҳсилоти касбӣ ҳуҷҷати намунаи давлатӣ медиҳанд.

## 3. ТАРТИБИ ЭЪТИРОФИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ БАДАСТОВАРДАИ ТАЪЛИМГИРАНДАИ КАЛОНСОЛ

18. Салоҳияти касбии бадастовардаи таълимгирандагони калонсол дар раванди азхудкунии барномаҳои асосӣ ва иловагии таълимӣ, барномаҳои асосии таълимоти касбӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ бо супурдани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (шаҳодатнома) тасдиқ ва эътироф карда мешавад.

19. Дар муассисаи таълимӣ барои тасдиқ ва эътирофи салоҳияти касбии таълимгирандагон комиссияи имтиҳонотӣ (минбаъд - комиссия) иборат аз панҷ нафар аз ҳисоби омӯзгорон ва мутахассисони соҳибтаҷриба таъсис дода мешавад.

20. Комиссия раванди арзёбии салоҳиятҳои касбии таълимгирандаро мутобиқи усулҳои муқарраргардида баргузор намуда, натиҷаи онро дар протокол дарҷ менамояд, ки ба он раиси комиссия имзо мегузорад.

21. Қарори комиссия оид ба додан ё надодани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (шаҳодатнома) бо тарафдории аз се ду ҳиссаи аъзои комиссия қабул карда мешавад.

22. Раванди арзёбии салоҳияти касбии таълимгиранда аз қисмҳои назариявӣ ва амалӣ иборат буда, дар қисми назариявӣ тавассути ҷавобҳо ба саволҳои тестӣ ва қисми амалӣ бошад дар ҷойи корӣ барои иҷрои намудҳои мушаххаси фаъолият амалӣ карда мешавад.

23. Пас аз ба итмом расидани раванди таълими таълимгиранда ҳуҷҷатҳо ва қарори комиссия аз ҷониби муассисаи таълимӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бойгонӣ ҷойгир карда мешаванд.

**4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

24. Таълимгирандагоне, ки барои эътирофи салоҳияти касбӣ ба муассисаи таълимӣ омадаанд, уҳдадоранд раванди таълимро аз рӯи барномаҳои таълимӣ аз худ намоянд.

25. Муассисаи таълимӣ барои омӯзонидани барномаҳои таълимӣ ба таълимгирандагон уҳдадор буда, барои ба таври дахлдор риоя накардани Тартиби мазкур тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

**ЗАМИМАИ №5**

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ БАРНОМАИ РУШДИ ҲУНАРМАНДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳунармандӣ" ва моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1.Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2.Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо амалисозии Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва нақшаи чорабиниҳои онро таъмин намуда, охири ҳар сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 28 октябри соли 2020, № 570

ш. Душанбе

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 октябри соли 2020,
№570

**БАРНОМАИ РУШДИ ҲУНАРМАНДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025**

**1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

1. Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (минбаъд - Барнома) бо мақсади эҳё ва инкишофи ҳунарҳои миллӣ ва муосир, таҳкими мероси фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои таърихии ҳунаромӯзии халқ, ҷалб ва ҳавасмандгардонии ҳамаҷонибаи аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, ташаккул, дастгирии фаъолияти ҳунармандӣ ҳамчун воситаи васеъ намудани шуғли пурмаҳсул, бахусус барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ таҳия гардидааст.

2. Вазифаҳои Барномаро ташаккули заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалии соҳаи ҳунармандӣ, рушди инфрасохтори соҳаи ҳунармандӣ, васеъ намудани дастрасии ҳунармандон ба таҳсилоти касбӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва валидатсияи салоҳияти касбӣ, мусоидат дар тарғиби ҳунармандӣ ва кӯмак ба дарёфти бозори байналмилалии фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ ташкил медиҳад.

3. Дар раванди амалисозии Барнома ба роҳ мондани ҳамкориҳои васеи тарафҳои манфиатдор ҷиҳати рушди

ҳунарҳои мардумӣ, ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шарикони рушд пешбинӣ шудааст.

## 2. ВАЗЪИ ФЕЪЛИИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ

4. Ҷиҳати тақвият бахшидани рушди ҳунарҳои мардумӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2018, №60 "Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451" ба 104 намуди фаъолият оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона, фурӯш, иҷрои кор ва хизматрасонӣ аз пардохти ҳама намудҳои андоз озод карда шуд, ки ба рушди ҳунармандӣ мусоидат намуда, ҳунармандонро ҳавасманд кард.

5.Бо мақсади мукаммал гардондани махзани иттилоотии ҳунарҳои мардумӣ ва ҷамъоварии маълумоти дақиқ вобаста ба ҳунармандон ва корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ дар асоси пешниҳоди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар соли 2019 аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 1100 ҳунарманди касбӣ ва расмӣ ба рӯйхат гирифта шуданд. Тибқи тадқиқоти гузаронидаи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси ҷумҳурӣ 6805 ҳунарманд фаъолият менамояд, ки онҳо аз рӯи усули омӯзиши амалии "Устод-шогирд", аъзои хонавода ва кормандони корхонаҳои истеҳсолӣ ба ҳунармандӣ машғул мебошанд. Аз ҷумла, ҳунармандон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 563 нафар, вилояти Хатлон 2431 нафар, вилояти Суғд 1831 нафар, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1424 нафар ва дар шаҳри Душанбе 556 нафар ҳунармандон кору фаъолият менамоянд.

6.Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳунармандон асосан ба истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ (сӯзанӣ, тоқӣ ва сару либос), бофандагӣ (қолинҳо, адрасу атлас, ҷуроб ва кешбофӣ), кандакорӣ, дуредгарӣ, кулолгарӣ, сабадбофӣ, гаҷкорӣ, заргарӣ, оҳангарӣ, чӯбтарошӣ, коркарди металл, пазандагӣ, наққошӣ, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, сангтарошӣ, эҳёгарӣ ва самтҳои дигар машғул мебошанд.

7.Соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои кишвар, аз ҷумла Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Конибодом, Гулистон, Бӯстон, Исфара, Хоруғ, Бохтар, Кӯлоб, Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат, Роғун, Мастчоҳ, Рӯшон, Ишкошим, Шуғнон, Бобоҷон Ғафуров, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Варзоб, Рашт, Файзобод, Шаҳритуз, Панҷ ва Восеъ мағозаю дӯконҳои фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, коргоҳҳои истеҳсоли атласу адрас ва корхонаҳои дӯзандагию бофандагӣ ифтитоҳ ёфтанд.

8. Таҳлил нишон медиҳад, ки асосан омӯзиши касбу ҳунар бо тарзи омӯзиши амалии "Устод-шогирд" аз ҳисоби аъзои оила ва хонадон ба роҳ монда шудаасту аксар ҳунармандони ҷавон доир ба касбу ҳунари омӯхтаашон ягон ҳуҷҷати тасдиқкунанда надоранд. Бо қабул шудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 декабри соли 2017, №568 "Дар бораи Тартиби амалисозӣ ва расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия" на танҳо ҳунармандон, балки ҳамаи онҳое, ки малакаву маҳорати касбӣ доранд, метавонанд дар сурати гузаштан аз имтиҳон соҳиби ҳуҷҷати намунаи давлатӣ гарданд. Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" ва филиалҳои он барои шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии шаҳрвандон

фаъолияти худро равона намуда, малакаи 2294 шаҳрванди синну соли гуногунро бо шаҳодатнома тасдиқ намудааст.

9.Омӯзиши васеи ҳунарҳои мардумӣ дар муассисаҳои таълимии системаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаи таълимии дигари дахлдор ба роҳ монда шуда, ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ фаро гирифтани занони ҳунарманду хонашин эътибори махсус дода мешавад.

10.Маҳсулоти истеҳсолнамудаи ҳунармандон тавассути 140 мағозаи фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ, ки дар ҷумҳурӣ ташкил шуда, ба харидорон пешниҳод карда мешавад. Рушди ҳунарҳои мардумӣ бевосита ба ташаккулёбии бозори меҳнат ва таъмини шуғли аҳолӣ таъсири самарабахш мерасонад. Теъдоди муайяни аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ дар аксари мавриди бо аъзои оилаашон бо шуғл таъмин мегарданд. Бо ин роҳ занон, нафақахӯрон, наврасон ва ҳатто маъюбон ба шуғли пурмаҳсул фаро гирифта мешаванд.

11. Вобаста ба тарғибу ташвиқи ҳунарҳои бадеии халқӣ, дастгирии ҳунармандон ва муаррифии маҳсули эҷоди онҳо, бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2018, №АП-1140 Ҷадвали баргузории фестивал, намоиш, ид ва озмунҳои анъана ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 тасдиқ шудааст. Тибқи ҷадвали мазкур як қатор фестивалу озмунҳо, аз ҷумла фестивали заргарӣ таҳти унвони "Ҳунар омӯз...", фестивали ҷумҳуриявии "Чакомаи гесӯ", фестивали ҷумҳуриявии "Ҳунар беҳтар аз зар бувад", "Атласу адрас", фестивали "Сад ранги чакан", озмунҳои "Ҳунарҳои ороишӣ аз санг", "Дастархонорой", "Кадбонуи беҳтарин", "Кандакорӣ, гаҷкорӣ, оинабандӣ ва

кундалнигорӣ", "Кулолгарӣ, чӯбтарошӣ ва сабадбофӣ" ва ғайраҳо доир мегардиданд.

12. Дар сохтори истеҳсолӣ муайян намудани соҳаи ҳунармандӣ ба инобат гирифтани нишондиҳандаҳои зерин муҳим ҳисобида мешаванд:

- ҳаҷми маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ дар маҷмӯи истеҳсоли маҳсулот муайян карда мешавад;
- рушди омори соҳавӣ бо дар назар доштани намуд ва шакли фаъолият, синну сол, нишондиҳандаҳои гендерӣ, дараҷаи таҳсилоти касбӣ, таҳлили мунтазами мушкилоти соҳавӣ ба роҳ монда мешавад;
- шароити зарурӣ барои иштироки бевоситаи ҳунармандон дар таъмини истеҳсол ва фурӯши маҳсулот таъмин карда мешавад.

## 3. МУШКИЛОТ ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ

13. Бо вуҷуди то ҳадди муайян ба танзим даромадани муносибатҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии ҳунармандӣ, айни замон барои пешбурди фаъолияти ҳунармандон ва рушди ҳунармандӣ андешидани тадбирҳои зерин саривақтӣ шуморида мешаванд:

- такмил ва тақвияти заминаи ҳуқуқии соҳаи ҳунармандӣ ва таҳияи механизми амалисозии он, рушди инфрасохтори соҳа аз сатҳи ҷумҳуриявӣ то сатҳи маҳаллӣ;
- ба роҳ мондани омори бақайдгирии ҳунармандон ва истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ;
- амалисозии пурраи имтиёзҳои андозӣ ва гумрукии соҳаи ҳунармандӣ ва васеъ намудани дастрасӣ ба маблағҳои молиявии камарзиш (қарзҳои имтиёзнок) барои ҳунармандон;

- устувор намудани талабот нисбати сифати маҳсулот ва хизматрасонии ҳунармандон ва дастгирии воридшавии онҳо ба бозори байналмилалии ҳунармандӣ;

- васеъ намудани дастрасӣ ба омӯзиши асосҳои соҳибкорӣ, донишҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои ҳунармандон ҷиҳати иштирок дар муносибатҳои бозоргонӣ заруранд;

- ташкил ва роҳандозӣ намудани омӯзиш дар марказҳои ҳунарҳои миллӣ ва муосир бо ҷалби аъзои Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон;

- таъмини дастрасӣ ба ашёи хом ва мавод барои истеҳсоли маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ.

14. Ташаккули заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалии соҳаи ҳунармандӣ амалисозии чораҳои зеринро дар назар дорад:

- таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар соҳаи ҳунармандӣ, ки санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст;

- таҳияи номгӯйи касбҳои ҳунармандӣ ва таснифоти он;

- идомаи такмили сохтори идоракунии соҳаи ҳунармандӣ;

- таҳия ва тасдиқи низомномаи марказҳои ҳунарҳои миллӣ ва муосир ва низомномаи намунавии мактаби "Устод-шогирд" аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии соҳа.

15. Рушди инфрасохтори соҳаи ҳунармандӣ амалисозии чораҳои зеринро дар назар дорад:

- таъсиси марказҳои ҳунарҳои миллӣ ва муосир дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, такмили ихтисоси кормандони ин марказҳо;

- созмон додани низоми ҷамъоварии маълумоти омори расмии соҳаи ҳунармандӣ;

- гузаронидани тадқиқот ҷиҳати муайянсозии тамоюли рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии раванди ташаккули бозори фурӯши маҳсулоти аз ҷониби ҳунармандон истеҳсолшуда ва эҳёи ҳунарҳо;

- таъсис ва нигоҳдории сомонаи махсус оид ба ҳунармандӣ бо таъмини дастрасии он ба ҳунармандон ва сайёҳони хориҷӣ;

- мусоидат ба ҳунармандон ҷиҳати ҷудо намудани қитъаи замин ва ё иншоот, пайвастшавӣ ба шабакаи коммуникатсияи муҳандисӣ, таъмини таҷҳизот, ашё ва маҳсулоти зарурӣ;

- ташкили растаҳо, мағозаҳо ва нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ дар маркази шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳот;

- дар заминаи осорхонаҳои шаҳру ноҳияҳо ташкил намудани гӯшаи алоҳидаи ҳунарҳои миллӣ ва муосир бо дар назар доштани муҳиммияти пешниҳоди маълумот оид ба таърихи пайдоиш ва рушди маҳсулоти ҳунармандӣ.

16. Васеъ намудани дастрасии ҳунармандон ба таҳсил, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва валидатсияи малакаҳои касбӣ амалисозии чораҳои зеринро дар назар дорад:

- таҳияи стандарти таълимии касбу ҳунар ва дар асоси он таҳия намудани нақша ва барномаи таълимӣ;

- васеъ намудани доираи фарогирии ҳунармандон ба касбомӯзӣ ва валидатсияи малакаву маҳорат;

- гузаронидани дарсҳои амалӣ аз ҷониби устодон барои ҳунармандони навомӯз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ тибқи талаботи байналмилалӣ.

17. Мусоидат ба тарғиботи ҳунармандӣ ва кумак ба дарёфти бозори байналмилалии фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ амалисозии чораҳои зеринро дар назар дорад:

- таҳияи барномаҳои рушди ҳунармандӣ дар сатҳи минтақаҳо бо роҳандозӣ намудани тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ барои рушди ҳунармандӣ;
- ташкили намоишгоҳи доимоамалкунандаи фурӯши молу маҳсулоти истеҳсолкардаи ҳунармандон;
- гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ дар шаҳру ноҳияҳо оид ба бақайдгирии ҳунармандон дар мақомоти андоз ва истифодаи имтиёзҳои андозию гумрукӣ, инчунин истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва омода намудани ҳисоботи оморӣ;
- таҳия ва нашри маводи иттилоотӣ оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ҳунармандон;
- ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои миллию байналмилалии соҳаи ҳунармандӣ (намоишгоҳ, озмун, чорабиниҳои иттилоотӣ ва ғайра);
- дастгирии иштироки бевоситаи ҳунармандон ва иттиҳодияи онҳо дар чорабиниҳои байналмилалӣ;
- омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ дар самти рушди ҳунармандӣ ва омода намудани пешниҳод оид ба истифодаи таҷрибаи муосир;
- ташкил ва баргузории конференсияи ҷумҳуриявӣ оид ба рушди ҳунарҳои миллӣ ва муосир;
- иштирок ва муаррифии маҳсулоти ҳунарҳои миллӣ ва муосир дар намоишгоҳи байналмилалӣ.

18. Мавҷуд набудани феҳристи касбҳои ҳунармандӣ ва номгӯйи намудҳои ҳунармандӣ ҷиҳати дуруст пеш бурдани омор дар минтақаҳо, таҳлили вазъ ва ташкили касбомӯзӣ, эътирофи расмии ба малакаву маҳорати ҳунар-

мандон ва ҷанбаҳои дигари муҳимми он ба рушди ҳунармандӣ таъсири манфӣ мерасонад.

19. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ имкони ба рақобат рӯ ба рӯ гардидани истеҳсолкунандагони маҳсулоти ҳунармандии ватанӣ вуҷуд дорад ва ин омил амалӣ намудани тадбирҳои иловагии дастгирии онҳоро тақозо менамояд. Фаъолият дар самти дастгирии давлатии ҳунармандӣ бояд тавре сурат гирад, ки маҳсулоти ҳунармандон дар тамоми бозору ярмарка ва намоишгоҳ пешниҳод шуда бошад. Дар баробари ин, фаъолияти ҳадафмандона баҳри ҳифз ва омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ, пешбурди феҳристи ҳунармандӣ, инъикоси ҳунарҳои миллӣ ва мубориза бо истеҳсоли маҳсулоти қалбакӣ, аз ҷумлаи тадбирҳои муҳим дар ҷодаи рушди ҳунарҳои мардумӣ мебошанд.

## 4.МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ РАВАНДИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА

20. Мониторинг ва арзёбии амалисозии Барнома аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

21. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳангоми гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии Барнома намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва коршиносонро ҷалб намояд.

## 5. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

22. Барои таъмини амалишавии Барнома андешидани чораҳои молиявӣ зарур аст.

23. Маблағгузории Барнома ва нақшаи чорабиниҳои амалигардонии он аз рӯи сарчашмаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- маблағҳои буҷети ҷумҳуриявии барои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор пешбинигардида;

- маблағҳои махсуси Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор;

- маблағҳои бахши хусусӣ ва созмонҳои байналмилалӣ;

- манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

24. Иҷрокунандагони масъули чорабиниҳои Барнома барои ҷалби маблағгузории иловагӣ бо шарикони рушд, бахши хусусӣ ва корфармоёни алоҳида ҳамкориро ба роҳ монанд.

**Замимаи 2**
**ба қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 28 октябри соли 2020, №570**

**Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025**

| № т/т | Номгӯи чорабиниҳо | Масъулин | Нишон-шон-додҳои арзёбӣ | Мухлати иҷро | Хароҷоти молиявӣ (ҳазор сомонӣ) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | аз ҳисоби буҷети давлатӣ, (буҷети ҷумҳури-явӣва маҳаллӣ) | аз ҳисоби ман-баъҳои дигар |
| 1. ТАШАККУЛИ ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҳунармандӣ | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор | Замина-ҳои меъё-рии ҳуқуқии соҳаи ҳунар-мандӣ такмил дода шуд | 2021 | | |
| | 2. РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ДАСТГИРИИ ҲУНАРМАНДӢ | | | | | |
| 2. | Таъсиси марказҳои ҳунарҳои миллӣ ва муосир | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Дар ҷумҳурӣ 47 маркази ҳунарҳои миллӣ ва муосир таъсис дода шуд | 2021 | 2021-915,1 | |
| | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3. | Таъмини заминаҳои моддӣ ва техникии марказҳои ҳунарҳои миллӣ ва муосир | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | Марказ ҳои ҳунарҳо и миллӣ ва муосир бо утоқҳои алоҳида , синфхо наҳо ва таҷҳизо ти лозима и корӣ таъмин карда шуд | 2021 - 2025 | 2021-100,0<br>2022-120,0<br>2023-130,0<br>2024-140,0<br>2025-150 ,0 | 2021-40,0<br>2022-40,0<br>2023-40,0<br>2024-40,0<br>2025-40,0 |
| 4. | Ба роҳ мондани омӯзиши кормандони марказҳои ҳунарҳои миллӣ ва муосир | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунармандо ни Тоҷикистон | Барно-маи таъли-мии омода намуда-ни кор-мандони мар-казҳои ҳунарҳои миллӣ ва муосир таҳия шудааст, ҳарсол на кам-тар аз 15 нафар ба | 2021 - 2025 | 2021–50,0<br>2022–50,0<br>2023–50,0<br>2024–50,0<br>2025–50,0 | 2021–20,0<br>2022–20,0<br>2023–20,0<br>2024–20,0<br>2025–20,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | омӯзиш фаро гирифта шуд | | | |
| 5. | Таъсиси низоми ҷамъоварии маълумоти омори расмии соҳаи ҳунармандӣ | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | -Низоми ҷамъоварии маълумоти омори расмии соҳаи ҳунармандӣ созмон дода шудааст; -Ҳамасола ҳунармандон маълумоти омориро пешниҳод менамоянд; -шурӯъ аз соли 2023 Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва | 2021 - 2025 | 2021 – 20,0<br>2022 – 20,0<br>2023 – 20,0<br>2024 – 20,0<br>2025 – 20,0 | 2021-10,0<br>2022-10,0<br>2023-10,0<br>2024 - 10,0<br>2025-10,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Вазорати меҳнат, муҳоҷи-рат ва шуғли аҳолӣ нашри маълу-моти омории соҳаи ҳунар-мандиро таъмин менамо-янд | | | |
| 6. | Гузаронидани тадқиқот ҷиҳати муайянсозии тамоюли рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии раванди ташаккулёбии бозори фурӯши маҳсулоти аз ҷониби ҳунармандон истеҳсолшуда ва эҳёи ҳунарҳо | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби Иттифоқи ҳунарман-дони | Тадқи-қоти тамоюли рушди ҳунар-мандӣ гузаро-нида шуд | 2021 | 2021-100,0 | 2021-100,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Тоҷикистон ва ширкатҳои сайёҳӣ | | | | |
| 7. | Ташкили курсҳои ҳунармандӣ дар марказҳои ҳунарҳои миллӣ ва муосири назди муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, маркази таълими калонсолони Тоҷикистон | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикони рушд ва бахши хусусӣ | Омода кардани касбу ҳунаром ӯзӣ дар марказ-ҳои ҳунар-ҳои миллӣ ва муосир тариқи ройгон аз ҳисоби барно-маи мусо-идат ба шуғли аҳолӣ ба роҳ монда мешавад, инчунин ҳунаром ӯзӣ тариқи шартном авӣ аз ҳисоби шарикон и рушд ба роҳ монда | 2021 - 2025 | 2021-100,0<br>2022-100,0<br>2023-100,0<br>2024-100,0<br>2025-100,0 | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | шуд | | | |
| 8. | Таъсиси сомонаи махсус ва интернет-мағоза оид ба ҳунармандӣ бо таъмини дастрасии он ба ҳунармандон ва сайёҳони хориҷӣ | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши хусусӣ, Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон ва шарикони рушд | Сомонаи иттило-отӣ (бо се забон) ва интернет -мағозаи фурӯши маҳсу-лоти ҳунарма ндон дар шабакаи интернет созмон дода, фаъоли-яти он самара-нок ба роҳ монда шуд | 2021 | 2021-100,0 | 2021 - 1500,0 |
| 9. | Мусоидат намудан ба ҳунарман-дон дар дарёфти сарчашмаҳо и гуногуни молиявӣ, аз | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати | Ҳамасола Мақомо ти иҷроияи маҳал-лии ҳокими-яти | 2021 - 2025 | 2021–100,0<br>2022–100,0<br>2023–100,0<br>2024–100,0<br>2025–100,0 | 2021–40,0<br>2022–40,0<br>2023–40,0<br>2024–40,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҷумла, қарзҳои имтиёзнок ва грантҳои созмонҳои байналми-лалӣ барои пайвастшавӣ ба шабакаҳои коммуникат сионӣ муҳандисӣ, таъмини таҷҳизот, ашё ва маҳсулоти лозимӣ, дар мавридҳои зарурӣ ҷудо намудани иншоот | иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузор ӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунарман-дони Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо | давлатӣ оид ба таъмини ҳунарма ндон бо иншоот, пайваст шавӣ ба шабакаи коммуни катсияи муҳан-дисӣ, таҷҳи-зот, ашё ва маҳсулот и зарурӣ ҳисобот пешни-ҳод намуд | | | 2025–40,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 10. | Ташкили раста, мағоза-фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ дар маркази вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳот, инчунин ташкили барномаҳои консертӣ ва театрикунон идашуда бо ҷалби ҳунармандо ни ҳаваскор | Мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати | -дар маркази вилоятҳо шаҳру ноҳияҳо растаҳо, мағоза-фурӯши маҳсуло-ти ҳунар-мандӣ таъсис дода шуданд; -дар боғҳои фарҳан-гӣ-фароға-тии шаҳру ноҳияҳо растаҳои амалкун андаи намоишӣ ва фурӯши маҳсуло-ти ҳунар-мандӣ ташкил карда шуд | 2021 - 2025 | | 2021–40,0 2022–40,0 2023–40,0 2024–40,0 2025–40,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунарман-дони Тоҷикистон, бахши хусусӣ | | | | |
| 11. | Омӯзиш ва пешниҳод намудани таклиф ҷиҳати васеъ намудани имтиёзҳо ба ҳунармандон барои рушди ҳунармандӣ | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати | Оид ба васеъ намуда-ни имтиёзҳо ба ҳунар-мандон таклиф пешни-ҳод шуд | 2021 | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягу-зорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунарман-дони Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо | | | | |
| 12. | Дар осорхонаи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ташкил намудани гӯшаи алоҳидаи ҳунарҳои мардумӣ | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати | -дар осорхо-наи вилоят-ҳо ва шаҳру ноҳия-вӣ гӯшаи алоҳи-даи ҳунар-ҳои марду-мӣ таъсис | 2021 | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, Иттифоқи ҳунармандо ни Тоҷикистон | дода шуд; -дар меҳмон-хонаҳо, фуруд-гоҳҳо, истгоҳҳо и роҳи оҳан ва нақлиёт, гузар-гоҳҳои зериза-минӣ нуқтаҳои фурӯши маҳсу-лоти ҳунарма ндӣ ташкил карда шуд | | | |
| 3. ВАСЕЪ НАМУДАНИ ДАСТРАСИИ ҲУНАРМАНДОН БА ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ, ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗӢ | | | | | | |
| 13. | Таҳияи стандартҳои касбӣ, нақша ва барномаҳои таълимии касбу ҳунарҳои миллӣ ва муосир | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, | Ҳама-сола барои таҳияи стандарт ҳои таъли-мии касбу ҳунарҳои миллӣ ва муосир, | 2021 - 2025 | 2021–30 ,0<br>2022–30,0<br>2023–30,0<br>2024–30,0<br>2025–30,0 | 2021–100,0<br>2022–100,0<br>2023–100,0<br>2024–100,0<br>2025–100,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунарман-дони Тоҷикистон, Иттиҳодияи корфармо-ёни Тоҷикистон | нақша ва барно-маҳои таълимӣ таҳия гарди-данд | | | |
| 14. | Равнақ додани ҳунарҳои ҳонагӣ, авлодӣ ва эҳё намудани ҳунарҳои қадимаи аз байнрафтаи халқи тоҷик | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунарман-дони Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо | Ҳунар-ҳои хонагӣ, авлодӣ равнақ ёфта, ҳунар-ҳои қади-маи аз байн-рафтаи халқи тоҷик эҳё карда шуд | 2021 - 2025 | 2021–100,0 2022–100,0 2023–100,0 2024–100,0 2025–100,0 | 2021–20,0 2022–20,0 2023–20,0 2024–20,0 2025–20,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 15. | Васеъ ба роҳ мондани касбомӯзии ҳунармандон тавассути марказҳои таълими калонсолони Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таълимӣ | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон | Шумораи ҳунармандони бо валидатсия фарогирифташуда ба 3000 нафар расид | 2021 - 2025 | | 2021-40,0 2022-40,0 2023-40,0 2024-40,0 2025-40,0 |
| 16. | Ташкил ва баргузор намудани семинарҳо ва курсҳои омӯзишӣ барои ҳунарман-дон | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон, мақомоти | Семинар ва курсҳои омӯзишӣ барои ҳунармандон гузаронида шуданд | 2021-2025 | 2021 – 10,0 2022 – 10,0 2023 – 10,0 2024 – 10,0 2025 – 10,0 | 2021–30,0 2022–30,0 2023–30,0 2024–30,0 2025–30,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо | | | | |
| 17. | Ба роҳ мондани омӯзиш бо усули “Усто шогирд” | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунарман-дони Тоҷикистон | Омӯ-зиш ба роҳ монда шуд | 2021 - 2025 | | |
| 18. | Ташкили барномаи алоҳидаи ҳарҳафтаина и телевизионӣ таҳти унвони “Хунарманд ”, “Ҳунар” дар шабакаҳои телевизионӣ | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии | Барно маи телеви зионӣ дар соҳаи ҳунар мандӣ таш-кил карда шуд | 2021 - 2025 | 2021 – 50,0 2022 – 50,0 2023 – 50,0 2024 – 50,0 2025 – 50,0 | 2021 – 20,0 2022 20,0 2023 – 20,0 2024 – 20,0 2025 – 20,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунарман-дони Тоҷикистон | | | | |
| 19. | Гузаронидани дарсҳои амалӣ аз ҷониби устодон барои ҳунармандон и навомӯз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ тибқи талаботи бозори дохилӣ ва байналми-лалӣ | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҳама-сола на камтар аз 4 дарси амалии устои чира-даст гузаро-нида, дар телеви-зион намоиш дода шуд | 2021 - 2025 | 2021–10,0 2022–10,0 2023–10,0 2024–10,0 2025–10,0 | 2021–6,0 2022–6,0 2023–6,0 2024–6,0 2025–6,0 |
| 4. МУСОИДАТ БА ТАРҒИБОТИ ҲУНАРМАНДӢ ВА ДАРЁФТИ БОЗОРҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ФУРӮШИ МАҲСУЛОТИ ҲУ-НАРМАНДӢ | | | | | | |
| 20. | Ворид намудани масъалаҳои рушди ҳунармандӣ дар барномаҳои рушди маҳалҳо дар сатҳи вилоят | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, Вазорати рушди | ба барнома-ҳои рушди вилоят-ҳо, шаҳру ноҳияҳо масъалаҳ ои | 2021 - 2025 | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ва шаҳру ноҳия бо роҳандозӣ намудани тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ барои рушди ҳунармандӣ | иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон, васоити ахбори | рушди ҳунармандӣ ворид карда шуд; -ҳамасола ҳисобот оид ба тадбирҳои пешбинишуда аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешни- | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | омма | ҳод карда шуд | | | |
| 21. | Ташкили намоишгоҳи ҳармоҳаи фурӯши молу маҳсулоти истеҳсол-намудаи ҳунарман-дон | Мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатӣ, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунарман-дони Тоҷикистон | Дар вилоят-ҳо, шаҳри Душан-бе ва ноҳия-ҳои алоҳи-дае, ки иқти-дори рушди сайёҳӣ доранд, намо-ишгоҳи ҳар-моҳа ташкил карда шуд | 2021 - 2025 | 2021–100,0 2022–100,0 2023–100,0 2024–100,0 2025–100,0 | 2021–40,0 2022–40,0 2023–40,0 2024–40,0 2025–40,0 |
| 22. | Гузарони-дани семинарҳои омӯзишӣ дар шаҳру ноҳияҳо оид | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Кумитаи рушди | Ҳама-сола на камта р аз 5 семина | 2021 - 2025 | 2021–50,0 2022 – 50,0 | 2021–50,0 2022–50,0 2023–50,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ба бақайдгирии ҳунармандон дар мақомоти андоз ва истифодаи имтиёзҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ | сайёҳӣ, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор | ри омӯзиш ӣ гузаронида шуд | | 2023 – 50,0<br>2024 – 50,0<br>2025 – 50,0 | 2024–50,0<br>2025–50,0 |
| 23. | Ҳамасола ба чоп расонидани китоби махсус таҳти унвони “Беҳтарин ҳунарман-дони Тоҷикистон” ё “Ҳунари тоҷикон” ва муаррифӣ намудани китоб тавассути воситаҳои ахбори омма | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои | Ҳама-сола на камтар аз 300 адад китоб чоп карда шуд | 2021-2025 | 202–150,0<br>202–150,0<br>2023–150,0<br>2024 150,0<br>2025–150,0 | 2021–100,0<br>2022–100,0<br>2023–100,0<br>2024–100,0<br>2025–100,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунарман-дони Тоҷикистон | | | | |
| 24. | Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии соҳаи ҳунармандӣ | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумрурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии | Ҳамасола на камтар аз як чорабинии ҷумҳу-риявӣ дар соҳаи ҳунар-мандӣ гузаро-нида шуда, Конфе-ренсия, семи-нар ва чорабиниҳои дигари байналмилалӣ баргу-зор гардид | 2021 - 2025 | 2021–30,0 2022–30,0 2023–30,0 2024–30,0 2025–30,0 | 2021–200,0 2022–200,0 2023–200,0 2024–200,0 2025–200,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон дар ҳамдастӣ бо шарикон оид ба рушд | | | | |
| 25. | Ташкил ва баргузор намудани форуми байналмилалӣ дар мавзӯи “Ҳунармандӣ” дар доираи ҷашни 20-солагии Созмони Ҳамкориҳои Шанхай | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумрурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии | Фору-ми байналмилалӣ дар мавзӯи “Ҳунармандӣ” дар доираи ҷашни 20-сола-гии Соз-монӣ Ҳамко-риҳои Шанхай гузаро-нида шуд | 2021 | | 2021–50,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҷумҳурииии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунарман-дони Тоҷикистон | | | | |
| 26. | Мусоидат ҷиҳати иштирок ва муаррифии маҳсулоти ҳунармандон ва иттиҳодияи онҳо дар чорабини-ҳои байналмилалӣ ва рӯнамои ҳунарҳои миллӣ дар ҳориҷи кишвар | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи | Ҳар сол иштиро-ки ҳунар-мандон ва иттиҳо-дияи онҳо дар як чораби-нии байналм илалӣ дар соҳаи ҳунарма ндӣ таъмин | 2021 - 2025 | 2021-100,0<br>2022-100,0<br>2023 - 100,0<br>2024-100,0<br>2025-100,0 | 2021 – 100,0<br>2022 – 100,0<br>2023 – 100,0<br>2024 – 100,0<br>2025 – 100,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, Иттифоқи ҳунарман-дони Тоҷикистон | карда шуд | | | |
| 27. | Таҳия ва ба нашр расонидани буклетҳо, роҳнамоҳо, маҷмӯаҳои гуногун дар бораи ҳунарҳои миллӣ ва муосир вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати | Буклет-ҳо, роҳна-моҳо, маҷмӯ-аҳои гуногун дар бораи ҳунар-ҳои миллӣ ва муосир вобаста ба минта- | 2021 - 2025 | 2021 – 10,0<br>2022 – 10,0<br>2023 – 10,0<br>2024 – 10,0<br>2025 – 10,0 | 2021 – 50,0<br>2022 – 50,0<br>2023 – 50,0<br>2024 – 50,0<br>2025 – 50,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизоин ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | қаҳои ҷумҳурӣ ба нашр расиданд | | | |
| 28. | Бо мақсади ҳарчи бештар муаррифӣ намудани ҳунарҳои миллӣ ташкили гушаи махсус дар фурудгоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан, марказҳои савдо, меҳмонхона-ҳо, сафоратхона-ҳо консулгариҳо ва намояндаги-ҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар фуруд-гоҳҳо, истгоҳ-ҳои роҳи оҳан, марказ-ҳои савдо, меҳмон-хонаҳо, сафорат-хонаҳо консулг-ариҳо ва намоян-дагиҳои Ҷумҳу-рии Тоҷикис-тон дар хориҷи кишвар гӯшаи махсуси ҳунарҳои миллӣ ташкил карда шуд | 2021 - 2023 | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 29. | Ташкил ва баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии “Ҳунарманди сол” | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | Ҳамасола дар сатҳи ҷумҳури озмунҳо гузаронида шуданд | 2021 - 2025 | 2021 – 20,0<br>2022 – 20,0<br>2023 – 20,0<br>2024 – 20,0<br>2025 – 20,0 | 2021 – 10,0<br>2022 – 10,0<br>2023 – 10,0<br>2024 – 10,0<br>2025 – 10,0 |
| 30. | Таъсис додани гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии ҳунармандон ва рушди ҳунармандӣ | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор | Шурӯъ аз соли 2022 гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии ҳунармандон ва рушди ҳунар- | 2022 - 2025 | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | мандӣ таъсис дода шуд | | | |
| 31. | Ташкил ва баргузор намудани фестивал ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Ҳунар беҳтар аз зар бувад", "Ҳунарманд ҳар куҷо бошад сарфароз", "Таомҳои миллӣ" "Беҳтарин усто", "Беҳтарин шогирд" ва "Беҳтарин армуғон" | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизоин ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, Иттифоқи ҳунармандо | Ҳама-сола фести-вал ва озмун-ҳои ҷумҳу-риявӣ дар сатҳи ноҳия, шаҳр, вилоят ва ҷумҳу-рӣ гузаро-нида шуданд | 2021 - 2025 | 2021 –50,0<br>2022 –50,0<br>2023 –50,0<br>2024 –50,0<br>2025 –65,0 | 2021-10,0<br>2022-10,0<br>2023-10,0<br>2024-10,0<br>2025-10,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ни Тоҷикистон | | | | |
| 32. | Ташкил ва баргузор намудани намоишҳои маҳсулоти истеҳсолнамудаи ҳунармандон (ҳунарҳои авлодӣ ва аз байнрафта) | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҳунарман-дони Тоҷикистон | Ҳама-сола на камтар аз ду мароти-ба дар маркази вилоят-ҳо, шаҳру ноҳияҳо намоиш-ҳо баргузор гарди-данд | 2021-2025 | | |
| 33. | Омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ вобаста ба | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии | Пешни-ҳоди дахлдор оид ба истифо- | 2021-2025 | | 2021–100,0 2022–100,0 2023– |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳунармандӣ | Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҷалби Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон | даи таҷрибаи пешқадам омода карда шуд | | | 100,0 2024–100,0 2025–100,0 |
| | Ҳамагӣ | | | | 6670,1 ҳазор сомонӣ | 6820,0 ҳазор сомонӣ |

**ЗАМИМАИ №6**

## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚАРОР

## Дар бораи Номгӯи касбҳои ҳунармандӣ

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳунармандӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Номгӯи касбҳои ҳунармандӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 26 июни соли 2021, №253
ш. Душанбе

**Замима**
**ба қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 26 июни соли 2021, №253**

## Номгӯи касбҳои ҳунармандӣ

**1. ДАР СОҲАИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРӢ**

1. Қассобӣ
2. Ҷувозкашӣ
3. Дӯғкашӣ
4. Осиёббонӣ
5. Нонпазӣ
6. Самбӯсапазӣ
7. Нишаллопазӣ
8. Қаннодӣ
9. Ҳалвопазӣ
10. Ширинипазӣ
11. Гулобкашӣ

12. Шарбатпазӣ
13. Ошпазӣ
14. Ҳасибпазӣ
15. Панирпазӣ
16. Суманакпазӣ
17. Мевахушконӣ
18. Майкашӣ

**2. ДАР СОҲАИ ИСТЕҲСОЛИ БОФАНДАГӢ ВА ЛИБОС**

19. Наддофӣ
20. Ресандагӣ
21. Рағзабофӣ
22. Адрасбофӣ
23. Алочабофӣ
24. Атласбофӣ
25. Беқасаббофӣ
26. Читгарӣ
27. Болиштдӯзӣ
28. Гулбандӣ
29. Гулдӯзӣ / кашидадӯзӣ
30. Зардӯзӣ
31. Кешбофӣ
32. Қаламкашӣ
33. Порчадӯзӣ
34. Муҳрабофӣ
35. Попурдӯзӣ
36. Рангрезӣ
37. Сӯзанидӯзӣ
38. Чакандӯзӣ
39. Чодардӯзӣ
40. Шерозадӯзӣ
41. Куртадӯзӣ
42. Гаҳворапӯшдӯзӣ

43. Рӯймолдӯзӣ
44. Гилембофӣ
45. Қолинбофӣ
46. Арғамчинбофӣ
47. Тӯрбофӣ
48. Кокулбофӣ
49. Ҷамолакбофӣ
50. Ҷиякбофӣ
51. Намадмолӣ
52. Ҷӯроббофӣ
53. Камзӯлдӯзӣ
54. Ҷомадӯзӣ
55. Телпакдӯзӣ
56. Тоқидӯзӣ
57. Абрбандӣ
58. Кӯрпадӯзӣ
59. Рафидадӯзӣ
60. Дастмолдӯзӣ
61. Лӯхтаксозӣ
62. Чакмандӯзӣ
63. Ҷелакдӯзӣ
64. Даравшдӯзӣ

**3. ДАР СОҲАИ ИСТЕҲСОЛИ ЧАРМ, МАСНУОТИ ЧАРМӢ ВА ПОЙАФЗОЛИ ЧАРМӢ**

65. Чармгари
66. Пӯстиндӯзӣ
67. Сарроҷӣ (ҳунари тайёркунии абзори аспу хар)
68. Маҳсидӯзӣ
69. Мӯзадӯзӣ
70. Кӯҳнадӯзӣ
71. Кафшдӯзӣ
72. Зинсозӣ
73. Қамчинбофӣ

**4. ДАР СОҲАИ КОРКАРДИ ЧӮБ ВА ИСТЕҲСОЛИ МАСНУОТИ ЧӮБӢ**

74. Дуредгарӣ
75. Гаҳворасозӣ
76. Қошуқтарошӣ
77. Сандуқсозӣ
78. Табақтарошӣ
79. Шонасозӣ
80. Кандакорӣ
81. Армуғонсозӣ
82. Қафасбофӣ
83. Сабадбофӣ
84. Катсозӣ
85. Ҷевонсозӣ

**5. ДАР СОҲАИ ИСТЕҲСОЛИ МАСНУОТИ РӮЗГОР**

86. Собунпазӣ
87. Бӯрёбофӣ
88. Ҷорӯббандӣ
89. Нонпарсозӣ / мухпарсозӣ

**6. ДАР СОҲАИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ДИГАРИ МИНЕРАЛИИ ҒАЙРИМЕТАЛЛӢ**

90. Кошинкорӣ
91. Ҳаккокӣ
92. Кулолгарӣ
93. Аъҷубасозӣ
94. Ҳайкалтарошӣ
95. Пайкарасозӣ
96. Мармартарошӣ / сангтарошӣ
97. Сангиосиёбтарошӣ
98. Дарвозасозӣ

**7. ДАР СОҲАИ ИСТЕҲСОЛИ МЕТАЛЛ ВА МАСНУОТИ ТАЙЁРИ ФИЛИЗӢ**

99. Қадоқгарӣ / бандзанӣ

100. Мисгарӣ
101. Кордсозӣ
102. Наългарӣ
103. Оҳангарӣ
104. Тунукасозӣ
105. Заргарӣ
106. Бухорисозӣ / тутасозӣ
107. Заршӯйӣ

**8. ДАР СОҲАИ ИСТЕҲСОЛИ СОЗҲОИ МУСИҚӢ**

108. Рубобсозӣ
109. Найсозӣ
110. Сеторсозӣ
111. Танбӯрсозӣ
112. Удсозӣ
113. Чангсозӣ
114. Сатосозӣ
115. Дуторсозӣ
116. Доирасозӣ
117. Таблаксозӣ
118. Лабчангсозӣ
119. Ғижаксозӣ
120. Пӯсткашии созҳои мусиқӣ
121. Торсозӣ
122. Қонунсозӣ

**9. ДАР СОҲАИ СОХТМОН**

123. Деворгарӣ
124. Меъморӣ
125. Хиштрезӣ
126. Оташдонсозӣ
127. Танӯрсозӣ / чакдонсозӣ
128. Сангчинӣ
129. Гаҷкорӣ
130. Андовамолӣ

131. Гӯрковӣ

**10. ДАР СОҲАИ БЕХДОШТ ВА ТАНДУРУСТӢ**

132. Шикастабандӣ
133. Сартарошӣ
134. Машшотагӣ
135. Сурмагарӣ
136. Дорусозӣ
137. Гиёҳхушконӣ / гиёхдармонӣ
138. Ҳинобандӣ
139. Атторӣ

**11. ДАР СОҲАИ САНЪАТИ НАФИСА**

140. Раққосагӣ
141. Аксиягӯӣ
142. Гурӯғлисароӣ
143. Нақшхонӣ
144. Сароянда гӣ
145. Фалаксароӣ
146. Шашмақомсароӣ
147. Ғижакнавозӣ
148. Карнайнавозӣ
149. Найнавозӣ
150. Рубобнавозӣ
151. Сурнайнавозӣ
152. Мадҳиясароӣ
153. Марсияхонӣ
154. Наътхонӣ
155. Рассомӣ
156. Наққошӣ
157. Миниатюранигорӣ
158. Хаттотӣ
159. Кундалнигорӣ
160. Ҳаҷвиягӯӣ
161. Дорбозӣ

162. Мавригихонӣ

**12. ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ**

163.Занбӯрпарварӣ

164. Гулпарварӣ

165. Шоликӯбӣ

166. Кирмакпарварӣ

167. Боғдорӣ

## МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| **П Е Ш Г У Ф Т О Р........................................** | **3** |
| **ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** | |

| | |
|---|---|
| **ДАР БОРАИ ҲУНАРМАНДӢ** | **9** |
| **БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ** | |
| **Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ** | **10** |
| **Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳунармандӣ** | **15** |
| **Моддаи 3. Вазифаҳои асосии Қонуни мазкур** | **20** |
| **Моддаи 4. Принсипҳои асосии соҳаи ҳунармандӣ** | **23** |
| **Моддаи 5. Самтҳои ҳунармандӣ** | **32** |
| **БОБИ 2. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ** | |
| **Моддаи 6. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳунармандӣ** | **52** |
| **Моддаи 7. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ** | **57** |
| **Моддаи 8. Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳунармандӣ** | **64** |
| **БОБИ 3. СУБЪЕКТИ ҲУНАРМАНДӢ** | |
| **Моддаи 9. Субъекти ҳунармандӣ** | **65** |
| **Моддаи 10. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои ҳунармандӣ** | **67** |
| **БОБИ 4. ОМӮЗИШИ КАСБҲОИ ҲУНАРМАНДӢ** | |
| **Моддаи 11. Омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ** | **78** |
| | |

| | |
|---|---|
| **БОБИ 5. ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ** | |
| **Моддаи 12. Дастгирии давлатии соҳаи ҳунармандӣ** | **82** |
| **БОБИ 6. ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ** | |
| **Моддаи 13. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳунармандӣ** | **87** |
| **БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ** | |
| **Моддаи 14. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур** | **88** |
| **Моддаи 15. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур** | **89** |
| **ЗАМИМАИ № 1** | **91** |
| Замимаи 1 ба ЗАМИМАИ № 1 | **92** |
| Замимаи 2 ба ЗАМИМАИ № 1 | **98** |
| **ЗАМИМАИ №2** | **100** |
| Замимаи 4 ба **ЗАМИМАИ №2** | **100** |
| **ЗАМИМАИ №3** | **106** |
| **ЗАМИМАИ №4** | **108** |
| **ЗАМИМАИ №5** | **112** |
| Замимаи 1 ба **ЗАМИМАИ №5** | **113** |
| Замимаи 2 ба **ЗАМИМАИ №5** | **122** |
| **ЗАМИМАИ №6** | **150** |


**БОБОКАЛОНОВ Ғ. М., МАҲМАДШОЗОДА Ф.А.**

# ТАФСИРИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲУНАРМАНДӢ

*Ба матбаа 13.01.2021супорида шуд.*
*Ба чопаш 16.01.2021 имзо шуд.*
*Қогази офсет. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 3,5.*
*Супориши №02. Адади нашр 100 нусха.*
*Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*ш. Душанбе кӯчаи Лоҳутӣ, 2.*